**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 316.422 (575.3)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**АБДУҶАББОРЗОДА ДИЛОРОМ АБДУҶАББОР**

# ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ ДАР МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои
иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Фақеров Ҳ.Н.

**Душанбе - 2026**

## МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисорҳо ва аломатҳои шартӣ.................................................. 3

Муқаддима........................................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ**.................................................................. 19

1.1. Асосҳои консептуалӣ ва омилҳои рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити муосир.......................................... 19

1.2. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ.................................... 36

1.3. Моҳият, самтҳои асосӣ ва аҳаммияти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ........................................ 45

**БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ ВА БАҲОДИҲИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**............................................................ 68

2.1. Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ.......................................................................................... 68

2.2. Маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ................................................ 86

2.3. Хусусиятҳо, омилҳо ва самтҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ............. 107

**БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНИИ РАҚОБАТПАЗИР БО ИСТИФОДАИ АШЁИ МАҲАЛЛӢ**.......................................................................... 127

3.1. Ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ.......................................................................................... 127

3.2. Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат.......................................... 143

3.3. Дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар в. Хатлон барои солҳои 2027-2035 дар асоси усулҳои иқтисодӣ-математикӣ.. 162

Хулоса.............................................................................................. 181

Адабиёт............................................................................................ 189

Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ............................ 202

Замимаҳо.......................................................................................... 204

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ААИ – андоз аз арзиши изофашуда

АОНПҶТ- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – воситаҳои ахбори омма

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода

ҶШС – Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

МИР – моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ПИТ – Прогресси илмӣ-техникӣ

СМС – Саноати масолеҳи сохтмонӣ

СҶС – Созмони ҷаҳонии савдо

кг – килограмм

млн. долл – миллион доллар

млн.д – миллион дона

млн.м$^3$ – миллион метри мукааб

млн.т – миллион тонна

моб – маснуоти оҳану бетон

ҳаз.д – ҳазор дона

ҳаз.м$^3$ – ҳазор метри мукааб

ҳаз.тон – ҳазор тонна

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити таҳаввулоти амиқи иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели инноватсионии рушд ҳамчун самти муҳими афзоиши устувор ва рақобатпазир арзёбӣ мегардад.

Зарурати амалӣ намудани равиши рушди инноватсионӣ дар шароити ҷумҳурӣ аз ҷониби институтҳои давлатӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ эътироф ва пуштибонӣ меёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23.12.2023 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд карданд, ки «ҳадафи калидии иқтисоди нав таъмини амнияти миллӣ, афзоиши устувори иқтисодӣ, ҳифзи самаранок аз таҳдидҳои эҳтимолӣ, истифодаи оқилонаи сарчашмаву манбаъҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, таҳкими иқтидори содиротӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонӣ ва васеъ истифода бурдани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди капитали инсонӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад» [4, с. 7].

Барои таъмини рушди устувори иқтисодии ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳим – ин соҳаи саноат маҳсуб меёбад. Татбиқ кардани навовариҳо ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ дар соҳаи саноат метавонад барои афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар, зиёд гардонидани даромадҳои буҷетҳои давлатию маҳаллӣ, инчунин муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ шароити созгор фароҳам созад. Бо дарназардошти он, ки соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ аҳаммияти стратегӣ ва нақши ҳалкунанда дорад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон кард. Дар ин замина, бо дастгириву ғамхориҳои бевосита ва пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати тақвият додани иқтидори саноатии мамлакат ва ҷорӣ намудани технологияву навовариҳои муосир чораҳои мушаххаси мақсаднок роҳандозӣ

шуда, соҳаи саноати миллӣ дар доираи ин амалҳо ба давраи нави рушд ворид гардид.

Бо ҳадафи таҳким додани равандҳои инноватсионӣ, вусъат додани рақамикунонии соҳаҳои гуноугни иқтисоди миллӣ ва самаранок истифода намудани иқтидори технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти иқтисодию истеҳсолӣ, пешниҳоди эълон намудани солҳои 2025 - 2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсияҳо» ба миён омад. Зикр намудан ба маврид аст, ки амалӣ намудани чунин ташаббус барои муҳайё сохтани заминаҳои мусоид барои рушди технологияҳои муосир, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули фаъолияти инноватсионӣ дорои аҳаммияти муҳим мебошад.

Бемалол метавон гуфт, ки диққати махсус ба «рушди капитали инсонӣ, таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири дорои арзиши иловашудаи баланд, алоқамандии илм бо истеҳсолот ва шаклгирии иқтисодиёти ба дониш, ихтироъкорӣ ва навоварӣ асосёфта» [5, с. 11] ба унсури калидии таҳкими сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ табдил ёфта, дар баробари ин, ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор, мутаносиб ва дарозмуддати иқтисодӣ нақши муҳим хоҳад дошт.

Дар шароити муосир рушди иқтисоди миллӣ бидуни ҷорӣ намудани навовариҳо ва истифодаи механизмҳои инноватсионӣ имконнопазир аст. Бо назардошти он ки соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмон яке аз асосҳои аслии рушди инфрасохтор ва густариши иқтидори саноатии кишвар ба шумор меравад, зарурати модернизатсияи технологӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами истеҳсолоти инноватсионӣ дар ин соҳа бештар эҳсос мегардад.

Дар ин робита, коркард ва ҷорӣ намудани механизми самараноки инноватсионӣ барои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон, бахусус дар сатҳи минтақавӣ, аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024 маблағи 53873 млн сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон ба 12666,0 млн сомонӣ расид. Аз ин нишондиҳанда ҳаҷми

истеҳсоли масолеҳи сохтмон 3256,6 млн сомониро ташкил медиҳад, ё ин ки ҳиссаи он дар сохтори истеҳсолоти саноатии вилоят ба 25,7% баробар аст [14, 15].

Дар ин алоқамандӣ, вилояти Хатлон аз лиҳози иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ яке аз минтақаҳои муҳимтарини кишвар ба ҳисоб рафта, дорои захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла қум, шағал, гил, гаҷ ва дигар ашёи хом мебошад, ки метавонанд заминаи мустаҳкамро барои рушди саноати масолеҳи сохтмон таъмин намоянд.

Сарфи назар аз имкониятҳои мавҷуда, аксарияти корхонаҳои соҳа фаъолияти худро дар асоси технологияҳои кӯҳнашуда пеш мебаранд, ки ин на танҳо ба коҳиши самаранокии равандҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад, балки рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ заиф месозад.

Рӯз ба рӯз зарурати механизмҳои пешрафта, ки қодиранд истеҳсолотро ба сатҳи усулан нав бароранд, бештар эҳсос мегардад. Инноватсияҳо дар соҳаи масолеҳи сохтмон васеъ тафсир меёбанд, ин на танҳо таҷҳизонидани техникии дубора, балки азнавсозии равандҳои идоракунӣ ва оптимизатсияи истифодаи захираҳои маҳаллӣ низ мебошад.

Ҷорӣ намудани чунин механизмҳо ҳамчун замина барои баланд бардоштани самаранокии саноати минтақавӣ, коҳиши энергияталабӣ ва маводталабӣ, беҳтар кардани хосиятҳои истеъмолии молу маҳсулот ва ноил шудан ба амнияти экологӣ хизмат мекунад.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ рушди инноватсионии саноати ватанӣ ҳамчун омили калидии таҳкими рақобатпазирии миллӣ баррасӣ мешавад, ки мутобиқсозии равишҳои пешқадамро ба шароит ва ҳадафҳои стратегии мавҷуда тақозо менамояд. Шароитҳои муайянкунандаи муваффақият аз сатҳи технологӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, сифати сармояи инсонӣ ва дастрасӣ ба захираҳои молиявию институтсионалӣ иборат мебошанд.

Ҳамзамон, набудани воситаҳои пурра фаъолкунандаи ҳавасмандгардонии давлатӣ ва методологияи дақиқи татбиқи стратегия, барои таҳқиқотчиён майдони пурмушкилотро боқӣ мегузорад. Бинобар ин,

аҳаммияти кор на танҳо бо контексти илмӣ, балки бо контексти амалӣ - аз рушди мутавозини ҳудудҳо то баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон муайян карда мешавад. Шабакасозии заминаи инноватсионӣ дар саноати масолеҳи сохтмон - марҳилаи зарурии гузариш ба модели пешрафта ва аз лиҳози иқтисодӣ самараноки хоҷагидорӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти иқтисодии муосир дар бобати ташкили истеҳсолот, мушкилоти рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ таҳқиқоти зиёд вуҷуд доранд. Бисёре аз масъалаҳои илмии иқтисоди корхонаҳои соҳаи саноати масолеҳи сохтмон дар корҳои илмии олимони тоҷик баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, метавон ба таҳқиқоти Абдуллоев У. Ҳ. [155], Аминов Ш. А. [26, 28], Комилов С. Ҷ. [43, 46], Қодиров Ф. А. [92], Мирсаидов А. Б. [50], Муқимова Н. Р. [102], Муртазоев О. Қ. [105], Муҳаббатов Х. М. [167], Наврӯз Н [179], Низомова Т. Д. [111], Одинаев Ш. Т. [114], Рауфӣ А. [119], Раҳимов Р. К. [54, 121], Самиев М. С. [59], Умаров Х. У. [133], Файзуллоев М. К. [134, 136], Фақеров Ҳ. Н. [138], Холзода Б. К. [63, 64], Хоналиев Н. [145], Ҳошимзода Х. Х. [146], Шаропова М. А. [151] ва дигарон ишора намуд.

Таҳқиқи механизмҳои фаъолияти саноати масолеҳи сохтмонӣ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ, ба монанди Азаров В. К. [73], Алешко О. С. [75, 76], Асаул А. Н. [30, 31], Бугай А. В. [81], Воронин В. А. [84], Дорошенко Ю. А. [89], Ксенофонтова О. Л. [96], Палтсев В. В. [116], Петраков А. И. [117], Студенников А. И. [171] ва дигарон инъикос гардидааст. Мафҳумҳои «инноватсия» ва «фаъолияти инноватсионӣ»-ро муҳаққиқони рус – Бичков В.В. [157], Вагизова В. И. [158], Глазкова Ю.С. [159, 160], Колоколов В.А. [47], Макаренко О.И. [99], Чаленко А.Ю. [149], Чурин А.С. [175] шарҳу тавзеҳ дода, хусусиятҳои татбиқи инноватсияро дар сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар корхонаҳо, минтақаҳо ва дар иқтисоди миллӣ ба таври амиқ таҳлил намудаанд.

Новобаста аз он ки як қатор масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ роҳи ҳалли худро ёфтаанд, хусусиятҳои асосии механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа ҳоло пурра

ва ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок нагардидааст.

Дар робита ба ин зарурати рушди минбаъда ва пуррагардонии асосҳои назарӣ ва методӣ, инчунин созмон додани таъминоти илмию методӣ барои ҷорӣ намудани усулҳо ва муқарраргардонии ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа пеш меояд. Ин мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мақсаду вазифаҳои онро муайян месозад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо ҳуҷҷатҳои давлатии зерин алоқаманд аст: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи идоракунии рушди маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», инчунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16-уми апрели соли 2012 №822, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ»аз 18-уми марти соли 2015, №1197, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июли соли 2010, таҳти №629 «Дар бораи парки технологӣ», Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 – уми ноябри соли 2016, № 503.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Омӯзиши роҳҳои ташаккули механизми самараноки рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръати минтақавӣ масъалаи марказии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Вобастагиҳои афзоянда ба навсозии технологӣ ва зарурати

истифодаи оқилонаи захираҳои фаровони ашёи хоми маҳаллӣ дар вилояти Хатлон аҳаммият ва воридшавии амалии ин мавзуъро барои иқтисоди муосир асоснок мекунад. Муаллиф бар он назар аст, ки гузариш ба модели инноватсионии истеҳсолот танҳо тавассути таҳия ва ҷорӣ намудани механизми мукаммали дорои воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ имконпазир мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ-методии омӯзиши масъала такмил дода шуда, ҳолати муосири соҳа аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада механизми рушди инновастионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ташаккул дода шуда, бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-математикӣ тамоюл ва дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар соҳаи мазкур барои давраи солҳои 2027-2035 муайян ва асоснок карда шуданд. Аҳаммияти таҳқиқот барои иқтисоди миллӣ, бахусус вилояти Хатлон, дар он зоҳир мегардад, ки он заминаи илмиро барои суръатбахшии саноатикунонӣ, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридоти масолеҳ ва таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа фароҳам меорад.

**Мақсади таҳқиқот** аз коркарди асосҳои илмию назариявӣ ва методии ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа бо назардошти шароити иқтисодии вилояти Хатлон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати расидан ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудааст, ки ҳалли бомуваффақонаи онҳо метавонад барои расидан ба ҳадафи гузоштшуда заминаи мусоид фароҳам меоранд. Вазифаҳои гузошташуда чунинанд:

- таҳқиқ ва умумигардонии асосҳои илмию назариявӣ ва методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;

- муайян намудани аҳаммият ва иқтидори иқтисодии ашёи хоми маҳаллӣ, инчунин таҳияи самтҳои истифодаи оқилона ва самараноки он ҷиҳати афзоиши самаранокии истеҳсолӣ, таҳкими мавқеи рақобатии

корхонаҳо ва таъмини рушди устувори саноати масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа;

- таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ-иқтисодӣ асоснок намудани низоми чораҳои рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо дарназардошти иқтидори захиравӣ, истеҳсолӣ ва хусусиятҳои иқтисодии вилояти Хатлон;

- арзёбии сатҳи рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва муайянсозии захираҳои дохилии афзоиши он тавассути арзёбии маҷмӯии вазъи иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ, сатҳи технологӣ ва имкониятҳои ашёи хоми соҳа.

**Объекти таҳқиқот** равандҳои иқтисодӣ ва ташкилии истеҳсолот ва идоракунии инноватсионии рушди соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон мебошанд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ва сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар фаъолият менамоянд.

**Мавзуи таҳқиқот** механизми ташаккул ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмон, аз ҷумла сохтор, абзорҳо, усулҳо ва муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки ба баланд бардоштани рақобатпазириву самаранокии истеҳсолот бо риояи талаботи экологӣ мусоидат мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос ёфтааст, ки таҳқиқи асосҳои назариявию консептуалии механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон, усулҳои ташаккули он, омӯзиши хусусиятҳои рушди инноватсионии саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмон, инчунин таҳкими механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар минтақаҳои кишвар, бахусус дар вилояти Хатлон, дар шароити саноатикунонии босуръати Тоҷикистон метавонад ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, сифати маҳсулот, рақобатпазирии бозорӣ ва устувории рушди минтақавӣ аҳамияти назаррас расонад.

Дар заминаи ин фарзия тахмин карда мешавад, ки рушди соҳаи масолеҳи сохтмон танҳо дар сурате дорои устуворӣ ва самаранокии баланд мегардад, ки механизми идоракунӣ ва ташаккули он хусусияти инноватсионӣ

дошта бошад. Ин механизми инноватсионӣ бояд на танҳо воситаи ҷорӣ намудани технологияҳои нав, балки ҳамзамон муҳаррики тағйироти сифатии муносибатҳои иқтисодӣ, ташкили истеҳсолот ва ҳамкории илмию амалӣ гардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** маҷмуи равишҳои бунёдӣ ва амалӣ, мафҳумҳои назариявии иқтисодӣ, воситаҳои таҳқиқоти методологӣ, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири нишондиҳандаҳоро дар бар мегиранд. Онҳо барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ, таҳлили масъалаҳои рушди инноватсионӣ, иқтисодиёти саноат, рақобатпазирии истеҳсолот, ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ асос ёфтаанд. Дар раванди таҳқиқот муқаррароти назарияи рушди инноватсионӣ, консепсияи рушди устувор, назарияҳои рақобатпазирӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** маҷмуи усулҳои таҳлили илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлил ва синтез, муқоисавӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, баҳодиҳӣ ва пешгӯии равандҳои иқтисодиро дар бар мегиранд. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ карда шавад.

**Сарчашмаи маълумот** аз натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳо, қарору амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои рушди саноат ва фаъолияти инноватсиониро танзим менамоянд, таҳлил шудааст. Ҳамчунин, ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот», маълумоти оморӣ, ки аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардиданд, ҳангоми баҳодиҳии динамика ва миқёси тағйироти иқтисодӣ дар соҳа мусоидат намуданд. Маводди конференсияҳои илмӣ-Ммалӣ, семинарҳо, монография ва мақолаҳо аз

интишороти махсусгардонидашуда бо тавсияҳои мубрам ва равишҳои барои ҳалли мушкилотҳои рушди инноватсионӣ мусоид имкони таҳқиқотро зиёд намуданд. Манбаъҳои интернетӣ дастрасии фавриро ба маълумоти иловагӣ таъмин намуданд, таҳқиқот ва ҳисобҳо имкони дақиқсозии маълумоти мавҷуда, баҳодиҳии истифодашавандагии онҳо ва ташаккулдиҳии тавсияҳоро барои коркарди стратегияи рушди инноватсионии саноат фароҳам оварданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар давоми солҳои 2021 – 2025 дар кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар шароити татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Сарфи назар аз мавҷудияти захираҳои бойи ашёи хоми маҳаллӣ ва афзоиши талабот ба масолеҳи сохтмон, масъалаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ то ҳол таҳқиқоти пурраи илмиро тақозо менамоянд. Дар ин робита, навоварии илмии диссертатсияи мазкур аз коркарди равишҳои нави назариявию методӣ, арзёбии ҳаматарафаи имкониятҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва пешниҳоди механизми илман асоснокшудаи рушди инноватсионии соҳа дар сатҳи минтақавӣ иборат мебошад, ки метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ ва татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои зерини таҳқиқот навоварии илмии диссертатсия ва саҳми шахсии муаллифро дар ҳалли масъалаи илмии омӯхташаванда ифода мекунанд:

1. Асосҳои назариявию методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт такмил дода шуда, инчунин системаи омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, захиравӣ ва институтсионалии ба рушди соҳа таъсиркунанда муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуд. Дар ин контекст равиши маҷмуӣ ба арзёбии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон пешниҳод гардид, ки барои

дақиқтар муайян кардани сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои рушди соҳа имкон медиҳад.

2. Дар асоси таҳлили маҷмуии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, технологӣ ва захиравӣ ҳолати кунунӣ ва иқтидори рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, тамоюлҳои асосии рушди соҳа, маҳдудиятҳои мавҷуда ва захираҳои истифоданашуда муайян карда шуданд. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки рушди истеҳсолот бо назардошти талаботи бозор ва ҳадафҳои саноатикунонии кишвар муайян гардиданд.

3. Нақш ва аҳаммияти иқтисодии истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ дар рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон илман асоснок карда шуд. Муайян гардид, ки истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ ба коҳиши вобастагӣ аз воридот, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва таъмини рушди устувори саноати минтақавӣ мусоидат менамояд.

4. Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон барои вилояти Хатлон, ки маҷмуи абзорҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, сармоягузорӣ ва технологиро дар бар мегирад, коркард ва илман асоснок карда шуд. Татбиқи механизми пешниҳодшуда заминаи мусоидро барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, рушди фаъолияти инноватсионӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ фароҳам меорад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- исбот шудааст, ки татбиқи модели инноватсионии рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи минтақавӣ истифодаи равиши системавиро тақозо мекунад, ки ба ҳамгироии самараноки омилҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва технологӣ асос ёфтааст. Муайян гардид, ки самаранокии гузариши корхонаҳои соҳаи масолеҳи сохтмонӣ ба модели фаъолияти инноватсионӣ аз сатҳи истифодаи мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи захираю имкониятҳои дохилии минтақа вобастагии ногусастанӣ дорад. Вобаста ба ин, сафарбар

намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, технологӣ, ашёи хом ва молиявии мавҷуда ҳамчун омили муҳими таҳкими заминаи инноватсионии рушди корхонаҳо баромад мекунад. Дар ин замина, ташаккул ва такмили муҳити институтсионалии мусоид, ки дастгирии ташкилӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва инфрасохтории равандҳои навовариро таъмин менамояд, барои гузариши устувори корхонаҳо ба фаъолияти инноватсионӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Равиши мазкур заминаи илмиро барои роҳандозии пайваста ва ҳадафраси равандҳои навсозии технологӣ дар корхонаҳои соҳавӣ фароҳам меорад.

- нишон дода шудааст, ки соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии вилояти Хатлон, новобаста аз ҳиссаи назарраси он дар сохтори саноати минтақа (25,7%), бинобар фарсудагии маънавию ҷисмонии пойгоҳи технологӣ ва паст будани самаранокии идоракунӣ ба хавфҳои сохторӣ дучор гардидааст. Асоснок шудааст, ки бартараф намудани ин маҳдудиятҳо ва безараргардонии хавфҳои мавҷуда танҳо тавассути роҳандозии занҷираҳои нави арзиши иловашуда ва самтгирӣ ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаю муосир имконпазир мегардад. Таъкид шудааст, ки самтҳои афзалиятноки рушди соҳа бояд ба таври мутаносиб бо эҳтиёҷоти афзояндаи бозори дохилӣ ва ҳадафҳои стратегии саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқ карда шаванд.

- асоснок карда шудааст, ки истифодаи оптималӣ ва самараноки захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун детерминанти калидии коҳишдиҳии хароҷоти истеҳсолӣ ва паст кардани арзиши аслии масолеҳи сохтмонӣ баромад мекунад. Собит шудааст, ки истифодаи ҳамаҷонибаи ашёи хоми маҳаллии вилояти Хатлон вобастагии истеҳсолкунандагони минтақавиро аз воридоти ашё ва маводҳои беруна ба таври назаррас коҳиш дода, омили мазкур заминаи устуворро барои баланд бардоштани рақобатпазирии нархию сифатии маҳсулоти ватанӣ ва таъмини амнияти иқтисодии минтақа ташаккул медиҳад.

- пешниҳоди механизми рушди инноватсионӣ бо он асоснок шудааст, ки механизми мазкур воситаҳои афзалиятноки ҳавасмандгардонии молиявию

сармоягузориро бо эҳтиёҷоти воқеии корхонаҳои сохтмонии вилояти Хатлон мутаносиб месозад. Дар натиҷаи таҳқиқоти иқтисодӣ-математикӣ таъсири мусбати механизми пешниҳодшуда ба рушди истеҳсолоти соҳаи масолеҳи сохтмонӣ муайян гардид. Ҳисобҳои пешбинишаванда нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2027 - 2035 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа тамоюли устувори афзоишро нигоҳ медорад. Татбиқи механизми мазкур инчунин барои баланд бардоштани имкониятҳои истеҳсолӣ ва таҳкими иқтидори содиротии минтақа заминаи мусоид фароҳам меорад. Натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳияшуда заминаи методологию амалиро барои қабули қарорҳои стратегӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ эҷод месозанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз асосноккунии илмӣ ва методии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт иборат мебошад. Дар таҳқиқот мафҳум ва методологияи рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмон такмил дода шуда, омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, захиравӣ ва институтсионалии ба рушди соҳа таъсиркунанда баррасӣ гардиданд.

Натиҷаҳои бадастомада доираи донишҳои илмиро дар соҳаи идоракунӣ ва рушди саноати масолеҳи сохтмон васеъ намуда, метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти баъдӣ оид ба рушди саноати минтақавӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо истифода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он барои такмили сиёсати давлатӣ ва механизмҳои идоракунии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар сатҳи минтақавӣ ифода меёбад.

Тавсияҳои коркардшуда ва механизми пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии иқтисоди минтақавӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми таҳияи стратегияву барномаҳои рушди саноат, ҷалби сармоя, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сохтмонӣ истифода шаванд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, коҳиши вобастагӣ аз воридот, баланд

бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва таъмини рушди устувори саноати масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон мусоидат менамояд.

**Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо репрезентативӣ ва кофӣ будани маводҳои таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои иқтисодӣ-статистикии коркарди маълумот, қиёси натиҷаҳои бадастомада бо таҳқиқоти мавҷуда ва нашри онҳо дар асарҳои илмӣ таъмин карда шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои коркардшуда аз таҳлили маҷмуии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалии муаллиф бармеоянд.

**Мувофиқати диссертатсия ба паспорти ихтисоси илмӣ.** Доираи таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисоди ҳудудӣ, ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад: 1.2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунонии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурду миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои оилавӣ. 1.7. Бозорҳои маҳаллӣ, ташаккул, фаъолият ва алоқамандии онҳо; тиҷорати байниминтақавӣ. Назарияи нави ҷуғрофияи иқтисодӣ. 1.13. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо. 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисоди минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 1.20. Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо. Принсипҳо, хусусиятҳо ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаҳои ёрирасон дар минтақаҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз иҷрои сикли пурраи таҳқиқоти илмӣ иборат аст, ки интихоби мавзуъ, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, коркарди сохтори кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти статистикӣ, инчунин тайёр кардани маводҳо, аз ҷумла систематизатсияи маълумот ва тартиб додани рӯйхати сарчашмаҳои истифодашударо мувофиқи талаботи муқарраршуда дар бар мегирад.

Дар асоси таҳлили ҳаматарафаи асосҳои назариявӣ, консептуалӣ ва методии механизми рушди инноватсионии саноат, инчунин омӯзиши хусусиятҳои рушди инноватсионии бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалӣ барои ташаккули самтҳои афзалиятноки стратегии рушди инноватсионии соҳа коркард гардиданд.

Механизмҳои татбиқи он асоснок карда шуда, инчунин адаптатсияи амалии моделҳои иқтисодӣ-математикӣ барои дурнамосозии тамоюлҳои сатҳи истеҳсоли масолеҳи сохтмон ба давраи то соли 2035 вобаста ба иқтидори истеҳсолӣ пешниҳод гардид. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳо ва маводҳои конференсияҳо, ки дар як қатор нашрияҳои илмӣ ҷойгир карда шудаанд, инъикос ёфтаанд, ки ин аҳаммияти онҳоро ҳам барои ҷомеаи илмӣ ва ҳам барои истифодаи амалӣ тасдиқ менамояд.

**Тавиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Қоидаҳои асосии назариявӣ, тавсияҳои амалӣ ва натиҷаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар солҳои 2021–2026 дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд, аз ҷумла «Таъмини рушди устувори иқтисодӣ ҷанбаҳои рақобатпазирии истеҳсолот» / маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 11 феврали соли 2026), «Такмили идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодӣ дар шароити муосир» / маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 14 апрели соли 2025), «Ташаккули системаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» / маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 25 феврали соли 2022). Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таҳсилот дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ аз рӯйи фанҳои банақшагирӣ дар корхонаҳо, ташкили фаъолияти инноватсионӣ, ташкили истеҳсолот, ташкил ва банақшагирии иқтисодиёт, менеҷмент ва ғайра истифода гардиданд.

**Нашрияҳо аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 кори илмию амалӣ ба чоп расидаанд, аз ҷумла дар 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, 4 мақола дар нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаҳои асарҳои илмӣ, маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда, ки 180 номгӯйро дар бар мегирад, иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 210 саҳифаро ташкил медиҳад, ки дар онҳо 27 ҷадвал, 25 расм, 2 диаграмма ва 5 замима оварда шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ

## 1.1. Асосҳои консептуалӣ ва омилҳои рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити муосир

Дар шароити густариши ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳои ҳамсоя, сатҳи рушди иқтисоди миллӣ то андозаи зиёд аз вазъи соҳаҳои калидии истеҳсолӣ, бахусус саноат, вобастагӣ дошта, маҳз нишондиҳандаҳои рушди ин соҳа яке аз меъёрҳои муҳимми арзёбии иқтидори иқтисодии давлат маҳсуб мешавад. Ташаккул ва рушди устувори саноат ҳамчун заминаи муҳими афзоиши истеҳсолоти миллӣ, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт баромад менамояд. Аз ин рӯ, рушди ҳамаҷонибаи саноат на танҳо ба таҳкими заминаҳои иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки барои таъмини истиқлоли давлатӣ, коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ ва таҳкими худкифоии иқтисодию сиёсӣ низ аҳаммияти стратегӣ дорад. Чунин истиқлолият, асосан, аз омилҳои бартаридошта ва равандҳои тағйирёбанда дар сохтори саноатӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҳамзамон, рушди устувори саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба баланд бардоштани сатҳи худкифоии иқтисодӣ, кам кардани вобастагӣ аз воридот ва таҳкими иқтидори содиротии кишвар мусоидат карда метавонад. Вобаста ба ин, таҳқиқ ва такмили механизмҳои рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун яке аз роҳҳои муҳимми сиёсати саноатии кишвар дорои аҳаммияти назариявию амалӣ аст.

Рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо назардошти ҷанбаҳои таърихӣ ва мавҷуд будани зарфиятҳои ғании манобеи табиӣ аз ҷониби олимони иқтисоддон аз давраҳои қадим маншаъ мегирад. Далелҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки аз қадим мардуми тоҷик ба истеҳсоли масолеҳои сохтмонӣ ва сохтани қасру корвонсаройҳо машғул будаанд. Академик Б. Ғ. Ғафуров дар китоби худ «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» дар

бораи сохтмон ва меъморӣ дар Осиёи Миёна ва Хуросон дар асрҳои IX –X ба таври муфассал иттилоъ додааст. Чунончи қайд мекунад, ки «дар маъхазҳои хаттӣ дар бораи биноҳои асрҳои IX –X маълумоти зиёд мавҷуд мебошад, вале то имрӯз як қисми ками онҳо боқӣ мондааст» [32, с. 165].

Ҳамчунин дар ин китоб чунин қайд шудааст: «Қасру қалъаҳо, корвонсаройҳо ва биноҳои тиҷоратӣ, масҷидҳо, мадрасаҳо ва мақбараҳо қомат рост карданд. Онҳо асосан аз гилу блокҳои пахса ва хиштҳои гилин сохта шудаанд. Дар сохтмон чӯб нақши аввлиндараҷаро ишғол мекард, аз ҷумла сутунҳои чӯбин ва шифтҳои ҳамвор барои асрҳои IX –X хеле хос буданд. Дар ин биноҳои аз чӯбу тахта сохташуда гил ва маҳсулотҳои аз гил сохташуда, аз қабили хишти пухта ҷои дуюмро ишғол мекард. Аммо маҳз дар ҳамин вақт биноҳои муҷассамаҳое пайдо шуданд, ки комилан аз хишти пухта сохта шудаанд, ки ин комёбии нав, муҳим ва прогрессивии замон буд» [32, с. 256].

Пайдоиши истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ва ҳар як давраи рушди он доимо ба талаботи истеҳсолот вобаста аст. Аз суйи дигар, рушди истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар натиҷаи бавуҷудоии навгониҳои сохтмонӣ ва ҷорӣ намудани масолеҳи нав алоқаманд аст.

Таърихи пайдоиш ва рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ метавонад бо таърихи рушди ҷомеа алоқаманд бошад, аммо давраҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар раванди рушди ҷомеа ва давлат ниёзҳои асосии иҷтимоӣ ва рӯзгори онҳоро нишон медиҳанд.

Яке аз коршиносони маъруфи рус Алешко О. С масъалаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмониро вобаста ба ҷанбаҳои гуногун баррасӣ намудааст. Алешко О. С. аҳаммияти инноватсионии саноати масолеҳи сохтмониро нишон медиҳад. «Ӯ ба зарурати рушди устувор, истифодаи технологияҳо ва маводҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин ҷорӣ намудани рақамикунонӣ ва автоматикунонии равандҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ диққат медиҳад. Ғайр аз ин, масъалаҳои самараи иқтисодии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро коркард намудааст. Вай чунин мешуморад, ки оптимизатсияи хароҷот ва

баланд бардоштани ҳосилнокӣ омилҳои асосии рушди бомуваффақияти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мебошанд» [76, с. 269].

Аверянов В. В. дар таҳқиқоти худ «ба ҷанбаҳои гуногуни рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ диққати асосӣ дода, аҳаммияти онро барои рушди иқтисод ва зерсохтор таъкид карда, ба ҷанбаҳои экологии масолеҳи сохтмонӣ ва рушди устувор, инчунин таъсири шароити макроиқтисодиро ба бозори масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла тағйирёбии нархи ашёи хом, талабот ва пешниҳод диққати худро равон намудааст. Дар маҷмуъ, ақидаҳои олими болозикр ба ташкили бахши инноватсионӣ, устувор ва рақобатпазири маводи сохтмонӣ, ки қодир аст ба талабот ва мушкилоти муосир ҷавобгӯ бошад, равона карда шудаанд» [72, с. 265].

Ручкин Б. А. низ дар асарҳои худ таваҷҷуҳи асосиро «ба самтҳои стратегии рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ равона карда, аҳаммияти воридсозӣ ва истифода намудани технологияҳои муосир, аз қабили наноматериалҳо ва композитҳои пурқувватро ҷиҳати беҳтар кардани сифату устувории масолеҳи сохтмонӣ махсус таъкид менамояд. Инчунин, ӯ ба экология таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аҳаммияти истифодаи маводди такрорӣ ва татбиқи технологияҳои «сабз» - ро барои коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити зист таъкид мекунад» [123, с. 156].

Ба андешаи мо, муҳаққиқи мазкур дар таҳқиқоти худ оид ба таъсири омилҳои иқтисодӣ ба бозори масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла даврабандии талаботу пешниҳод ва тағйирёбии нархи ашёи хом таҳлилҳо анҷом додааст.

Дар баробари таҳқиқоти анҷомшуда аз ҷониби иқтисоддонон дар ин соҳа нуқтаи назари Л. И. Абрамов аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст. Ӯ дар таҳқиқоти худ «асосан ба ҷанбаҳои асосии инноватсионии рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ диққати хешро равона намудааст. Он зарурати ҷорӣ намудани технологияҳо ва маводҳои навро таъкид мекунад, ки ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии истеҳсолот мусоидат карда, ба аҳаммияти истифодаи технология ва маводҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза диққат додааст, ки таъсири манфии муҳити зистро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон, нақши давлат дар

мусоидат ба рушд ва дастгирии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо роҳи сармоягузорӣ ва амалӣ кардани ташаббусҳои ба навовариҳо асосёфта баррасӣ шудааст» [25, с. 218].

Иқтисоддони дигар Юзефович А. Н. низ дар корҳои худ «оид ба ҷанбаҳои гуногуни саноати маводди сохтмонӣ диққат додааст, махсусан қайд мекунад, ки нақши давлат дар рушди саноати маводҳои сохтмонӣ тавассути сармоягузорӣ ва дастгириҳои буҷавӣ, аз ҷумла субсидия таъмин карда мешавад» [66, с. 85]. Дар умум, дидгоҳи ин муҳаққиқ низ ба ташкили соҳаи инноватсионӣ ва устувории масолеҳи сохтмонӣ равона шудааст.

Ба андешаи мо, ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба баланд бардоштани сифат ва кам кардани хароҷот мусоидат менамояд. Илова бар ин, яке аз роҳҳои беҳтар шудани фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ – ин масъалаи дастгирии давлатӣ бо роҳи ҳавасманд намудани он ва ҷалби сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин росто ташкили низоми самаранок ва устувори истеҳсоли маводди сохтмонӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар нақши муҳим мебозад.

Истеҳсоли масолеҳ дар соҳаи сохтмон мавқеи марказиро ишғол намуда, барои бунёди иншооти боэътимод ва пойдор замина фароҳам меорад. Алешко О.С. дар асарҳои худ «ба ҷанбаҳои калидии муайянкунандаи рушди ин соҳа диққат додааст ва муносибати комплексиро ба ҳалли масъалаҳои пайдошуда пешниҳод мекунад. Ӯ дар ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ ба равандҳои истеҳсолӣ мебинад. Вай таъкид мекунад, ки истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили автоматизатсия ва наноматериалҳо на танҳо сифат ва самаранокиро баланд мебардорад, балки мӯҳлати истеҳсолотро коҳиш медиҳад. Инноватсия воситаи муҳим барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори масолеҳи сохтмонӣ мегардад» [75, с. 442].

Масолеҳи сохтмонӣ ва истеҳсоли он дар соҳаи сохтмон ва ба маънои васеъ дар рушди иқтисоди ҳар кишвар ва минтақаҳои он нақши калидӣ

дорад. Дар корҳои таҳқиқотии Чернишов Е. М. ба якчанд ҷанбаҳои муҳим, ки ба рушди самаранок ва устувори ин соҳа мусоидат мекунанд, диққат дода шудааст. «…яке аз он қисматҳое, ки олим ба он диққати махсус равона намудааст, ин устувории экологӣ мебошад. Он зарурати гузариш ба мавод ва технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъкид мекунад, ки таъсири манфии муҳити зистро коҳиш медиҳад. Дар шароити мушкилоти ҷаҳонӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, муҳим аст, ки истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар, балки аз ҷиҳати экологӣ низ бехатар бошад. Истифодаи маводди такрорӣ ва кам кардани партовҳои карбон бояд барои ҳамаи иштирокчиёни соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ афзалият дошта бошад» [150, с. 9].

Ба андешаи мо, сиёсати давлатӣ ба унвони яке аз омилҳои асосӣ дар рушди пойдори соҳаи масолеҳи сохтмонӣ нақши таъйинкунандае дорад. Дастгирии мутамаркази давлатӣ дар самти таҳия ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав метавонад барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, рақобтпазирии бахш ва таъмини рушди дарозмуддати соҳаи мазкур шароити мусоид муҳайё созад. Ин барои рушди корхонаҳо дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бахши муҳимтаринест, ки сифат, бехатарӣ ва устувории ҳамаи иншооти сохтмонӣ аз он вобаста аст. Акулова И. И. дар таҳқиқоти худ ба ҷанбаҳои гуногуни муайянкунандаи рушди ин соҳа диққат дода, таҳлили амиқи мушкилот ва имкониятҳои соҳаро пешниҳод намудааст. Ӯ ҷанбаҳои иқтисодии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро баррасӣ кардааст. Ба назари ӯ «фаҳмидани шароити бозор, аз қабили тағйирёбии нархи ашёи хом ва тағйирёбии талабот барои банақшагирӣ ва идоракунии муваффақ муҳим аст. Ширкатҳо бояд омода бошанд, ки ба тағйирот мутобиқ шаванд ва воситаҳои таҳлилиро барои пешгӯйии тамоюлҳо истифода баранд. Ба анешаи ӯ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ як саноати муассир ва бехатарро фароҳам меорад, ки қодир аст ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошад ва ба мушкилоти замон бомуваффақият посух диҳад.

Рушди устувор дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ на танҳо вазифаи тиҷорат, балки як қадами муҳим барои эҷодиояндаи бехатар барои ҳама мебошад» [74, с. 297].

Масолеҳи сохтмонии босифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза метавонад самаранокӣ ва устувории сохтмонро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Дар даҳсолаҳои охир соҳаи масолеҳи сохтмон шоҳиди таҳаввулоти чашмгире дар заминаи муаррифии технологияҳо ва инноватсия будааст. Ин таҳаввулот бештар дар ростои коҳиши таъсири манфии муҳити зист, истифодаи беҳтар захираҳои табиӣ ва ҳаракат ба суйи рушди пойдор сурат гирифтаанд. Масалан, истифодаи маводи такрорӣ ва манбаъҳои алтернативии ашёи хом имкон медиҳад, ки истеъмоли захираҳои табиӣ ва партовҳо кам карда шаванд.

Навоварӣ ва рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ маҳаки асосии соҳаи сохтмон мебошад, ки сифат ва устувории биноҳо ва иншоот аз он вобаста аст. Дар шароити мушкилоти муосир, ба монанди тағйирёбии иқлим ва кам шудани захираҳои табиӣ вазифаи оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ махсусан муҳим мегардад. Дар ин замина, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ имкон фароҳам оварад, ки нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои техникии онҳо ба сатҳи баланд бароварда шаванд.

Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ як соҳаи калидӣ буда, барои бунёди иншооти истиқоматӣ ва тиҷоратӣ замина фароҳам меорад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки мушкилоти экологӣ торафт муҳимтар мешаванд, аҳаммияти рушди устувор дар истеҳсолот арзёбӣ мегардад. Таҳқиқоти Горчаков Г.И. дар ин соҳа зарурати равишҳои инноватсионӣ ва гузариш ба усулҳои устуворро таъкид мекунанд. «Вай диққати худро ба он равона мекунад, ки истеҳсоли муосири масолеҳи сохтмонӣ бояд ба кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист равона карда шавад. Он аҳаммияти татбиқи технологияҳоеро таъкид мекунад, ки ба истифодаи маводди дуюмдараҷа ва партовҳо дар равандҳои истеҳсолӣ имкон медиҳанд. Ин на танҳо ба кам

кардани истеъмоли захираҳои табиӣ мусоидат мекунад, балки партовҳои ба партовгоҳҳо воридшавандаро низ коҳиш медиҳад. Масалан, коркарди партовҳои сохтмонӣ барои эҷоди маводди нав ба давраҳои пӯшида мусоидат мекунад, ки ҷузъи муҳимми рушди устувор мебошад» [35, с. 265].

Дар ин асос метавон чунин натиҷа гирифт, ки истеҳсоли маводди сохтмонӣ аҳаммияти ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ ва муносибати устуворро талаб мекунад. Гузариш ба усулҳои каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсолот на танҳо ба талаботи бозори муосир ҷавобгӯ аст, балки ба фароҳам овардани муҳити бехатар ва бароҳати зиндагӣ мусоидат мекунад. Аз ин ру, пешрафтҳо дар ин соҳа барои сохтмони оянда ва таъсири он ба муҳити зист аҳаммияти калидӣ доранд.

Дар таҳқиқоти мазкур зикр шудааст, ки: «... сарфи назар аз шумораи зиёди нашрияҳои илмӣ, масъалаҳои таъсир ва вобастагии саноати масолеҳи сохтмонӣ ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Омилҳои ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ таъсиркунанда, таъсири синергетикии вобаста ба муқаррар намудани таъсири саноати масолеҳи сохтмонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат, моделсозии вариантҳои равандҳои зикршуда асосҳои назариявӣ ва амалиро талаб мекунанд» [99, с. 238].

Ба андешаи Самиев М. С. «дар шароити муосир истихроҷу истифода намудани захираҳои маъданӣ ва ғайримаъдании канданиҳои фоиданок ҳамчун яке аз омилҳои калидии рушди иқтисоди давлатҳои ҷаҳон баҳогузорӣ гардида, дар муайян кардани иқтидори иқтисодӣ ва имкониятҳои рушди онҳо нақши муҳим мебозад» [59, с. 3].

Ба таъкиди академик Раҳимов Р. К. - «саноати масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ, ки дар солҳои охир ба вуҷуд омадааст, дар раванди рушд ва ташаккули комплекси истеҳсолии масолеҳи сохтмонӣ давраи тағйироти ҷиддӣ ва таҳаввулоти назаррасро паси сар кардааст» [54, с. 23].

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки масъалаҳои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ва сохтори он ҳамчун яке аз бахши муҳими стратегии иқтисоди

миллӣ то имрӯз аз ҷониби муҳаққиокну олимон ҳамаи паҳлуҳои он ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода нашудаст. Дар баробари ин, баъзе паҳлуҳои алоҳидаи соҳаи мазкур дар корҳои илмии муҳаққиқон ва мутахассисон мавриди баррасиву омӯзиш қарор додашуда бошад ҳам, аммо то имрӯз омӯзишҳои самтҳои гуногуни ин масъалаи муҳими иқтисодӣ идома дорад.

Дар расми 1.1 самтҳои асосии омӯзиши масъалаҳои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ нишон дода шудааст.




**Расми 1.1. - Самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ оид ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ва саҳми олимон дар омӯзиши он**
**Сарчашма:** дар асоси адабиёти [143] омода шудааст

Аз расми 1.1 маълум мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанде аз муҳаққиқон масъалаҳои марбут ба рушди саноати масолеҳи сохтмониро аз таҳқиқ намуда, мақолаву китобҳои зиёде таълиф намудаанд. Самтҳои асосии

таҳқиқоти онҳо бештар ба масъалаҳои ҷойгиршавии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ вобаста ба мавҷудияти захираҳои табиӣ, баҳодиҳии ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди соҳа, самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳо, истифода намудани захираҳои ашёи хом, масъалаҳои модернизатсия ва ташаккули кластерҳои минтақавии истеҳсолӣ бахшида шудаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки олимони тоҷик, ба мисли Аминов Ш. А. [26], Раҳимов Р. К. [120, 121], Муҳаббатов Х. М. [167] ва дигарон ба паҳлуҳои гуногуни сохторӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ-иҷтимоии бахши мазкур диққати махсус равона намудаанд.

Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ Хоналиев Н. «Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои фаровон ва иқтидори бузурги ашёи хомро барои афзоиши саноати масолеҳи сохтмонӣ доро мебошад. Ба монанди захираҳои гаҷсанг, гил, оҳаксанг, сангҳои сохтмонӣ, омехтаҳои регу шағал ва дигар наъҳои ашёи менералӣ, ки ҳамчун заминаи асосии истеҳсоли намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ истифода мешаванд, бо ҳаҷми миллионҳо ва ҳатто миллиардҳо метри мукааб баҳодиҳӣ мегарданд» [145, с. 16].

Мавриди қайди хос аст, ки истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити рушди иқтисоди инноватсионӣ ҳамчун яке аз самти муҳиму афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмин намудани рушди соҳаи сохтмон ва инфрасохтори гуногуни мамлакат дорои аҳамияти стратегӣ мебошад. Рушди пайвастаи иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи масолеҳи сохтмонӣ ба ҷалби сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, афзоиши даромад ва беҳтар гардидани рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ замина фароҳам месозад.

Аз рӯйи таснифи соҳавӣ, саноати масолеҳи сохтмонӣ як қатор зерсоҳаҳоро дар худ мутаҳид сохта, ҳар яке аз онҳо эҳтиёҷоти сохтмонро бо намудҳои мухталифи масолеҳ ва маҳсулоти саноатӣ таъмин мекунанд (Расми 1.2).

Дар расми 1.2 сохтор ва таркиби асосии саноати масолеҳи сохтмонӣ оварда шудааст, ки он соҳаҳои гуногуни истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ба мисли истеҳсоли семент, шифер, асбосемент, маҳсулоти бетонӣ, масолеҳи

деворӣ, сафол ва керамика, масолеҳи гидроизолятсионӣ, линолеум, регу шағал, гач, оҳак, инчунин дигар маводди сохтмонӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Ин расм аз он гувоҳӣ медиҳад, ки саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз бахшҳои муҳимми комплекси саноатӣ ба ҳисоб рафта, рушди сохтмон, инфрасохтор ва хоҷагии халқ аз фаъолияти самараноки он вобастагии зиёд дорад. Гуногуншаклии корхонаҳо ва самтҳои истеҳсолӣ сатҳи баланди ихтисосёбӣ ва аҳаммияти иқтисодии ин соҳаро нишон медиҳад.




**Расми 1.2. - Гурӯҳбандии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ аз рӯйи намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар таҳқиқоти зерин зикр шудааст, ки: «...саноати масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун базаи асосии моддии сохтмон ба суръати афзоиши дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва вазъияти иҷтимоии тамоми ҷамъият таъсири калон мерасонад. Тараққиёти саноати масолеҳи сохтмонӣ самараи иҷтимоӣ дорад, аз қабили муҳайё сохтани корҳои нави музди корашон баланд, зиёдшавии самараи истифодаи захираҳои табиӣ ва ғ.» [99, с. 237].

Зикр кардан ба маврид аст, ки истеҳсоли маводди сохтмонӣ дар иқтисоди кишвари мо яке аз соҳаҳои меҳнатталаби саноати вазнин ба ҳисоб меравад.

Талаботи муосири бозори сохтмон доираи хеле васеъ ва гуногунро фаро гирифта, аз саноати масолеҳи сохтмонӣ истеҳсоли номгӯйи зиёди маҳсулоти дорои таъиноти гуногунро тақозо менамояд, ки онҳо барои таъмини равандҳои сохтмонӣ ва инфрасохтории муосир аҳамияти калидӣ доранд. Дар ин замина, истеҳсоли семент, асбестосемент, масолеҳи деворӣ, плитаҳои сохтмонӣ, маснуоти керамикӣ, инчунин маводди сақфпӯшӣ ва гидроизолятсионӣ ҳамчун самтҳои асосии рушди соҳа баромад намуда, онҳо асоси техникии бунёди иншооти гуногунро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, ба доираи ин соҳа истеҳсоли конструксияҳои оҳану бетонӣ ва маҳсулоти гуногуни аз оҳану бетон таҳияшаванда, инчунин маводди пайвасткунанда, аз қабили оҳаксанг ва гаҷ бо маҳсулоти дар асоси онҳо истеҳсолшуда дохил мегардад, ки дар устуворӣ ва дарозумрии иншооти сохтмонӣ нақши муҳим мебозанд.

Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун яке аз қисматҳои асосии саноати сохтмон баромад карда, дар ташаккулу бунёди иншооти боэътимод ва сифати баланд нақши муҳим дорад. Ин раванд маҷмуи зиёди маводро дар бар гирифта, истеҳсоли онҳо ҷиҳати бунёди биноҳо, роҳҳо, пулҳо ва дигар объектҳои инфрасохторӣ аҳаммият дорад. Аз ҷумла, дар навсозии фондҳои асосӣ, сохтмон ва таъмири иншоотҳои саноатӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва муҳандисӣ, бунёди манзили босифату обод, таъмин кардани шуғли аҳолӣ дар маҳаллаҳои аҳолинишин, инчунин муайян намудани ҳаҷм ва самаранокии хароҷоти давлатӣ дар раванди татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши калидиро соҳиб мебошад.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии таъсири саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар имконият фароҳам меоваранд, ки хусусиятҳои ҳамкорӣ ва вобастагии мутақобилаи байни рушди

соҳаи саноат ва пешрафти давлат дар умум муайян ва асоснок карда шаванд (Расми 1.3).




**Расми 1.3. - Алоқамандӣ ва вобастагии мутақобилаи рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар расми 1.3 нақш ва аҳаммияти саноати масолеҳи сохтмонӣ дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нишон дода шуда, робитаи мутақобилаи саноати масолеҳи сохтмонӣ бо нишондиҳандаҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ ва демографӣ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, рушди соҳаи мазкур ба ҷалби сармоягузорӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар нафар аҳолӣ, баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, беҳтаргардидани шуғл ва арзиши сармояи инсонӣ мусоидат менамояд.

Технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки равандҳои истеҳсолӣ оптимизатсия карда шаванд ва маводди устувортар ва муассиртар эҷод карда шаванд. Ин истифодаи маводди такрорӣ, кам кардани партовҳо дар раванди истеҳсолот ва эҷоди маводди ками партови карбонро дар бар мегирад.

Алешко О. С. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «...саноати масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун маҷмуи бахшҳои иқтисодӣ баромад карда, барои ҳамаи намудҳои сохтмон – истеҳсоли мавод қисмҳо ва конструксияҳои гуногунро таъмин менамояд. Бахши саноати масолеҳи сохтмонӣ сохтори мураккабро доро буда, аз шумораи зиёди зерсоҳаҳо таркиб ёфтааст. Дар баробари ин, яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти миллӣ ҳисобида шуда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва молиявӣ барои фаъолияти самараноки давлат дорои аҳаммияти зиёде аст» [139, с. 241].

Ҳамчунин дар таҳқиқи мазкур чунин қайд гардидааст, ки «...аҳаммияти саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар самаранок истифода бурдан ва коркарди партовҳои саноатӣ, аз ҷумла хокистар, шлак, партовҳои чӯб ва метал, барои истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти сохтмонӣ зоҳир мегардад. Дар ин замина, саноати мазкурро метавон ҳамчун соҳаи «қабулкунанда»-и партовҳои истеҳсолӣ баҳодиҳӣ карда, дар баробари кам кардани таъсири манфии экологӣ, ҳамзамон ба ҳавасмандгардонии рушди устувори минтақавӣ ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист шароит муҳайё месозад» [35, с. 236].

Абрамов Л. И. қайд менамояд, ки «...истеҳсол кардани масолеҳи сохтмонӣ дар умум иқтидори истеҳсолии соҳаи сохтмонро ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ аниқ мекунад. Соҳаи мазкур бо фаъолияти сармоягузории ҳамаи субъектҳои хоҷагидорро робитаи зич дорад, инчунин ба ҳаҷм ва суръати бунёди манзил, иншооти соҳаи иҷтимоӣ ва ворид кардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ вобастагии мустақим дорад» [25, с. 115].

Расми 1.4 моҳияти иқтисодии саноати масолеҳи сохтмониро дар шароити рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат нишон дода, таъсири омилҳоеро инъикос менамояд, ки дар рушд, маҳдудият ва боздорандагии фаъолияти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ саҳм доранд. Инчунин, рушди технологияҳои истеҳсолӣ, шаҳрсозӣ ва азхуднамоии ҳудудҳои нав ҳамчун омилҳои асосии руди соҳа оварда шудааст.




**Расми 1.4. - Омилҳое, ки ба пайдоиш ва рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ вобаста ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди давлат мусоидат мекунанд**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Инчунин, Макаренко О.И. дар як қисми кори худ дарҷ мекунад, ки «...истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқ аст, ки тараққиёти он ба қисми иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, дурусттараш тараққиёти он ҳамчун соҳаи иқтисодиёт, ҳамчун соҳаи истеҳсолот, ҳамчун соҳаи омор бо таъсири омилҳои зерин ба он алоқаи зич дорад» [99, с. 236].

Ба андешаи мо, ин омилҳо боиси васеъшавии истеҳсолот, баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулот ва зиёдшавии фаъолияти иқтисодӣ дар самти мазкур мегардад.

Омилҳои маҳдудкунанда бошанд, бештар ба масъалаҳои дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, сифати маҳсулот, нархи масолеҳи сохтмонӣ ва таъмини амнияти манзил вобастагӣ дорад. Ба назари мо, омилҳои зикргардида метавонанд суръати рушди соҳаро кам намуда, ба самаранокии иқтисодии истеҳсолот таъсири манфӣ расонанд.

Илова бар ин, дар расм омилҳои боздоранда, ба монанди таъсири сиёсӣ, фишорҳои маъмурӣ ва омилҳои берунии иқтисодию иҷтимоӣ оварда шудааст, ки метавонанд ба фаъолияти муътадили соҳа монеа эҷод кунанд. Инчунин, вобастагии саноати масолеҳи сохтмонӣ аз суръати рушди бахши сохтмон таъкид гардидааст, зеро рушди ин ду соҳа ба ҳамдигар алоқамандии мустақим доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамаи имкониятҳои табиӣ ва иқтисодӣ муҳайё аст. Пешрафти устувори ҷумҳуриро бидуни ташаккул ва рушди соҳаи мазкурро тасаввур намудан душвор аст, зеро масолеҳи сохтмонӣ барои фаъолияти дигар бахшҳои хоҷагии халқ заминаи асосиро фароҳам месозад. Рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама, ба вуҷуд доштани захираҳо ва шароити табиӣ вобастагӣ дорад.

Марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодӣ бо афзоиши нақши минтақаҳо дар ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Маҳз дар сатҳи

минтақавӣ чорабиниҳои марбут ба барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ амалӣ шуда, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ татбиқ ва талаботи аҳолӣ таъмин карда мешаванд. Дар ҳамин замина, нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақаҳо ҳамчун яке аз меъёрҳои муҳимтарини баҳодиҳии рушди иқтисоди миллӣ истифода мегарданд. (Расми 1.5).




**Расми 1.5. - Омилҳои таъсиррасон ба рушди саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ «ташкили истеҳсолот шарти ҳатмии фаъолияти самараноки ҳар як корхона ба ҳисоб меравад, зеро он барои кори самараноки кормандони корхона, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, самаранок истифода кардани ҳамаи захираҳои корхона шароити мусоид фароҳам меорад. Истеҳсолот ҳамаи намудҳои фаъолияти корхонаро аз коркарди ашёи хом то ба вуҷуд овардани маҳсулоти тайёр ва расонидани он дар бар мегирад» [63, с. 118].

Ҳамзамон, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо дигар омилҳои рушди иқтисодӣ вобастагии мустақим ва мутақобиларо доро мебошад, ки ба равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа саҳми муҳим мегузорад. Рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои густариши ҳамкории байни бахшҳои гуногуни иқтисоди минтақа замина фароҳам меорад. Дар ин замина, самаранокии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳо ва рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи мусоҳид муҳайё мезозад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда оид ба робита ва вобастагии рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ омилҳое, ки ба пайдоиш ва рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва сохторҳо дар робита бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди давлат мусоидат мекунанд, муайян ва ба низом дароварда шуданд. Рушди заминаи саноатии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бояд дар сатҳи баланд ва мутобиқ ба талаботи замон сурат гирифта, дар ин раванд ҳам хусусиятҳои минтақа, аз ҷумла шароити иқлимӣ, мавҷудияти захираҳои табиии маҳаллӣ ва дигар омилҳои инфрасохторӣ ва ҳам эҳтиёҷоти дурнамои соҳаи сохтмон ва талаботи иҷтимоии аҳолӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар соҳаи сохтмон нақши муҳим бозида, барои бунёди иншооти гуногун маводи баландсифат муҳайё месозад. Рушди пайвастаи технология ва инноватсия дар ин соҳа ба эҷоди маводди мустаҳкамтар, устувортар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза барои иншооти оянда мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки рушди устувор ва самараноки истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ аз мавҷудияти заминаи муносиби ашёи хом вобастагии зич дорад. Дар ин замина, ҳаҷм ва дастрасии захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи имкониятҳои истеҳсолӣ ва самтҳои ҷойгиркунии корхонаҳои соҳа баромад менамояд. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона ва мақсадноки захираҳои ашёи хом барои ташаккули низоми самараноки ҷойгиркунии истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ ва таъмини рушди минбаъдаи он аҳамияти муҳим дорад. Дар ҳолате ки истифодаи чунин захираҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш бошад, имкониятҳои рушди соҳа ба маротиб зиёд мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои гуногунҷанбаи табиӣ бархӯрдор буда, онҳо барои ташаккули заминаи мусоиди рушди соҳаҳои истеҳсолии иқтисоди миллӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Дар ин замина, мавҷудияти захираҳои ашёи хоми дохилӣ метавонад яке аз омилҳои асосии таҳкими иқтидори истеҳсолии саноати масолеҳи сохтмонӣ ва густариши фаъолияти корхонаҳои соҳавӣ ба ҳисоб равад. Истифодаи самараноку оқилонаи чунин захираҳо дар баробари коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти ашёи хом, барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии саноати масолеҳи сохтмонӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

## 1.2. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ масъалаҳои омӯзиш ва ҷойгиркунонии корхонаи саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми иқтисоди миллӣ маҳсуб шавад. Азнавсозии равандҳои технологии саноати масолеҳи сохтмонӣ ба истифодаи самараноки захираҳои ашёи хоми саноатӣ ва такмили усулҳои истеҳсолот равона карда мешавад. Ҳамзамон, ин раванд барои ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нав ва васеъ намудани номгӯйи масолеҳи сохтмонӣ замина фароҳам меорад. Таъмини масолеҳ ба хоҷагии халқ дар шароити имрӯза масъалаҳои илман

асоснокшударо талаб менамояд. Барои амалӣ сохтани ин масъала ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолии соҳа равандҳои муосири рушдро тақозо мекунад.

Студенников А. И. дар кори илмии худ зикр мекунад, ки: «...саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз соҳаҳои саноати дорои хусусияти таърихӣ ба ҳисоб рафта, маҳсулоти он барои бунёди тамоми соҳаҳои саноат мавриди истифода қарор мегирад» [171, с. 14].

Дар айни замон, муаммоҳои ҷойгиркунони оқилонаи истеҳсолоти саноатӣ масолеҳи сохтмонӣ ва боиси васеъшави мавқеи талабот ба он ва доимо афзудани шумораи сохтмонҳои соҳа хусусияти махсусан муҳим пайдо мекунад. Ин, дар навбати худ, таҳияи амиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркуниро талаб мекунад, ки барои беҳтар кардани банақшагирии ташкили ҳудудии истеҳсолот равона шудааст.

Омӯзиши методологии ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ ба таҳлилҳои иқтисодӣ, оморӣ ва принсипҳои эътимоднокии минтақаҳо дар асоси хусусиятҳои табиии иқлим вобастагӣ дорад. Методологияи ҷойгиркунии корхонаҳои соҳа аз таҳлили вазъи кунунӣ, арзёбии минтақа ва банақшагирии меъёрҳои соҳа иборат аст.

Хусусият ва самти ҷойгиршавии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ аз мавқеи захираҳои ашёи хом ва имконияти истифодаи самараноки онҳо вобаста мебошад. Ҳамзамон, релефи ҳудуд, шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ, инчунин сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳи оҳан ба фаъолияти истеҳсолии ин соҳа таъсири муайян мерасонанд. Ҷойгиршавии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ бояд ба минтақаҳои маскунӣ наздик ё дар дохили он бошад. Дар ин ҳолат барои кашонидани масолеҳи тайёри соҳа харҷи зиёд намешавад ва ҷараёни хароҷоти истеҳсолӣ хеле паст мегардад ва чунин истеҳсолот самаранок мегардад, он метавонад ба тамоми равандҳои баъдӣ то гирифтани фоидаи софи корхона, таъсири мусбат бахшад. Дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи сохтмон таъсири асосиро хароҷоти молии нақлиёт ва тайёр намудани он ташкил медиҳад, ки ин ба арзиши аслии

маҳсулоти соҳа таъсир мерасонад. Дар ин ҷараён истифода аз техника ва технологияи муосир пайваста инноватсионӣ ва рақамӣ намудан зарур аст.

Дар кори илмии мазкур чунин қайд шудааст: «... яке аз муҳимтарин вазифаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва беҳтар кардани ҷойгиршавии истеҳсолот вобастагӣ дорад: аз ҷумла сохтмони корхонаҳо ба манбаъҳои ашёи хом, сӯзишворӣ ва минтақаҳои талаботдошта, оқилона пайваст гардонидани робитаҳои байниминтақавӣ, рушди тахассус ва ҳамкорӣ мебошад» [161, с. 16].

Идоракунии истеҳсолоти мазкур дар чорчубаи иқтисодӣ бозорӣ дар замина баҳисобгирии идоракунӣ ба роҳ монда мешавад. Мувофиқи сиёсати баҳисобгири муҳосибӣ корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби шахсони мутасаддии корхонаҳо назорат карда мешавад. Таъмини ин раванд ба рақобатпазирии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо, коҳиш ёфтани хароҷоти истеҳсолӣ пеш аз ҳама аз сатҳи дурусти ташкили равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ вобаста аст. Дар ин раванд таъмини мунтазами корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ бо ашёи хоми зарурӣ яке аз шартҳои асосии фаъолияти устувори онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бояд ба талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мутобиқ карда шавад. Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва татбиқи оқилонаи захираҳо барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аҳамияти муҳим дорад (ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. - Таҳлили самтҳои асосии корҳои илмӣ оид ба ташаккул, ҷойгиркунӣ ва рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Муаллиф | Самтҳои омӯзиш |
|---|---|
| Аминов Ш. А. | Роҳҳои рушд ва ҷойгиркунонии саноати масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон. Мушкилоти ҷойгиршавии истеҳсоли масолеҳи сохтмонии Осиёи Миёна |
| Раҳимов Р. К., Холдояниди Г., Юденко Т. | Саноати масолеҳи сохтмон ва тараққиёти ояндаи он дар Тоҷикистон |
| Иванников И. Е. | Самаранокии иқтисодии ҷойгиршавии саноати масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон |
| Муҳаббатов Х. М. | Самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои ашёи хоми саноати масолеҳи сохтмонии ҶШС Тоҷикистон |
| Дьяков Ю. А., Деникаев Ш. Ш., Слободяник Н. Д., Самохвалова Л. А. | Харита (нақша) – кон ва зухуроти масолеҳи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон |

*Идомаи ҷадвали 1.1.*

| | |
|---|---|
| Абдухаликов У. А. (зербобҳои 1.7, 2.7 ва 3,8) | Саноати Тоҷикистон: Масъалаҳои модернизатсионӣ (навсозӣ) |
| Абдуллоев У. Ҳ. | Ташаккулёбӣ ва рушди кластери сохтмони минтақавӣ (дар мисоли Тоҷикистони Марказӣ) |
| Ташрипов Қ. Қ., Холов Б. К. | Рушди саноати истеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Холов Б. К., Одинаев Ш. Т. | Ташкили кластери саноати масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон |
| Файзуллоев М. Қ., Одинаев Ш. Т., Холов Б. К. | Вазъи муосири саноати истеҳсоли семент дар вилояти Хатлон (ашёи хом, арзиши аслӣ, истеҳсол ва содирот) |

**Сарчашма:** дар асоси адабиёти [143, с. 31-37] омода шудааст.

Дар таҳқиқот қайд шудааст, ки «Аҳамияти назарраси саноати масолеҳи сохтмон барои иқтисоди миллӣ ва афзоиши доимии ҳаҷми истеҳсоли он дар низоми иқтисоди бозорӣ зарурати ба таҳқиқотҳои илмиро талаб мекунад. Чунки ба ғайр аз раванди ҷойгиркунони боз дигар нишондиҳандаҳоро ба ҷараёни истеҳсолот таъсиррасонанда дар чорчубаи иқтисодӣ рақобатпазири омӯхтан лозим аст. Ҳамин тавр, ҳаҷми афзоиши истеҳсолӣ, махсусан, ҳосилнокии меҳнати иҷтимоӣ дар ин бахш равона шудаанд. Азбаски афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар саноати масолеҳи сохтмонӣ на танҳо аз ҷорӣ намудани технологияи нав, балки то андозае аз ҷойгиршавии мувофиқи корхона вобастагӣ дорад, омили дуюм ба мисли омили аввала ҳам фикронии мантиқӣ бо таҳлили омории бодиққати иқтисодиро талаб мекунад» [28. С. 5].

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки рушди саноати масолеҳи сохтмон бояд дар асоси принсипҳои умумии банақшагирӣ, тақсимоти истеҳсолот ва хусусиятҳои гуногуни қонуниятҳои ҷойгиршавии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ бо характери хоси иқтисоди миллӣ ба роҳ монда шавад. Хусусияти ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмониро мо дар он мебинем, ки он бояд соҳаи сохтмонро бо масолеҳ дар марҳалаҳои гуногуни тайғирёбии таъмин намояд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмин намудани масолеҳи соҳа дар минтақаҳои гуногуни кишвар аз талаботҳои ҷойгиркунони принсип ва омилҳои он вобаста аст. Ҳамин тавр, мо барои такмили раванди ҷойгиркунонӣ, ташкили истеҳсолот ва принсипҳои он дар шароити вилояти Хатлон механизми зерини истеҳсолоти соҳаро пешниҳод менамоем (Расми 1.6).




**Расми 1.6. - Принсипҳои ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмони дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Принсипҳои ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо дарназардошти наздикӣ ба манбаъҳои ашёи хом, ташкили самараноки кластерҳо, таъмини роҳҳои устувори интиқоли маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ таҳқиқ гардидаанд.

Таҳлилҳои анҷомдодаи мо гувоҳӣ аз он медиҳад, ки фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳа ҷиҳати паст намудани арзиши аслии масолеҳ дар корхонаҳои хурди соҳа таъмин карда шавад. Имрӯзҳо шумораи корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 530 ададро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли 1991 ин шумора 519 адад зиёд аст. Сабаби асосии рушди корхонаҳои соҳа, пеш аз ҳама, ба такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ алоқаманд буда, онҳо танзими самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фароҳамсозии инфрасохторҳои зарурӣ дар минтақаҳои гуноугни кишвар, аз ҳама муҳим, татбиқи механизми оқилонаи ҷойгиркунии корхонаҳоро дар бар мегиранд.

Рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва намудҳои гуногуни он ниёзи хоҷагии халқро таъмин намуда, заминаи иҷрои сиёсати маркетингро дар шароити иқтисоди бозорӣ муҳайё месозад. Ин раванд фақат дар асоси банақшагирии ҷойгиркунонӣ метавонад илман асоснок карда шавад. Дигар

нишондиҳандаҳои масолеҳи сохтмонӣ бо бузургиҳои гуногуни андозагирӣ шуда, ба омилҳое ҳамчун хусусиятҳои хоси минтақаҳо ва дигар равандҳои дар ҷараёни он истифодашаванда, техника ва технологияи замони имрӯза ва сатҳи самараноки он вобаста аст. Дар шароити имрӯз ҳангоми интиқоли масолеҳи сохтмонӣ аз як ноҳия ба ноҳияи дигар метавонад ба таври мутавассит ва ҳудудӣ аз 15 фоиз харҷи он афзоиш ёбад.

Дар шароити имрӯза саноати сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Густариши фаъолияти субъектҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба афзоиши иқтидори истеҳсолии соҳа мусоидат намуда истодааст. Ҳамзамон, фаъолшавии сармоягузории хусусӣ ба ин бахш барои таҳкими заминаи иқтисодӣ ва таъмин намудани рушди устувори саноати сохтмонӣ имкониятҳои бештар фароҳам меорад. Раванди зикргардида ба истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла семент ва дигар намудҳои масолеҳи сохтмонӣ, нигаронида шудааст. Ҷалби васеи захираҳои дохилӣ ба истеҳсолот имконияти афзоиш додани ҳаҷми маҳсулот ва мустаҳкам намудани заминаи истеҳсолии соҳаҳоро фароҳам меорад. Дар натиҷа, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ метавонад ба рушди минбаъдаи саноати масолеҳи сохтмонӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Бо навсозӣ намудани соҳа боиси коҳиши вобастагӣ ба воридот гардида, арзиши аслии маҳсулот ва кору хизматрасониро кам мекунад.

Саноати масолеҳи сохтмонии Тоҷикистон босуръат рушд карда, дар назди пойгоҳҳои ашёи хом ва шаҳрҳои калони кишварамон ташаккул ёфтаанд. Масолеҳи асосии истеҳсолӣ семент, хишт, блокҳои сементӣ ва санги майда, гаҷкардон ва дигар намуди маводро дар бар мегирад. Корхонаҳои асосии истеҳсоли масолеҳи соҳа вобаста ба минтақаҳои аҳолинишини саноатӣ ва талаботдошта ба ин намуди масолеҳ имрӯзҳо дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Холзода Б. К. дар кори худ қайд менамояд, ки «ташкил ва ҷойгиркунонии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ фишанги муҳимми баланд бардоштани нақш ва мавқеи соҳаи сохтмон дар иқтисодиёти ҷумҳуриамон ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти он ба ҳисоб меравад. Аммо новобаста ба муҳокимаи васеи шароитҳои рушди корхонаҳо саноати масолеҳи сохтмонӣ, дар сатҳи милливу минтақавӣ ҷанбаҳои методии онҳо ба таври кофӣ муайян карда нашудаанд» [142, с. 101].

Ҳангоми омӯзиш маълум шуд, ки ҷойгиршавии истеҳсолот аслан ба интихоби макони мувофиқ барои корхонаҳои соҳа ва ба мақсади амалисозии он метавонад таъмини фаъолияти молиявии онро низ ташкил диҳад.

Ҳангоми интихоби макон, омилҳои зиёд аз рӯйи хусусиятҳои ҳар як соҳа ба назар гирифта мешавад. Яке аз падидаҳои ба соҳа таъсиркунанда дар ҳама давру замон ҳангоми таҳияи вариантҳои макони истеҳсолот баррасии пурраи ин омилҳо ба ҳисоб меравад. Махсусан, омилҳои муҳимми экологӣ ва ҷойгиркунонӣ хусусияти таъсиркунанда доранд. Ҳангоми хизматрасониҳо ва ташкили кор бояд таъсири ҳамаи омилҳои имконпазирро ба назар гирифта, раванди истеҳсолотро ба роҳ монд. Танҳо дар ин асос метавон баҳодиҳии иқтисодии ҳар як варианти макон барои корхона барои тамоми истеҳсолоти иҷтимоиро анҷом дод ва ҳамчунин ҷараёни мувофиқро, ки қодир ба ноил шудан ба таъсири бузургтарини иқтисодӣ бошад, метавон мавриди истифода қарор дод.

Таърих аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди корхонаҳои соҳа дар асоси таъминоти ашёи хом ва истеъмолкунанда асос ёфтааст. Корхонаҳои хурди соҳаи мазкур аслан дар назди конҳои масолеҳи сохтмонӣ ва корхонаҳои калон дар шаҳрҳои калони аҳолинишини саноатиро вобаста ба риояи талаботҳои экологӣ ҷойгир менамоянд.

Андешаи муҳаққиқи ватанӣ доир ба ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ чунин аст: «...шарти калидии рушд ва ҷойгиркунонии самараноки саноати масолеҳи сохтмонӣ мавҷудияти захираҳои калони ашёи хом ва имконияти истифодаи аз ҷиҳати иқтисоди мақсадноки онҳо дар минтақаҳои

алоҳида ба шумор меравад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаи ғании захираҳои табиии ашёи хом аст, ки барои рушди босуръати саноати масолеҳи сохтмонӣ ва густариши иқтидори истеҳсолии он имкониятҳои мусоид фароҳам месозад» [143, с. 35].

Маҳсулоти сохтмонӣ қисми асоси бозори моддию техникӣ буда, ҳангоми афзоиши ҳаҷми сохтмони асосӣ тавассути ҷойгиркунонии алоқамандии ташкили истеҳсолоти соҳаи мазкур таъмин карда мешавад.

Рушди минбаъдаи саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан аз мавҷудияти ашёи хом вобастагии зиёд дорад. Ашёи хоми табиӣ ва конҳои масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла оҳаксанг, мармар, хок, регу шағал, сангҳои сохтмонӣ дар гӯшаву канори ҷумҳуриямон вуҷуд доранд. Ҳангоми ба ҷараёни истеҳсолот ворид намудани онҳо масъалаи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунандаро дақиқан бо асосноккунии илмӣ, техникӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб гирифт.

Ҷойгиршавии саноати масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама, асоснокии илмӣ, техникӣ ва иқтисодии соҳа вобаста аст. Дар шароити муосир он бо назардошти чунин хусусиятҳо, яъне аз маблағҳои молиявӣ, хароҷоти нақлиёт барои интиқоли ашёи хом, вазни зиёд ва калон, ҳаҷм ва наздикии ба бозорҳои фурӯш ва рушди босуръати инфрасохтор ба анҷом расонида шавад. Дар ин ҷо чунин омилҳои асосии ин раванд дастрасии ашёи хом, шабакаҳои самараноки нақлиёт, дастрасии қувваи корӣ ва таъминоти қувваи баркро бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳангоми ҷойгиркунонии номувофиқи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ метавонад натиҷаҳои таъминоти масолеҳ бо сабаби интиқол ба масофаи дур ба рушди минбаъдаи монеа эҷод созад.

Профессори иқтисодони ватаниамон Хоналиев Н. чунин ақида дорад, ки: «...маҳз корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар ҳоле рушд менамоянд, ки омилҳои ҷойгиршавии соҳа ба инобат гирифта шуда бошанд. Яке аз ин омилҳо энергияталаб будани корхонаҳои соҳа мебошад. Ӯ чунин мешуморад, ки барои истеҳсоли 1 тонна алюминии аввалия аз гилхок то 15 ҳазор киловатт-соат қувваи барқ сарф карда мешавад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти

энергияталаб будани корхонаҳои саноати кӯҳӣ, ҷойгиркунонии онҳо бояд, пеш аз ҳама, дар минтақаҳое ба роҳ монда шавад, ки имконияти бунёд ва рушди неругоҳҳои барқӣ мавҷуд мебошад» [145, с. 70].

Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки «...тавассути ҷойгиркунонии соҳа метавон мустақилияти истеҳсолии корхонаҳои масолеҳи сохтмониро таъмин намуда, ба талаботҳои иқтисоди бозоргонӣ ҷиҳати истеҳсолоти ватанӣ ва дар таъмини масолеҳи воридоти ин соҳа метавонад нақши созгор дошта бошад» [176, с. 10]. Мақсади ташкили бозори масолеҳи сохтмонӣ қонеъ гардонидани талаботи фаъолияти сохтмонӣ аст. Сабаби он афзоиши аҳолӣ ва ниёз ба инфрасохтори зарурӣ дар асоси истифодаи масолеҳи сохтмонӣ ватанӣ ба ҳисоб меравад, ки таъминоти он маҳз аз самаранок ҷойгиркунии истеҳсолоти соҳа вобаста аст.

Ҳангоми омӯзиш маълум гардид, ки омилҳои муҳимми ҷойгиркунии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ ин муайян намудани ҳудудҳои истеҳсолот, вуҷуд доштани намудҳои гуногуни конҳои масолеҳи сохтмонӣ, захираҳои меҳнатӣ ва таъмини робитаҳои нақлиётӣ нақши созгорро мебозад.

Ба андешаи мо, татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва усулҳои пешрафтаи истеҳсолот имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ коҳиш ёфта, арзиши аслии маҳсулот паст карда шавад. Ҳамзамон, истифодаи навовариҳои технологӣ ба беҳтар гардидани сифати маҳсулот ва таҳкими мавқеи рақобатии истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмонӣ мусоидат менамояд.

Самтҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама, аз ҷорӣ кардани технологияҳои муосиру каммасраф, истифода намудани таҷҳизоти рақамӣ ва автоматикунонидашуда, коркарди мушаххаси ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсол кардани намудҳои нави масолеҳи сохтмонӣ (энергиясамаранок, аз ҷиҳати экологӣ тозаву безарар ва устувор) иборат мебошанд. Дар ин замина, татбиқ намудани инноватсия ба

такмили ҷойгиркунонии корхонаҳои соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мусоидат карда, интихоби макони истеҳсолиро бо дарназардошти омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба шакли илмӣ ва иқтисодӣ асоснок мегарданд.

Ҳамин тариқ, дурнамои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бояд ба ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ, истеҳсолӣ ва инноватсионӣ асос ёбад, зеро чунин муносибат барои баланд бардоштани иқтидори соҳавӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин раванд, ҷойгиркунии аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки корхонаҳо ва татбиқи технологияҳои муосир бояд ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати рушди соҳа ба роҳ монда шаванд. Амалӣ намудани ин тадбирҳо имкон медиҳад, ки самаранокии истеҳсолот афзоиш ёфта, захираҳои табиӣ оқилона истифода гарданд ва рақобатпазирии маҳсулоти сохтмонии ватанӣ дар бозор таҳким ёбад. Вобаста ба ин, дар таҳқиқот омӯзиши моҳият, самтҳои асосӣ ва аҳаммияти фаъолияти иннвоатсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмониро васеътар идома медиҳем.

## 1.3. Моҳият, самтҳои асосӣ ва аҳаммияти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ

Аҳаммияти махсусро дар замони имрӯза барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар Тоҷикистон фароҳам сохтани муҳити инноватсионӣ касб мекунад, ки пайдо ва дар амал татбиқ намудани навовариҳоро дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт, бахусус дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ташвиқ менамояд. Муҳаққиқон чунин қайд кардаанд, ки «дар бозори дохилии маҳсолеҳи сохтмонӣ ҳиссаи масолеҳи воридотии рақобатпазир хеле зиёд мебошанд, аз сабаб, ки қисми зиёди корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ аз дастовардҳои инноватсионӣ истифода намебаранд, дар ин маврид метавонанд ба натиҷаи молиявии манфӣ – зарар дучор гарданд» [166, с. 42].

Дар кори илмии мазкур чунин дарҷ шудааст: «...дар бозор инноватсияҳо барои корхонаҳои истеҳсолӣ нақши ҳалкунанда мебозанд, зеро

ба воситаи онҳо корхона метавонад дар давраи дарозмуддат мевқеи устуворро дар бозор ба даст оварад» [171, с. 13]. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки имрӯзу ояндаи Тоҷикистон бо рушди илм ва технологияҳои инноватсионӣ ҳамбастагӣ дорад, зеро заминаи асосӣ барои ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ илм ва технологияҳои инноватсионӣ ба ҳисоб мераванд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон ба он назаранд, ки «...дар асоси рушди илм ва технологияҳои инноватсионӣ иқтисодиёти ба дониш ва навоварию ихтироъкорӣ ташаккул ёфта, ба ин васила рушди истеҳсолоти рақобатпазир ба вуҷуд меояд» [41, с. 68].

Дар иқтисоди миллӣ яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳим ва зарурӣ барои ҳама давалат соҳаи саноти истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ҳам аз ҷиҳати миқиёси истеҳсолот ва ҳам аз ҷиҳати нақши гузоштааш ба иқтисодиёт ҷойи махсусро соҳиб мебошад. Вобасат ба ин, Абдуллоев У.Х. дар таҳқиқоти худ чунин қайд мекунад: «...таҳлили тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои муҳимми соҳаи саноат, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар солҳои охир аз он далолат медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ пайваста бо суръати баланди афзоиш боло меравад» [155, с. 15]. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки дар рушди имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии кишвар ба нақш ва мақеи саноат баҳои объективӣ додан душвор аст.

Маврид ба ёдоврӣ мебошад, ки: «Занҷири арзиш, ки аз ҷониби Портер ташаккул ёфтааст, маҷмуи ҳамоҳангшудаи навъҳои фаъолиятро дар бар мегирад, ки арзиш эҷод мекунанд - аз сарчашмаҳои ашёи хом ё таъминкунандагон оғоз ёфта, то расонидани маҳсулоти тайёр ба истеъмолгарони ниҳоӣ идома меёбад. Занҷири арзиш аз чорчӯбаи як корхонаи мушаххас берун рафта, ба равандҳое, ки берун аз ҳудуди корхона ба вуҷуд меоянд, диққат медиҳад. Ба ибораи дигар, ҳар як корхона ҳамчун як қисм (пайванд) дар занҷири умумии фаъолиятҳое баррасӣ мегардад, ки аз манбаи ашёи хом то истеъмолгари охирин арзиш эҷод мекунанд» [98, с. 35].

Занҷири арзиш ҷараёнҳоеро нишон медиҳад, ки корхона барои дар сари вақт таҳия, истеҳсол, фурӯш ва дигар хизматрасониҳои баъдифурӯш анҷом медиҳад.

Мукимова Н.Р. қайд мекунад, ки «имрӯзҳо омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти инноватсионӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ ба яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва рӯзмара табдил гаштааст» [166, с. 32]. Дар замони муосир ба муваффақият ва комёбӣ корхонае даст меёбад, ки агар усулҳои муосири инноватсиониро дар фаъолияти худ мунтазам ворид намояд.

Бунёдгузори инноватсия ҳамчун элементи иқтисодӣ яке аз иқтисоддонони австриягӣ Й. Шумпетер ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Й. Шумпетер: «яке аз механизмҳои асосии ба даст овардани фоида инноватсия мебошад. Вай исбот намуд, ки тамоюли тағйирёбии майлу хоҳиши соҳибкор сарчашмаи тағйирот дар бозор мегардад» [65, с. 43].

Панҷ наъи инноватсияро иқтисоддон Й. Шумпетер дар назарияи худ муайян ва пешниҳод намудааст:

- ✓ бо хосиятҳои беназир истеҳсол намудани маҳсулот;
- ✓ ҷорӣ кардани сохтори нави ташкилотӣ;
- ✓ истифода намудани усулҳои нави истеҳсолот;
- ✓ истифода кардани сарчашмаҳои нави ашёи хом [166, с. 35];
- ✓ ворид шудан ва ҳиссаи фурӯши худро зиёд намудан дар бозорҳои нав [165, с. 56].

Дар соҳибкории муосир тамоми ин намудҳои инноватсияро дар бахши сохтмон, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар соҳаи саноат яке аз хусусиятҳои имконпазир ин талаботи ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ аст. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он захираҳои масолеҳи сохтмонии эътимоднок яке аз омилҳои асосии ташкили истеҳсолот дар ин самт мебошад. Дар мавриди васеъ паҳн гардидани ашёи хоми соҳа, истифодаи самараноки он, пеш аз ҳама, аз

истифода намудани техника ва технологияи типпи нав ва ҷорӣ намудани самтҳои фаъолияти инновватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ мебошад.

Махсусан, Зайнутдинов Ш.Н., Нуримбетов Р.И. чунин қайд мекунанд, ки «омилҳои асосии истеҳсолоти муосир мувофиқи иқтидори мавҷуда ҳаракати озоди сармоя, мол ва хизматрасонӣ, қувваи корӣ, афзоиши имкониятҳои татбиқи неруи инсонӣ мебошанд. Дар натиҷаи таъсири омилҳои дар боло зикргардида барои тезонидани рушди истеҳсолот имкониятҳои назаррас фароҳам оварда шуда, дар баробари ин таҳдидҳое ба миён меоянд, ки набудани онҳо метавонад ба оқибатҳои номатлуб оварда расонад» [90, с. 209].

Имрӯз соҳаи сохтмон ҳамчун яке аз самти босуръат рушдёбанда дар иқтисоди милии кишвар баромад карда, дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, бунёд намудани иншооти иҷтимоӣ ва ташкил кардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад. Бо дарназардошти аҳамияти стратегии ин соҳа, Ҳукумати кишвар ба рушди ҳамаҷонибаи он таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар самти ислоҳоти сохторӣ ва васеъ кардани диверсификатсияи истеҳсолот дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ тадбирҳои муассир амалӣ мекунад. Ҳадаф аз ин иқдомот баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар замони муосир бо ояндабинии рушди соҳаи сохтмон алоқаманд мебошад. Яке аз омилҳои асосии такондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ афзоиши ҳаҷми сохтмон дар маҳаллаҳои аҳолинишин ба ҳисоб меравад. Барои чунин гуфтаҳо, заминаҳои муосид вуҷуд доранд, аз қабили дар даҳсолаи охир суръати сохтмон ба нишондиҳандаҳои баланд расидааст, дар як қатор корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таҷдиди истеҳсолот амалӣ карда шуда, бозорҳои фурӯши маҳсулоти онҳо васеъ мегарданд.

Корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ дар низоми иқтисодиёт мавқеи муҳим дошта, фаъолияти онҳо бо як қатор соҳаҳои дигари истеҳсолӣ робитаи зич дорад. Маҳсулоти истеҳсолнамудаи чунин корхонаҳо ҳамчун заминаи моддию техникӣ барои бунёд ва таҷдиди иншооти саноатӣ, манзилӣ ва инфрасохтори роҳу нақлиёт истифода мегардад. Аз ин рӯ, рушди корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ метавонад ба густариши ҳамкории байнисоҳавӣ мусоидат намуда, барои таъмини фаъолияти мунтазами бахшҳои гуногуни иқтисодиёт аҳамияти стратегӣ дошта бошад. Хусусияти марҳилаи муосири рушди иқтисод ва ҷомеа дар шиддат гирифтани равандҳои инноватсионӣ ва модернизатсияи иқтисодии кишвар дар назар аст. Зарурат ва объективияти рушди фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳо бепоён аст ва бисёре аз муҳаққиқон ба ин масъала ишора мекунанд.

Дар ин радиф Солехзода А.А., Мирҷамолов М.А., ибрози ақида карда, қайд мекунанд, ки: «... корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун иштирокчиёни муҳимми бозори дохилӣ баромад мекунанд, дар давраи истиқлолият бо вуҷуди густариши фаъолияти истеҳсолӣ ва рушди тадриҷии худ, ба мушкилоти марбут ба нигоҳдории рақобатпазирӣ дучор мегарданд. Ин вазъият, пеш аз ҳама, бо дараҷаи афзояндаи бозкушоии иқтисоди миллӣ алоқаманд мебошад, ки он дар раванди ҳамгироии кишвар ба низоми савдои ҷаҳонӣ ва пас аз пайвастан ба Созмони ҷаҳонии савдо бештар зоҳир гардидааст. Аҳаммияти ин масъала барои корхонаҳои соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ низ то ҳол боқӣ мемонад, зеро дар даҳ соли охир онҳо рушди прогрессивиро нишон медиҳанд. Бо ворид гардидани ширкатҳои нав бо маҳсулоти рақобатпазир ва технологияҳои инноватсионӣ сатҳи рақобат миёни онҳо афзоиш ёфта истодааст. Баланд шудани дараҷаи кушода будани иқтисоди Тоҷикистон аз корхонаҳои ин соҳа талаб мекунад, ки тадбирҳои стратегӣ ва иловагии баланд бардоштани рақобатпазириро амалӣ намоянд, зеро иштирокчиёни нави бозор дар бисёр ҳолатҳо самараноктар фаъолият мекунанд ва дорои захираҳои молиявӣ ва иқтисодии бештар мебошанд. Воридшавии сармояи хориҷӣ, технологияҳои пешрафта ва

таҷрибаи идоракунии муосир дар оянда ба бозори сохтмон таъсири амиқи иҷтимоию иқтисодӣ мерасонад, ки ин раванд имкониятҳо ва ҳамзамон чолишҳои наверо барои истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ фароҳам меорад» [127, с. 18].

Дар таҳқиқоти хеш Глазкова В.В. қайд менамояд, ки: «...бояд ҳаминро қайд намуд, ки асосан фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои рушду такмили технология, рақамигардонӣ ва устувории баланди масолеҳ равона гардидааст. Корхонаҳое, ки ба самтҳои фаъолияти инноватсионӣ мароқ зоҳир менамояд, дар сегменти бозор метавонад рақобаттавонии фаъолияти истҳсолии худро бештар намояд» [159, с. 65].

Ахмедов М. Ф. дар таҳқиқоти худ оид ба ашёи хоми масолеҳи сохтмонӣ қайд мекунанд, ки: «Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои ашёи хоми минералӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо истифода аз асосҳои инноватсионии муосир потенсиали кофӣ дорад. Мушкилот асосан ба таъмини молиявӣ, моддию техникӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ марбут мебошад, на танҳо барои қонеъсозии комили ниёзҳои дохилии кишвар, балки ҳамчунин бо мақсади суръатбахшии содирот ва расидан ба тавозуни муносиб дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ» [79, с. 136].

Ба андешаи мо, фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масхулоти сохтмонӣ ин ҷамъи тадбирҳою амалҳое мебошад, ки ба таҳияву татбиқ ва паҳнкардани техникаю технологияҳои нав, масолеҳи беҳтаршуда ва усулҳои истеҳсолӣ равона шуда, бо мақсади беҳтарнамудани сифати маҳсулот, кам намудани хароҷот ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ва экологӣ равона карда мешавад. Дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ инноватсия метавонад дар шакли таҳияи масолеҳи нав, беҳсозии равандҳои истеҳсолот ва коркарди дубораи ашёи хом зуҳур кунад.

Инноватсияҳоро дар сатҳи корхона вобаста ба истеҳсоли маҳсулот метавон ба монанди соҳаҳои саноатӣ гурӯҳбандӣ кард, аммо дар соҳаи сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ инноватсияҳо бо як зумра

хусусиятҳо тафовут доранд. Инноватсияҳоро дар сохтмон аз рӯйи меъёрҳои дар расми 1.7 овардашуда гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст.




**Расми 1.7. - Меъёрҳои таснифи инноватсияҳо дар соҳаи сохтмон**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар соҳаи сохтмон, ПИТ ба суръат бахшидани истеҳсолот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, такмили идоракунӣ ва бехтар шудани сифати сохтмон мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, технологияҳо ва таҷҳизоти муосир имкон медиҳанд, ки доираи васеи маҳсулоти сохтмонӣ бо сарфаи вақт ва захираҳои моддӣ, коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ ва муҳимтар аз

ҳама, бо риояи сифати баландтарини конструксияҳои бунёдшаванда истеҳсол карда шавад.

Раҳимов О.Н. чунин назар дорад, ки «масъалаи фаъолияти инноватсионӣ аз таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ муддати тулонӣ дур монд. Бо шиддат ёфтани рушди илмӣ–техникӣ ва фаъолияти инноватсонӣ танҳо дар даҳаи 60-уми асри XX паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур аз тарафи олимон мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Роҳи асосии ин таҳқиқот дар аввал дар чаҳорчӯби назарияи Й. Шумпетера анҷом дода шуда, тибқи он хусусиятҳои асосии раванди инноватсионӣ таҳия гардидаанд» [53, с. 12].

Аз байни соҳаҳое, ки истеъмолкунандаи партовҳои саноатӣ мебошанд, соҳаи саноати масолеҳи сохтмонӣ дорои иқтидори бузургтар мебошад. Ҳаҷми истифодаи партовҳои саноатӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар кишвари мо чун дар дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон пайваста афзоиш меёбад.

Ҷорӣ намудани масолеҳи муосири сохтмонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи сохтмон яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ворид намудани навовариҳои илму техника як раванди муҳим ва душвор аст, ки вақт, маблағ ва дастгирии давлатиро талаб мекунад. Дар “Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” – ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-уми апрели соли 2022, №203) тасдиқ шудааст, самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сохтмон, аз ҷумла рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ оварда шудааст. Дар ин санади стратегӣ таъкид мегардад, ки «ҷорӣ намудани васеи инноватсияҳо ҳамчун омили муҳимми пешрафти соҳаи сохтмон, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, таҳкими иқтидори кадрӣ ва илмӣ, афзоиши самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва дар умум, беҳтар гардидани сифат ва шароити муҳити зисту зиндагии аҳолӣ арзёбӣ мешавад. Асоси ҷорӣ намудани

технологияҳои инноватсионӣ дар сохтмон тадқиқотҳои илмӣ ва такмили талаботи меъёрӣ ба ҳисоб меравад» [9].

Аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ инноватсияҳоро ба намудҳои гуногн қисмат мекунанд, ки мо онҳоро дар расми 1.8 пешниҳод намудем.




**Расми 1.8. - Гурӯҳбандии инноватсияҳо аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар стратегия пешбинӣ шудааст, ки роҳи ҳалли асосии мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сохтмон, навсозии корхонаҳои амалкунандаи сохтмонӣ, татбиқи лоиҳаҳои пилотӣ оид ба истеҳсол ва ҷорӣ кардани масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ ва энергосамаранок ва технологияҳо хоҳад буд, ки имкон медиҳанд сохтмон ба сатҳи нав ва босифат бароварда шавад, инчунин

истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ имконпазир гардад.

Рушди масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ имкон медиҳад, ки ҳам дар ҷараёни сохтмон ва ҳам дар давраи истифодаи биноҳо ва иншоот таъсирҳои комилан нав ба даст оварда шаванд. Барои тақвияти соҳаи сохтмон дар минтақаҳо, ҷорӣ кардани масолеҳи сохтмонии дорои технологияи баланд муҳим аст - аз ташаккули ғояҳои нав ва таҳияи онҳо то истеҳсол, пешбурди маҳсулот ва ташвиқи фурӯш. Мо дар кор марҳилаҳои татбиқи фаъолияти инноватсиониро барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ коркард намудем, ки дар расми 1.9 пешкаш гардидаанд.

| Марҳилаҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ | |
|---|---|
| Марҳилаи 1 | Гирдоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба талабот ба технологияҳои сарфакорона ва эхтиёҷоти истеъмолкунандагони эхтимолӣ. |
| Марҳилаи 2 | Таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи технологияҳои сохтмонӣ ва истеҳсоли инноватсионии он. |
| Марҳилаи 3 | Таҳия ва таҳлили ғояҳои эҷоди масолеҳи нави сохтмонӣ бо хосиятҳои такмилёфта дар асоси талаботи муосири саноатӣ ва муҳити зист. |
| Марҳилаи 4 | Такмил ва оптимизатсияи раванди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо истифодаи технологияҳои муосир. |
| Марҳилаи 5 | Санҷиши намунаи таҷрибавии саноатӣ ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили раванди офариниши маснуоти сохтмонӣ. |
| Марҳилаи 6 | Таҳияи механизмҳои ҷорӣкунӣ ва омодасозии хатҳои технологии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити истеҳсолоти саноатӣ. |
| Марҳилаи 7 | Ташкили истеҳсоли саноатии масолеҳи нави сохтмонӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ. |
| Марҳилаи 8 | Озмоиш ва таҳияи стратегия барои бароmад ба бозори масолеҳи нави сохтмонӣ бо хосиятҳои инноватсионӣ. |

**Расми 1.9. - Марҳилаҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Комилов С.Ҷ., Алиева Г.Ш. дар таҳқиқоти худ зикр мекунанд, ки: «инноватсия ҳам дар ҳолати ҷорӣ ва ҳам дар ҳолати статикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ҳолати охирин, инноватсия ҳамчун натиҷаи

ниҳоии давраи илмӣ-истеҳсолӣ, ҳамчун натиҷае, ки навоварӣ дорад ва ба эҳтиёҷоти инноватсионӣ ҷавобгӯ аст, ба назар мерасад» [43, с. 6].

Комилов С.Ҷ. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, яке аз олимон-иқтисоддонони шинохтаи тоҷик аст, ки бештар дар бахшҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсионӣ таҳқиқотҳои илмиро ба анҷом расонидааст. Вай дар корҳои илмии худ ба масъалаҳои рушди инноватсонӣ дар соҳаи саноат таваҷҷуҳи махсус равона кардааст. Дар умум, андешаҳои илмии Комилов С.Ҷ. доир ба фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат ба он асос ёфтааст, ки рушди самтҳои инноватсонӣ яке аз омилҳои асосӣ ва калидӣ барои таъмин намудани рақобаттавонии иқтисоди миллӣ ва пешрафти усувории соҳаи саноат мебошад.

Яке аз олмони тоҷик, ки бештар дар таҳқиқоти худ ба масъалаҳои рушди фаъолияти инноватсонӣ диққати махсус зоҳир менамояд - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзуллоев М.Қ. мебошад. Дар таҳқиқоти худ Файзуллоев М.Қ. ба рушди фаъолияти инноватсонӣ дар соҳаи саноат диққати махсус равона намудааст. Ба назари Файзуллоев М.Қ. «барои рушди устувори соҳаи саноат, ташаккули низоми миллии инноватсионӣ (НМИ) муҳим мебошад, ки он бояд бо хосиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад. Ин низом бояд ҳамкории муассир байни давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимиро таъмин намояд» [173, с. 38]. Инчунин, профессор Файзуллоев М.Қ. ба он назар мебошад, ки: «давлат бояд дар ташкили инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсионӣ ва фондҳои сармоягузории хавфпазир (венчурӣ) саҳмгузор бошад. Ин инфрасохтор метавонад ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат мусоидат намояд» [173, с. 42].

Муҳақиқи дигари ватанӣ Муртазоев О.Қ. вобаста ба механизмҳои рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат, махсусан дар минтақаи маркази Тоҷикистон ибрози назар намудааст. Ба андешаи ӯ, «рушди устувори иқтисоди Тоҷикистон, алалхусус дар минтақаҳои марказӣ, гузаштан аз модели анъанавии агарарӣ-саноатӣ, ба моделӣ саноатӣ-инноватсионӣ ба

мақсад мувофиқ мебошад. Ин гузариш бояд тавассути ташкили кластерҳои саноатӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ амалӣ гардад. Ташкили ин ҳамкорӣ бояд дар асоси механизми ягонаи идоракунӣ ва дастгирии давлатӣ дар самти фаъоляити инноватсионӣ суръат гирад» [106, с. 309].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ масъалаҳои рушди инноватсионии истеҳсол ва истифодаи масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ аз мавқеъҳои гуногуни назариявию методологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҷанбаҳои технологӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ ва бозории ин раванд таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Омӯзиши мавқеъҳои илмии муаллифон имкон медиҳад, ки равишҳои асосии таҳқиқи инноватсия дар соҳаи масолеҳи сохтмонӣ гурӯҳбандӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо муайян карда шаванд, аз ҷумла:

- А.С.Владимирова, Р.Г.Абакумов, «инноватсияҳо тағйиротҳое мебошанд, ки бо мақсади ҷорӣ намудан, истифода ва татбиқи қарорҳои нав дар соҳаи илмию техникӣ (технологӣ), инчунин дар самти ташкиливу иқтисодӣ, бозорҳои нави фурӯш ва шаклҳои нави ташкили истеҳсолот, воситаҳои навтарини истеҳсолӣ ва логистикӣ, ҳамчунин, шаклҳои нави маҳсулоти истеъмолӣ амалӣ мегардад» [83, с. 48].

- М.С.Оборин «ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ якчанд таъсири ба ҳамдигар марбутро таъмин менамоянд: кӯтоҳ намудани давраи анҷоми корҳои сохтмонӣ, паст намудани арзиши аслӣ ва баланд бардоштани сифати масолеҳи сохтмонӣ. Масалан, гузаштан аз технологияи сохтмони панелӣ ба технологияҳои монолитии васлшаванда имкон медиҳад, ки биноҳо аз қисмҳои қаблан дар корхонаҳои сохтмонӣ омодашуда бунёд карда шаванд. Самтҳои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сохтмон ба ташаккул ва истифодаи иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, беҳтар ва самаранокии истеҳсолӣ (мошинҳои сохтмонӣ, механизмҳо) мусоидат менамояд» [113, с. 183].

- Р.Г.Абакумов, И.В.Ходыкина «инноватсия дар сохтмон на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои навро дар сохтмон дар бар мегирад, балки ба равандҳои бозсозӣ ва муосиргардонии иншооти мавҷуда низ дахл дорад. Дар

ин ҳолат, навсозӣ ва муосиргардонии қарорҳои меъморӣ-лоиҳавӣ ва муҳандисӣ ба такмили онҳо мусоидат карда, устувории техникӣ, сатҳи бароҳатӣ, бехатарии экологӣ ва самаранокии иқтисодии истифодаи биноҳоро боло мебарад ва ҳамзамон истеъмоли энергияро ба сатҳи ҳадди ақал паст мекунад» [67, с. 16].

- В.А.Кудрявцева «аҳаммият ва муваффақияти воридшавии масолеҳи инноватсионии сохтмонӣ ба бозор ва густариши фарохи онҳоро дар мавҷудияти инфрасохтори дастгирии соҳа дар сатҳи минтақавӣ мебинад. Ин зерсохтор маҷмуи низомҳои ҳамдигарбаста ва элемнтҳои ташкилии онҳоро дар бар мегирад, ки фаъолияти муътадили корхонаҳои истеҳсолиро таъмин мекунанд (масалан, марказҳои илмӣ ва технопаркҳо, бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои логистикӣ ва нақлиётӣ, ширкатҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, агентҳои амволи ғайриманқул, ширкатҳои лизингӣ, марказҳои реклама ва намоишгоҳҳо)» [97, с. 27].

Мо дар расми 1.10 муҳимтарин афзалиятҳои фаъолияти инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро пешниҳод намудем.

Ҳар фаъолият дар худ афзалиятҳо ва нуқсонҳо дорад. Махсусан, фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, ки онҳо ба самаранокии истеҳсоли маҳсулот ва рақобатпазирии он замина фароҳам месозанд.




**Расми 1.10. - Афзалиятҳои иқтисодӣ, техникӣ ва экологӣ аз татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои соҳаи саноат, алалхусус истеҳсоли масолеҳи саноатӣ, яке аз ҷузҳои калидӣ ба ҳисоб меравад, зеро барои амалигардонии фаъолияти инноватсонӣ дар соҳаи саноат бояд пайвастагии илм бо истеҳсолот дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда шавад. Дар чунин шароит рақобатпазирии корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ пеш аз ҳама ба қобилияти мутобиқшавии онҳо ба талаботи тағйирёбандаи бозор вобаста мебошад. Агар корхонаҳо сатҳи зарурии рақобатпазириро таъмин карда натавонанд, имконияти онҳо барои қонеъ намудани талаботи бозор ба маҳсулоти сохтмонии истеҳсоли ватанӣ маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сифати маҳсулот, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва коҳиш додани хароҷот бояд ҳамчун самтҳои муҳими таҳкими мавқеи корхонаҳои ватанӣ дар бозори масолеҳи сохтмонӣ арзёбӣ шаванд. Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии давлат ҷалб ва муттаҳид намудани сармоягузориҳо ба самтҳои фаъолияти инноватсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ноил гаштан ба он истифодаи фаъолонаи тамоми иқтидори мавҷудаи кишвар муҳим мебошад.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сохтмон яке аз муҳимтарин бахшҳо барои рушди иқтисод ва зерсохтори ҳар як кишвар ба ҳсиоб меравад. Масолеҳи сохтмонӣ на танҳо бояд дорои хосиятҳои физикӣ ва механикии баланд бошанд, балки бояд эҳтиёҷоти саноатӣ ва экологии ҳозираро низ таъмин намоянд.

Масолеҳи сохтмонии нави инноватсионӣ аксаран сабуку гармидоранд, ки ҳангоми истифода намудан ва истеҳол кардан ба сарфаи энергия мусоидат менамоянд. Дар асоси ворид намудани инноватсия суръати кор дар сохтмон баланд мегардад ва хароҷотро барои истеҳсоли махсулоти сохтмонӣ паст мекунад. Инноватсияҳо имкон медиҳанд, ки масолеҳ аз партовҳои коркардшуда истеҳсол шуда, фишор ба муҳити зист кам шавад. Маҳсулоти инноватсионӣ барои сохтани тарҳҳои ғайримуқаррарӣ ва муосир замина гузошта, вобаста ба ин корхонаҳо бо истеҳсоли масолеҳи инноватсионӣ метавонанд ҷойгоҳи худро дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мустаҳкам кунанд.

Масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ бештар бо талаботи муҳити зист, устуворӣ ва бехатарии глобалӣ бояд мувофиқ карда шавад. Мо дар идомаи таҳқиқоти худ мехоҳем ба нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ нуқтаи назари худро баён намоем. (Расми 1.11).




**Расми 1.11. - Нуқсҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар истеҳсол ва коркарди маҳсулоти сохтмонӣ фаъолияти инноватсионӣ дорои нуқсҳо ва мушкилот мебошад, ки ҳар кадом метавонад дар ташаккул ва рушди инноватсонии истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ таъсирӣ худро расонад. Барои ҳамин ҳар як фаъолияти истеҳсолӣ, бояд нуқсҳои мавҷудро дар ин самт марҳила ба марҳила бартараф намояд, зеро онҳо метавонанд ба самаранокии фаъолияти инноватсионии корхона таъсири амиқи худро расонанд. Фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз ҳама, сармоягузории зиёдро талаб намуда, таъсиси технологияи нав, таҷҳизоти муосир ва таҳқиқот дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ хароҷоти калонро талаб менамояд. Дар шароити имрӯза на ҳар як корхонаи истеҳсолӣ имконияти молиявӣ дорад, ки фаъолияти инноватсиониро оғоз ё васеъ намояд. Қобили қайд аст, ки ҳамаи инноватсияҳо натиҷаи хуб намедиҳанд, имкони номуваффақӣ ва зарари иқтисодӣ аз натиҷаи инноватсиҳо вуҷуд дорад. Нуқси дигаре, ки дар самти фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати

сохтмонӣ вуҷуд дорад, ин камбуди мутахассисони соҳибтаҷриба ба ҳисоб меравад. Иҷрои инноватсия дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ талаб менамояд, ки мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои технология, муҳандисӣ ва идоракунӣ бояд вуҷуд дошта бошанд. Маҳдуд будани дастрасӣ ба технологияҳои муосир яке аз монеаҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар кишварҳои рӯ ба рушд қисми зиёди корхонаҳои соҳаи сохтмонӣ имконияти кофии истифодаи технологияҳои пешрафта ва донишҳои нави инноватсиониро надоранд. Ин ҳолат метавонад раванди навсозии истеҳсолотро суст намуда, имкониятҳои корхонаҳоро барои ҷорӣ намудани навовариҳо маҳдуд созад. Муқоисаи афзалиятҳо ва нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ дар ҷадвали 1.2 оварда шудааст.

Маҷвуд набудани инфрасохторӣ номукаммал дар баъзе минтақаҳои кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ нуқси дигари фаъолияти иннвоватсионӣ дар соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Барои истеҳсоли баъзе аз масолеҳои сохтмонии инноватсионӣ инфрасохтори мувофиқ (таҷҳизот, логистика, лабораторияҳо) лозим мебошад, ки дар бисёр вақт маҳдуд аст. Яке аз нуқсҳои дигар ивазшавии технологияҳои инноватсионии нав ба ҳисоб меравад, зеро технологияҳои нав зуд иваз мешаванд, инчунин, масолеҳои сохтмонии ҷорӣ метавонанд зуд куҳна шаванд ва арзиши бозории худро аз даст диҳанд.

**Ҷадвали 1.2. - Муқоисаи афзалиятҳо ва нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулот сохтмонӣ**

| Афзалиятҳо | Нуқсонҳо |
|---|---|
| ✓ баланд шудани сифати масолеҳ | ✓ хароҷоти баланди молиявӣ |
| ✓ сарфаи энергия ва масолеҳ | ✓ хавфи номуваффақии лоиҳа |
| ✓ суръати баланди иҷрои корҳои сохтмонӣ | ✓ норасоии мутахассисони баландихтисос |
| ✓ истифодаи масолеҳи экологӣ ва тоза | ✓ дастраси надоштан ба технологияҳои муосир |
| ✓ тавсеаи имкониятҳои меъморӣ ва тарроҳӣ | ✓ муқовимати бозор нисбат ба масолеҳи нав |
| ✓ рақобатпазирии баланд дар бозор | ✓ мушкилии гирифтани сертификат ва иҷозатнома |
| ✓ дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалӣ | ✓ камбуди инфрасохтори лозим барои истеҳсоли масолеҳи нави сохтмонӣ |
| ✓ таҳкими имиҷи корхона ҳамчун ширкати инноватсионӣ | ✓ хавфи зуд куҳнашавии технологияҳо ва камшавии талабот дар бозор |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар замони имрӯза бе истифода намудани фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ тасаввур кардани рушди иқтисодии кишварҳо ғайриимкон мебошад. Махсусан, дар вилояти Хатлони Тоҷикистон захираҳои ғании табиӣ ва қуваи коргарии арзон мавҷуд мебошад, вобаста ба ин, дар соҳаи саноат, алалхусус, истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ нақши калидӣ мебозад. Новобаста аз пешрафтҳои назаррас дар самти фаъолияти инноватсонӣ, ин рафанд дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дорои як қатор афзалиятҳо ва нуқсонҳо мебошад, ки мо дар ҷадвали боло онҳоро муфассал нишон додем. Дар идомаи таҳқиқот мехоҳем, ки ба шарҳи баъзе аз афзалиятҳо ва нуқсонҳое, ки таҳлили онҳо барои таъмини рушди устувори ин соҳа муҳим аст, диққат диҳем.

Дар вилояти Хатлон дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз афзалиятҳои муҳимтарини фаъолияти инноватсонӣ паст будани арзиши ашёи хоми маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар вилояти Хатлон захираҳои зиёди табиӣ, аз қабили конҳои гили сохтмонӣ, сангу шағал ва дигар маводди табиӣ мавҷуд аст. Мавҷудияти чунин захираҳои табиӣ имконият медиҳанд, ки бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ, масолеҳи сохтмонии рақобатпазир истеҳсол карда шавад. Дар вобастагӣ ба ин, қувваи кории арзон ва дастрас ба корхонаҳои истеҳсолии минтақа имконият медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолро кам карда, ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии нав бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Ҳамчунин, вобаста ба диққати рӯзафзуни давлат ба рушди инфрасохтори минтақа, алалхусус, вилояти Хатлон боиси афзоиши талабот ба масолеҳи сохтмонӣ гардидааст. Ин омил боиси ҷалби сармоягузорӣ, ташкили паркҳои технологии нав ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсолот мегардад. Аз ин лиҳоз, имкониятҳои фаровони ҳамкорӣ ҷиҳати ворид кардани технологияҳои сабз ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза байни институтҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳои вилоят вуҷуд доранд.

Дар баробарии дастовардҳо ва афзалиятҳои фаъолияти инноватсонӣ дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳамчунин дар вилояти Хатлон он дорои як қатор меонаҳо мебошад, ки метавонд барои рушди бемайлони

фаъолияти инноватсионии ин соҳа таъсир расонанд. Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ вуҷуд надоштани таҷҳизоти замонавӣ ва технологияи нав дар қисми зиёди корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии минтақа мебошад. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки бисёре аз ин корхонаҳо ҳанӯз бо дастгову таҷҳизоти аз ҷиҳати маънави фарсудашуда кору фаъолият менамоянд, ки на танҳо самаранокиро паст менамоянд, балки барои истифода кардани инноватсияҳо низ маҳудуият ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, нокифоя будани муҳити мусоид барои ташаккули иқтидори илмӣ ва техникӣ ба рушди фаъолияти инноватсионӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин шароит имконияти корхонаҳо барои таҳия ва татбиқи ғояҳои нав маҳдуд гардида, ҷараёни ворид намудани навовариҳо ба истеҳсолот суст мешавад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани заминаи зарурии илмӣ, техникӣ ва ташкилии мувофиқ барои фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бо вуҷуди он ки имкониятҳои фаровони захираҳои табиӣ, қувваи корӣ ва бозори дохилӣ барои пешбурди ин соҳа вуҷуд доранд, фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо як қатор монеа ва нуқсонҳо, аз қабили камбуди таҷҳизоти муосир, набудани маблағгузории кофӣ, сатҳи пасти ҳамкории илм ва истеҳсолот, набудани мутахассисони баландихтисос рӯ ба рӯ мебошад. Барои таъмин намудани самтҳои инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, рушди устувор ва самаранокии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ пайдо намудани роҳҳои мушаххас ва муассир ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои боздорандаи фаъолияти инноватсионӣ дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба андешаи мо, барои табдил додани вилояти Хатлон ба як маркази муҳимми истеҳсоли масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ бояд роҳҳои бартарафсозии нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ пурра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирад (Расми 1.12). Дар ин маврид вилояти Хатлон дар таъмини бозори масолеҳи сохтмонӣ ба масолеҳи инноватсионии балансифт мавқеи марказӣ пайдо мекунад, зеро он дорои захираҳоиғании табиӣ барои истеҳсоли чунин маҳсулот мебошад.




**Расми 1.12. - Роҳҳои бартарафсозии нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дараҷаи пасти ҳамкорӣ дар байни истеҳсолот ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ яке аз монеаҳои ҷиддӣ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз монеаҳои дигар ин дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ва сармояи хусусӣ ба ҳисоб меравад. Бо

сабабҳои хатарҳои баланд ва мавҷуд набудани кафолатҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар ин соҳа соҳибкорон ва сармоягузорон ба он кам таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Яке аз роҳҳои муҳимми бартарафсозии камбудиҳо таҷдид ва навсозии заминаи моддӣ-техникии корхонаҳои истеҳсолӣ дар самти масолеҳи сохтмонӣ аст. Ҳамчунин, давлат метавонад тавассути барномаҳои қарздиҳӣ ва субсидияҳо корхонаҳои истеҳсолии ватаниро ҷиҳати хариди дастгоҳу таҷҳизотҳои инноватсионӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳавасманд созад.

Роҳи дигаре, ки самаранокии фаъолияти инноватсиониро дар соҳаи сохтмон таъмин менамояд, ташкили марказҳои омӯзишӣ ва рушди кадрҳо ба ҳисоб меравад. Камбуди мутахассисони соҳавӣ бо дониши фаннии муосир яке аз монеаҳои ҷиддӣ ба ҳсиоб меравад. Барои ин моро зарур аст, ки барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисосро дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ таҳия ва амалӣ намоем. Ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат ва бозомӯзии кормандон дар назди корхонаҳои истеҳсолии масолеҳи сохтмонӣ метавонад маҳорати инноватсионӣ, амалӣ ва фикрронии онҳоро баланд бардорад. Дар баробари ин, метавонем бо чунин кормандон ташаккули фаъолияти инноватсиониро дар соҳаи мазкур ба роҳ монем.

Омили дигаре, ки ба таъмин намудани фаъолияти инноватсионӣ мусоидат менамояд, ҳамкории мунтазам байни донишгоҳҳо, институту марказҳои илмӣ ва муҳаққиқон ба ҳисоб меравд. Ба андешаи мо, барои татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба истеҳсолот, ташкил кардани фондҳои дастгирии таҳқиқоти амалӣ дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ зарур мебошад.

Яке аз роҳҳои муассири рушди инноватсия таъсиси кластерҳо ва паркҳои технологии сохтмонӣ дар вилояти Хатлон мебошад. Дар чунин марказҳо метавонанд корхонаҳо, муҳаққиқон, сармоягузорон ва донишгоҳҳо дар муҳити ягона ҳамкорӣ намоянд. Ин иқдом боиси коҳиш ёфтани масофаи байни таҳқиқот ва истеҳсолот мегардад.

Мушкилоти дигаре, ки боиси рушди нокифояи фаъолияти инновастонӣ мегардад, набудани маблағгузории кофӣ дар ин соҳа аст. Барои ҳалли ин масъала таъмини дастрасӣ ба грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ва сармоягузории хусусӣ зарур мебошад. Ба назари мо, дар ин маврид давлат ва бонкҳо бояд барномаҳои махсуси дастгирии молиявиро барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ таҳия намоянд. Дар баробари ин, ҷалб кардани сармояи хориҷӣ метавонад дар татбиқи лоиҳаҳои калони соҳавӣ нақши муҳим бозад.

Самти дигаре, ки фаъолияти инноватсионии корхонаро мукаммал мегардонад, рақамикунонӣ ва рақобатпазир кардани корхонаҳо мебошад. Татбиқи рақамикунонии раванди фаъолият ба идоракунии захираҳо, ҳисоботи молиявӣ, банақшагирии истеҳсолот, назорати сифат ва баланд шудани самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд. Дар баробари ин, корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд маҳсулоти истеҳсолнамудаи сохтмонии худро дар платформаҳои рақамӣ тарғибу ташвиқ намуда, барои фурӯш пешниҳод намоянд.

Бартарф намудани нуқсонҳои фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ кори яктарафа намебошад, бартарфсозии он аз ҳамкории якҷояи давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста мебошад. Танҳо тавассути навсозии инфрасохтори истеҳсолӣ, дастгирии молиявӣ, тайёр кардани мутахассисони замонавӣ ва рушд додани ҳамкории илм ва истеҳсолот метавон рушди воқеии инноватсияро дар соҳаи саноат, аз ҷумла истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таъмин намуд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сохтмон ба истеҳсоли масолеҳи аз ҷиҳати экологӣ бехатар равона карда мешавад. Истифодаи масолеҳи сохтмонии «сабз» ба коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти сохтмонӣ ба муҳити зист мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, рушди истеҳсол ва истифодаи масолеҳи экологӣ тоза ҳамчун самти афзалиятноки навсозии инноватсионии соҳаи сохтмон арзёбӣ мегардад. Дар вилояти

Хатлон баъзе корхонаҳо дар баробари коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз қабили гили табиӣ, сангу шағал, регу қум истеҳсоли поруи органикӣ ва партовҳои кишоварзиро барои истеҳсоли хишти бидуни сӯзиш оғоз кардаанд. Ин гуна хиштҳо аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, талаботи бозорро ба масолеҳи аз ҷиҳати муҳити зист безарар қонеъ мекунанд. Боварӣ дорем, ки дар оянда вилояти Хатлон вобаста ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи табиӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза муваффақ гардида, ба таъминкунандаи асосии бозори сохтмонии минтақа ва кишвар табдил меёбад.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки бо зиёдшудани ҳаҷми сохтмон партовҳои сохтмонӣ низ бисёр мешаванд. Ҳоло дар вилояти Хатлон талошҳо барои ҷорӣ намудани технологияи коркарди дубораи партовҳои сохтмонӣ (сангреза, бетон, шағал, қум) амалӣ шуда истодааст. Самти мазкур имкон медиҳад, ки партовҳо ба маҳсулоти нави сохтмонӣ иваз гардида, сарфи ашёи хоми нав коҳиш ёфта, муҳити зист муҳофизат карда шавад.

Самти дигаре, ки барои ташаккули фаъолияти инноватсионӣ замина мегузорад, автоматикунонӣ ва рақамикунонии раванди истеҳсолот дар корхонаҳои соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, зеро онҳо имконияти такмил додани идоракунии равандҳои истеҳсолиро фароҳам меоранд. Ҷорӣ намудани таҷҳизоти рақамӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки назорати сифати маҳсулот ва банақшагирии истеҳсолотро дақиқтар ба роҳ монда, суръати иҷрои амалиёти истеҳсолиро баланд бардоранд. Дар натиҷа, сатҳи самаранокии истеҳсолот афзоиш ёфта, таъсири омили инсонӣ ва эҳтимоли ба вуҷуд омадани хатогиҳо дар раванди истеҳсолӣ коҳиш дода мешавад. Ба андешаи мо, дар шароити муосири рушди иқтисодӣ навсозӣ ва таҷдиди техникии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба ҳисоб меравад. Модернизатсияи таҷҳизот ва

такмили равандҳои технологӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулоти дорои нишондиҳандаҳои баланди сифатӣ ва мутобиқ ба талаботи бозори муосир имконият фароҳам меорад. Дар натиҷа, таҷдиди заминаи истеҳсолӣ метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии масолеҳи сохтмонии ватанӣ ва наздик шудани сифати онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат намояд.

Дар вилояти Хатлон фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ҳоло дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, яке аз самтҳои афзалиятноку умедбахш дониста мешавад. Метавон гуфт, ки дар доираи шарикии афзояндаи бахши давлатӣ ва хусусӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои маҳаллӣ (санг, хоки сохтмонӣ, рег, шағал, қум ва ғ.), ҳамкории судманди ҷомеаи илмӣ барои таҳқиқ ва ҳамкорӣ метавонад дар оянда вилояти Хатлонро ба яке аз маркази рушди масолеҳи сохтмонии инноватсионӣ мубадал гардида, ба таъминкунандаи асосии масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа табдил ёбад.

Шуруъ аз таъмини корхонаҳо бо таҷҳизоти пешрафта ва то пешниҳоди кумакҳои молӣ ва ҳуқуқӣ барои соҳибкорон ҳама чораҳо бояд барои ташаккули самтҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мусоидат кунанд. Дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар бе омӯзиши механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ наметавонем самтҳои инноватсионии ин соҳаро пурра амалӣ намоем. Барои ҳамин, мо дар идомаи таҳқиқоти хеш ба ин масъала диққати бештар равона намуда, механизмҳои рушди инноватсионии соҳаро то андозае такмил, коркард ва пешниҳод менамоем.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИРИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ ВА БАҲОДИҲИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ

Дар ҳамаи марҳилаҳои рушди иқтисоди миллии ҳар кишвар саноат яке аз соҳаҳои калидӣ ва стратегӣ маҳсуб мешавад, ки нақши асосӣ дар рушду густариши сохтори иқтисодию иҷтимоии кишвар дорад. Соҳаи мазкур на танҳо ба истеҳсолот ва афзоиши маҳсулоти саноатӣ вобаста аст, балки ба рушду ташаккули соҳаҳои дигари бахши воқеии иқтисоди миллӣ, аз қабили тиҷорат, хизматрасонӣ, кишоварзӣ ва технологияҳои инноватсионӣ таъсири мустақим ва назаррас мерасонад. Вобаста ба ин, рушди соҳаи саноат ва таҷдиду навсозии корхонаҳои истеҳсолӣ барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва мустаҳкам гардонидани мавқеи миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Аз ин рӯ, соҳаи саноат дар ҳар як давру замон асоси пешрафти ва рушди босуръати илмию техникӣ ҳисобида мешавад. Бешубҳа, барои рушди иқтисоди кишвар дар ҳолати муътадил инкишоф додани ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ муҳим мебошад. Дар сохтори иқтисоди миллӣ соҳаи саноат ҳамчун яке аз бахшҳои воқеӣ ва стратегии кишвар мавқеи калидӣ касб мекунад.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат - саноатикунонии босуръат соҳаи саноат, алалхусус, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба яке аз бахшҳои калидӣ ва афзалиятнок мубаддал гардидааст. Соҳаи мазкур дар қонеъ кардани талаботи дохилии иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ, рушди зерсохтори саноатӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин дар бунёду густариши манзилҳои истиқоматӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минатқаҳои он аҳаммияти зиёд ва муассир дорад. Масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун маҳсулоти асосӣ дар амалишавии лоиҳаҳои муҳимми стратегӣ, таъсис ва бунёди корхонаҳо, сохтмони роҳу пулҳо ва дигар иншооти давлатӣ ва минтақавӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Ҳолати муосири бозори масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, масъалаи омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаро ба вуҷуд меорад. Вилояти Хатлон бо доштани захираҳои ғании ашёи хом, иқтидорҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои васеи рушди саноат метавонад ба яке аз марказҳои муҳимми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ табдил шавад.

Бо дарназардошти аҳаммияти муҳиму стратегӣ доштани бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, баҳодиҳӣ ва омӯзиши масъалаҳои мутааллиқ ба ҳаҷм, сохтор ва самаранокии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҳамчунин таҳлили вазъи бозори вилоят  яке аз масъалаҳои мубраму саривақтӣ ҳисобида мешавад. Омӯзиши амиқу дақиқи ин равандҳо метавонад ҷиҳати таҳияи стратегияву барномаҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба ин бахш, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии минтақа ва афзоиши рақобаттавонии маҳсулоти ватанӣ замина гузорад.

Пеш аз он ки мо дар ин боб истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва баҳодиҳии вазъи бозори минтақаро таҳлил намоем, мехоҳем вобасата ба нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон мухтасар маълумот пешкаш кунем. «...Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил шудааст. Масоҳати он 24,7 ҳазор км мураббаъ буда, он ба 17,5% ҳудуди кишвар рост меояд. Маркзи вилоят шаҳри Бохтар мебошад, ки то шаҳри Душанбе 96 км масофаи байни он аст. Аҳолии вилоят ба 1.01.2025 3790,3 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Вилояти Хатлон аз рӯйи сатҳи табиӣ вилояти кӯҳсор буда, дар қисми ҷанубу ғарбии кишвар мавқеъ гирифтааст. Ба 1 январи соли 2024-ум дар ҳудуди вилоят 186 корхона ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ, 32 корхона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ ва 6 корхонаҳои ресандагӣ фаъолият мекунанд» [24, с. 4-8]. Илова бар ин, «... корхонаҳои истеҳсолии бузургтарин дар вилоят, ба мисли ҶДММ «Водии Заррин» (н. Хуросон), ҶДММ «Ҷунтай-моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин-Ғаюр семент» (н. Ёвон), ҶС «Трансформатор» (ш. Бохтар), ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» (н. Данғара) ва ҶСК «Азоти шаҳри Левакант» (ш. Левакант)  ба ҳисоб мераванд. Дар вилояти Хатлон соли 2024-

ум 821 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят соли 2024-ум ба 12666 млн. сомонӣ баробар мебошад» [24, с. 8-12]. Ҳангоми баррасии ҳолати муосири соҳаи саноат дар кишвар ва алалхусус дар вилояти Хатлон зикр кардан зарур аст, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ тағйироти ҷиддӣ ва назаррас ба вуҷуд омадааст (замимаи 1). Равандҳои мазкур далолат аз он мекунанд, ки соҳаи саноат ҳамчун ҷузъи муҳимми рушди иқтисодӣ нақши калидӣ дорад ва ҳамзамон барои беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи кишвар ва минтақа гардидааст.

Аз таҳлили рақамҳои замимаи 1 дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар вилояти Хатлон сол аз сол рӯ ба афзоиш доранд. Шумораи аҳолӣ дар вилоят соли 2024 ба 3790,3 ҳазор нафар расидааст, ки нисбати соли 2010 ба андозаи 40,5% афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат боиси зиёдшавии ҳаҷми талабот дар бозори масолеҳи сохтмонӣ гардида, рушди соҳаҳои истеҳсолот ва инфрасохтори марбут ба онро талаб мекунад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳлили шароиту омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар пешгӯии ҳаҷми талабот, стратегияи рушди соҳаи сохтмон ва истеҳсолоти он нақши калидӣ дорад.

Аз ҳисоби зиёд шудани аҳолӣ дар вилояти Хатлон шумораи миёнаи солонаи афроди дар иқтисоди рӯ ба афзоиш дорад. Агар ба маълумоти омории соли 2024 назар кунем, муайян мегардад, ки шумораи афроди дар иқтисоди вилоят 506,9 ҳазор нафарро ташкил менамояд, ки нисбат ба соли 2010-ум 36,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки дар вилоят шумораи корхонаҳо дар соҳаҳои гуногуни  афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, сатҳи бекорӣ дар вилоят 0,8 банди фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда шаҳодат аз он медиҳад, ки аҳолии вилоят сол то сол ба ҷойи корӣ таъмин шуда истодаанд. Дар вилояти Хатлон соли 2024 ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд ба 1823,82 сомонӣ баробар шудааст ки назар ба соли 2010-ум 7,8 маротиба зиёд шудааст. Ин рақам нишон медиҳад, ки дар бозори масолеҳи сохтмонӣ талаботи аҳолӣ пайваста афзоиш меёбад. Ин ҳолат

шароити мусоидеро барои тавлидкунандагон ва фурӯшандагони масолеҳи сохтмонӣ фароҳам месозад, то стратегияи истеҳсол ва фурӯши худро муносиб бо ниёзҳои рӯ ба рушди бозор танзим кунанд. Анҷоми ин кор барои рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмон аз аҳаммияти вижа бархурдор аст. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2024 дар вилояти Хатлон ҳаҷми умумии хонаҳои истиқоматие, ки мавриди истифода қарор дода шудаанд, ба 342,8 ҳазор метри мураббаъ расид. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2010 ба андозаи 4,5 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин раванд метавонад аз омилҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи сохтмон вобастагӣ дошта бошад. Илова бар ин, дар соли 2024 масоҳати умумии манзил ба як нафар аҳолии вилоят ба 9,5 $м^2$ баробар гарддидааст, нишондиҳандаи мазкур назар ба соли 2010-ум 41,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши ин нишондиҳандаҳои аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон талабот ба масолеҳи сохтмонӣ давра ба давра рӯ ба афзоиш аст. Раванди мазкур бояд ба таври стратегӣ идора шуда, талаботи аҳолиро бо назардошти афзоиши сатҳи даромад ва қобилияти харидории онҳо қонеъ гардонад. Ҳамчунин, самаранокии истеҳсолот ва ба талабот ҷавобгӯ будани корхонаҳои молтавлидкунанда барои таҳкиму густариши устувории соҳаи сохтмон ва рушди иқтисоди маҳаллӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар байни ҳамаи соҳаҳои саноат истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон аҳаммияти зиёд дорад, зеро рушди ин соҳа ба фаъолияти дигар бахшҳои саноат ва усувории иқтисоди маҳаллӣ таъсири мустақим мерасонад. Саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз бахшҳои афзалиятноки саноати ҷумҳурӣ ва вилоят ба ҳисоб рафта, нақши муҳимро дар таҳкими иқтисоди минтақавӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ иҷро менамояд. Айни замон даҳҳо корхонаҳои саноатӣ дар вилоят истеҳсолкунандаи маҳсолеҳи сохтмонӣ, аз қабили хишт, семент, маҳсулоти ғайримаъданӣ ва масолеҳи ороишӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд,

ки ин раванд нишондиҳандаи самаранокии истеҳсолот ва захираҳои маҳаллӣ мебошад.

Иқтисодиёт як низоми мураккаб ва серпаҳлу мебошад, ки аз бисёр соҳаҳои ба ҳам алоқаманд ташкил ёфта, бахшҳои гуногуни истеҳсолоти моддӣ (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, савдо, алоқа ва сохтмон)-ро дар бар мегирад. Дар ин низом, соҳаи саноат ҳамчун соҳаи асосии истеҳсолоти муосир аҳаммияти калидӣ дорад, зеро қисми асосии маҷмуи маҳсулоти умумии миллӣ маҳз дар ин соҳа ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, саноат асоси мусаллаҳгардонии техникии ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ба ҳисоб меравад, ки ба рушди иқтисодӣ, густариши истиқлоли иқтисодию сиёсӣ ва афзоиши самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, саноатро пешбарандаи тамоми иқтисодиёти миллӣ метавон баҳодиҳӣ намуд, чунки барои рушди устувор ва самаранокии ҳар бахши иқтисодӣ заминаҳои махсус ва таърихан ташаккулёфтаро муҳайё месозад. Вобасат ба ин, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои асосии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон ба мақсад мувофиқ мебошад (Ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. - Нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2024**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2024 / 2018, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 3779 | 174,9 |
| **аз ҷумла в. Хатлон** | **583** | **595** | **619** | **640** | **719** | **822** | **894** | 153,3 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с. 2024, млн. сомонӣ | 25236 | 28567 | 31081 | 37546 | 41187 | 44894 | 53873 | 2,1 мар. |
| **аз ҷумла в. Хатлон** | **8042** | **9352** | **9455** | **10429** | **10784** | **11841** | **12215** | 151,9 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 92,8 | 108,4 |
| **аз ҷумла в. Хатлон** | **17,7** | **20,1** | **20,7** | **20,6** | **22,1** | **22,5** | **23,1** | 130,5 |
| аз он коргарон, ҳазор нафар | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | 72,2 | 75,9 | 105,3 |
| **аз ҷумла в. Хатлон** | **10,2** | **12,5** | **11,2** | **11,9** | **13,5** | **13,9** | **14,3** | 140,2 |
| Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | 109,0 | 120,0 | 9,4 |
| **аз ҷумла в. Хатлон** | **106,2** | **116,3** | **101,1** | **110,3** | **103,4** | **109,8** | **117,5** | 11,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 9, 1, 123; 24, с. 95].

Таҳлили рақамҳои ҷадвали 2.1 нишон медиҳад, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ ҳам дар миқиёси кишвар ва ҳам дар ҳудуди вилояти Хатлон бо суръати баланд тағйир ёфтааст. Агар дар соли 2018-ум шумораи корхонаҳои саноатӣ 2161 ададро ташкил дода бошад, пас ин ниҳондиҳанда

дар соли 2024 ба 3779 адад баробар гардида, нисбат ба соли 2018 74,9% зиёд аст. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2024 назар ба соли 2018-ум 53,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи корхонаҳои саноатии вилоят 23,7 фоизро нисбат ба корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми масулоти саноатӣ 2,1 маротиба дар ҷумҳурӣ назар ба соли 2018 зиёд гардидааст. Дар вилоят нишондиҳандаи болозикр нисбат ба соли 2018 ба андозаи 53,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар давраи кунунии рушди иқтисодии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар ҳадафи чоруми стратегии рушди миллӣ – саноатикунонии босуръатро эълон кардааст. Бо дарназардошти ҳамин, таҳлил ва муайянсозии имконияту захираҳои мавҷудаи соҳаҳои саноат аҳаммияти зарурӣ пайдо менамояд, чунки он заминаи фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолиро фароҳам меорад. Ташаккул ва рушди соҳаҳои саноатӣ (саноати истеҳсолӣ ва технологӣ) на танҳо афзоиши ҳаҷми маҳсулоти дохилиро тақвият мебахшад, ҳатто барои беҳтар намудани сатҳи рақобаттавонии иқтисодиёт ва истиқлолияти иқтисодӣ нақши асосӣ мебозад. Барои исботи гуфтаҳои боло ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2024 нисбат ба шумораи умумии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ дар диаграммаи 2.1 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Диаграммаи 2.1. - Ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2018-2024**




**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 9, 1, 123; 24, с. 95].

Аз маълумоти диаграммаи 2.1 дида мешавад, ки корхонаҳои саноатии вилоят ҳамасола рӯ ба афзоиш ҳастанд. Дар соли 2024 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар в. Хатлон ба 894 адад баробар шудааст, ки аз ин рақам 347 адад ба корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилоят рост меояд, ки ҳиссаи он нисбати корхонаҳои саноатии вилоят 38,8 фоизро ташкил медиҳад.

Яке аз вазифаҳои асосии таҳлили истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ муқоисаи он бо дигар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад (Ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Таносуби минтақаҳо дар таркиби маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар солҳои 2018 – 2024**

| **Минтақаҳо** | **Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ)** | | | | | **Суръати афзоиш, %** | **Фарқият (+, -)** | **Ҳисса бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2022** | **2023** | **2024** | **Соли 2024 нисбат ба соли 2018** | | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23894 | 30890 | 43025 | 46857 | 53873 | 2,2 мар. | 29979 | 100,0 |
| в. Суғд | 11498,4 | 15573,2 | 24326,3 | 26188,1 | 30499,4 | 2,7 мар. | 19001 | 56,6 |
| **в. Хатлон** | **7294,0** | **8998,3** | **10792,5** | **11841,2** | **12666,0** | **173,6%** | **5372** | **23,5** |
| ш. Душанбе | 2664,9 | 2800,6 | 3535,9 | 4265,1 | 5259,4 | 197,4% | 2594,5 | 9,8 |
| НТҶ | 2198,5 | 3289,4 | 4186,1 | 4347,8 | 5134,5 | 2,3 мар. | 2936 | 9,5 |
| ВМКБ | 238,3 | 228,8 | 184,1 | 214,8 | 313,9 | 131,7% | 75,6 | 0,6 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 9]

Дар минтақаҳои кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2024 бештар ба вилояти Суғд - 56,6 фоиз рост меояд. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар соли 2024-ум 23,5 фоизро ташкил намудааст. Мутаносибан ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Душанбе ба 9,8%, НТҶ - 9,5% ва ВМКБ - 0,6% баробар шудааст. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2018 дар вилояти Суғд - 2,7 маротиба, в. Хатлон - 173,6%, ш. Душанбе - 197,4%, НТҶ - 2,3 маротиба ва ВМКБ - 131,7%-ро ташкил медиҳад. Дар асоси маълумоти овардашуда ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки бо дастгириҳои пайваста ва мунтазами Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сол то сол зиёд гардида, ин раванд боиси беҳтар гардидани сатҳи қонеъсозии тақозои аҳолӣ ба маҳсулоти истеҳсоли миллӣ гардидааст. Сиёсати давлатӣ ва таъсири мусбати он дар самти дастгирии саноат на танҳо ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот, баръакс ба тақвияти истиқлоли иқтисодӣ, рушди бозори дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ  имкон медиҳад. Аз ин

нишондиҳандаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки сиёсати стратегӣ ва сармоягузорӣ дар саноат барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ ҳиссаи ҳалкунанда дорад.

Айни замон ба таркиби корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии в. Хатлон намудҳои гуногуни корхонаҳо дохил мебошанд, ки ба истеҳсоли семент, гаҷ, оҳаксанг, хишт ва хишти сохтмонӣ, маҳсулоти оҳану бетон ва асбосемент, регу шағал, сангмайда, гилхок, клинкер, санги рӯйкаш ва сангҳои ороишӣ, инчунин шифер, тахтаҳои сафолӣ ва гаҷкартон машғул мебошанд. Раванди мазкур нишон медиҳад, ки саноати масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисодӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ нақши муҳим дошта, барои таҳкими дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ замина муҳайё месозад.

Захираҳои зиёди масолеҳи сохтмонӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буда, ин захираҳо тавоноии онро доранд, ки талаботи дохилии кишварро ба намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонии баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ безарар пурра таъмин гардонанд. Дар миқиёси ҷумҳурӣ зиёда аз 600 кон ва зуҳуроти канданиҳои фоиданок ошкор гардидаанд, ки бо истифода аз онҳо дар ҳудуди кишвар истеҳсоли маҳсулоти гуногуни семент, хишт, оҳаксанг, санги хоро, мармар, оҳаксанги мармарӣ, гаҷ, хок, қуми кварсӣ, тахтасангҳои ороишӣ, шифер, гаҷкартон, сангмайда ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои мавҷуда, ҳамчунин бунёду азнавсозии корхонаҳои истеҳсолӣ дар оянда аз нуқтаи назари иқтисодӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар низоми омори расмӣ саноати масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун ҷузъи таркибии соҳаи истеҳсоли маҳсулоти ғайриметаллии маъданӣ муаррифӣ гардида, маҷмуи васеи маҳсулоти барои таъмини фаъолияти сохтмонӣ зарурӣро дар бар мегирад. Маҳз ҳамин гурӯҳи маҳсулот ҳамчун заминаи моддиву техникии рушди соҳаи сохтмон баромад намуда, дар таъмини пешрафти зерсохторӣ ва рушди иқтидори иқтисодии кишвар нақши муассир доранд.

Дар ҷадвали 2.3 нишондиҳандаҳои истихроҷи маводди ғайриэнергетикӣ ва истеҳсоли маҳсулот дар шакли асл оварда шудааст. Омӯзишу таҳлили он нишон медиҳад, ки захираҳои мавҷуда ва иқтидори истеҳсолӣ барои таъмин намудани талаботи дохилӣ ва рушди соҳа кофӣ мебошанд. Бо назардошти раванди мазкур, саноати масолеҳи сохтмонӣ на танҳо ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ, балки ҳамчун омили муҳими рушди устувори минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ баҳо дода мешавад.

**Ҷадвали 2.3. - Тамоюли тағйирёбии маводди ғайриэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шакли асл барои солҳои 2018 - 2024**

| Номгӯйи масолеҳ | Солҳо | | | | | | Суръати афзоиш нисбат ба: | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2018, % | 2023, % |
| Маводди сохтмонии ғайримаъданӣ, ҳазор метри мукааб | 1339,0 | 1537,6 | 1459,7 | 1689,8 | 1709,5 | 1938,5 | 144,8 | 113,4 |
| Рег, ҳазор метри мукааб | 501,7 | 520,5 | 451,1 | 521,2 | 500,7 | 561,9 | 112,0 | 112,2 |
| Сангмайда, ҳазор метри мукааб | 765,1 | 935,9 | 948,2 | 1094,3 | 1126,5 | 1276,5 | 166,8 | 113,3 |
| Шағал, ҳазор метри мукааб | 35,0 | 65,3 | 60,3 | 74,3 | 82,3 | 100,1 | 2,9 мар. | 121,6 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 46].

Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ғайримаъданӣ дар давраи солҳои 2018 - 2024 нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ, дар ин бахш тамоюли мусбати рушд мушоҳида мегардад. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маводди сохтмонии ғайримаъданӣ аз 1339,0 ҳазор метри мукааб дар соли 2018 то ба 1938,5 ҳазор метри мукааб дар соли 2024 расида, нисбат ба соли базавӣ 44,8 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз густариши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва болоравии талабот ба масолеҳи сохтмонӣ дар натиҷаи рушди босуръати соҳаи сохтмон шаҳодат медиҳад. Дар сохтори ин гурӯҳи маҳсулот, истеҳсоли сангмайда бо суръати назарраси рушд фарқ намуда, ҳаҷми он аз 765,1 ҳазор метри мукааб ба 1276,5 ҳазор метри мукааб расида, 66,8 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ба зиёд гардидани талабот ба корҳои роҳсозӣ ва сохтмони зерсохторӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон, истеҳсоли рег низ тамоюли мусбати афзоишро нигоҳ дошта, дар соли 2024 ба 561,9 ҳазор метри мукааб расидааст, ки нисбат ба соли 2018 12,0 фоиз ва нисбат ба соли 2023-ум 12,2 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳама афзоиши баланд дар истеҳсоли шағал ба қайд гирифта шудааст, ки ҳаҷми он

аз 35,0 ҳазор метри мукааб дар соли 2018 то ба 100,1 ҳазор метри мукааб дар соли 2024 расида, қариб 2,9 баробар зиёд гардидааст. Ин ҳолат аз густариши корҳои сохтмонӣ ва афзоиши истифодаи ин навъи ашёи хом дар сохтмони объектҳои муҳандисию нақлиётӣ дарак медиҳад.

Бо дарназардошти талаботи иқтисоди бозорӣ, рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, такмили иқтидори истеҳсолии соҳа ба таъмини бозори дохилӣ бо масолеҳи сохтмонии босифат ва аз ҷиҳати нарх дастрас мусоидат намуда, барои рушди устувори бахши сохтмон замина фароҳам меорад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ имкониятҳои воридшавии масолеҳи сохтмониро ба бозорҳои кишварҳои наздик ва дур васеъ намуда, иқтидори содиротии соҳаро таҳким мебахшад. Пас аз гузариш ба иқтисоди бозорӣ Тоҷикистон назорати бозори содиротӣ ва воридотии маҳсулоти сохтмонӣ ва истеҳсоли дохилиро то ҳадде аз даст дода, умуман соҳаи сохтмон рӯ ба пастравӣ ниҳод ва тавоноии қонеъ намудани талаботи дохилиро надошт ва таъсири мусбати соҳаи мазкур ба иқтисоди миллӣ коҳиш ёфт. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки саноати масолеҳи сохтмонӣ барои барқарор кардани тавозуни бозори дохилӣ ва байналмилалӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва дастгирии рушди усувори иқтисоди ҷумҳурӣ дорои аҳаммияти стратегӣ аст.

Аз таҳлили маълумоти омории ҷадвали 2.4 мушоҳида карда мешавад, ки дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли моводди сохтмонии ғайримаъданӣ ба 1938,5 ҳазор метри мураббаъ баробар гардидаст. Ин нишондиҳанда назар ба соли 2018 афзоиши назаррасро ташкил дода, ба андозаи 44,8% афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Коркарди рег дар соли 2024 ба 561,9 ҳазор метри мукааб расидааст, ки нисбат ба соли 2018 12 фоиз зиёд шудааст. Коркарди сангмайда соли 2024-ум нибати соли 2018 ба андозаи 66,8 фоиз ва шағал 2,9 маротиба зиёд гардидааст (замимаи 2).

**Ҷадвали 2.4. - Номгӯйи маводди ғайриэнергетикӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 - 2024 (ҳазор метри мукааб)**

| Минтақаҳо | Маводди сохтмонии ғайримаъданӣ | | | | Фарқият (+, -) | Рег | | | | Фарқият (+, -) | Сангмайда | | | | Фарқият (+, -) | Шағал | | | | Фарқият (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2022** | **2024** | | **2018** | **2020** | **2022** | **2024** | | **2018** | **2020** | **2022** | **2024** | | **2018** | **2020** | **2022** | **2024** | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1339,0 | 1537,6 | 1689,8 | 1938,5 | **599,5** | 501,7 | 520,5 | 521,2 | 561,9 | **60,2** | 765,1 | 935,9 | 1094,3 | 1276,5 | **511,4** | 35,0 | 65,3 | 74,3 | 100,1 | **65,1** |
| ВМКБ | 0 | 0,3 | 6,3 | 12,1 | **12,1** | 0 | 0,3 | 6,3 | 6,4 | **6,4** | 0 | 0 | 0 | 2,0 | **2** | 0 | 0 | 0 | 3,6 | **3,6** |
| Вилояти Хатлон | 441,0 | 333,3 | 476,6 | 525,8 | **84,8** | 192,4 | 96,2 | 151,0 | 167,3 | **-25,1** | 224,5 | 225,1 | 304,6 | 327,3 | **102,8** | 11,9 | 10,9 | 20,9 | 31,2 | **19,3** |
| Вилояти Суғд | 183,2 | 265,2 | 314,3 | 374,5 | **191,3** | 51,6 | 64,7 | 79,0 | 74,9 | **23,3** | 117,3 | 187,6 | 222,8 | 277,9 | **160,6** | 0 | 0 | 12,5 | 21,8 | **21,8** |
| ш. Душанбе | 55,7 | 88,3 | 331,4 | 400,3 | **344,6** | 26,1 | 36,0 | 102,3 | 108,8 | **82,7** | 29,7 | 52,3 | 229,2 | 291,5 | **261,8** | 0 | 0 | 0 | 0 | **0** |
| НТҶ | 659,1 | 850,5 | 561,2 | 625,8 | **-33,3** | 231,6 | 323,3 | 182,6 | 204,5 | **-27,1** | 396,6 | 470,9 | 337,7 | 377,8 | **-18,8** | 23,1 | 54,4 | 40,9 | 43,5 | **20,4** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 46].

Бо вучуди ин, тағйирёбии баъзе нишондиҳандаҳо дар солҳои алоҳида, аз ҷумла коҳиши муваққатии истеҳсоли баъзе навъҳои масолеҳ дар соли 2021 нишон медиҳад, ки соҳа ҳанӯз ба таъсири омилҳои иқтисодию бозорӣ ва маҳдудиятҳои истеҳсолӣ ҳассос мебошад. Аз ин рӯ, барои таъмини рушди устувори соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ғайримаъданӣ татбиқи як қатор тадбирҳои муҳим зарур аст. Аз ҷумла, тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати навсозии технологияи истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ сармоягузорӣ бештар ҷалб карда шавад. Ҳамчунин, рушди инфрасохтори логистикӣ ва беҳтар намудани шабакаҳои таъминоти ашёи хом метавонанд ба коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ мусоидат намоянд. Дар баробари ин, зарур аст, ки назорати истифодаи оқилонаи захираҳои ғайримаъданӣ пурзӯр гардида, ҳамзамон ҷорӣ намудани технологияҳои экологӣ ва каммасраф барои таъмини рушди устувори соҳа дар меҳвари сиёсати саноатӣ қарор дода шавад.

Дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ғайримаъданӣ ба 1938,5 ҳазор $м^3$ баробар аст, ки назар ба соли 2018 145 фоиз зиёд гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Хатлон ба 525,8 ҳазор $м^3$ баробар шуда, афзоиш нисбат ба соли 2018 119,2% мебошад. Ҳамин тавр, аз таҳлили маълумот дида мешавад, ки истихроҷи сангмайда дар в. Хатлон соли 2024 ба 327,3 ҳазор метри мураббаъ баробар гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкур назар ба соли 2018 ба андозаи 1,1 маротиба зиёд шудааст. Вилояти Хатлон дар байни дигар минтақаҳои кишвар пас аз НТҶ дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дар вилояти Хатлон ҳиссаи ҳаҷми умумии истихроҷи сангмайда нисбат ба ҷумҳурӣ 25,6 фоизро ташкил менамояд. Ҳолати мазкур нақши калидии минтақаро дар таъмини захираҳои маводди сохтмонӣ ва рушди устувори соҳаи санаоти масолеҳи сохтмонӣ дар сатҳи миллию минтақавӣ нишон медиҳад.

Ҳаҷми истихроҷи шағал соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 100,1 ҳазор $м^3$, аз ҷумла дар вилояти Хатлон ба 31,2 ҳазор $м^3$ ва НТҶ ба 43,5 ҳазор $м^3$ расонида шудааст. Дар вилояти Хатлон истихроҷи шағал дар давоми ҳашт

соли охир ба андозаи 2,6 маротиба зиёд шудааст. Вазни қиёсии вилоят дар истихроҷи ин шакли масолеҳи сохтмонӣ назаррас буда, дар миқиёси ҷумҳурӣ дар ҷойи дуюм қарор мегирад. Нишондиҳандаи мазкур далолат аз он мекунад, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он талабот ба ин намуди масолеҳи сохтмонӣ пайваста рӯ ба афзоиш буда, нақши вилояти Хатлонро дар таъмини захираҳои дохилии масолеҳи сохтмонӣ бисёр бузург аст. Ҳамзамон бо ин, дар вилоят якчанд корхонаҳои иловагӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ дар оянда ба нақша гирифта шудааст, ки ин иқдом ба афзоиши истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат менамояд ва самаранокии истифодаи захираҳои мавҷударо таъмин менамояд.

Дар ҷадвали 2.5 истеҳсоли намудҳои асосии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (семент, маҳсулоти оҳану бетонӣ, қум ва шағал, хишт, оҳак, гаҷ, сангҳои ороишӣ ва бомпӯшҳои асбестӣ) ва иқтидории истеҳсолии онҳо пешниҳод шудааст. Омӯзишу таҳлили рақамҳои омории ҷадвал имкон фароҳам месозанд, ки таъсири рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва қонеъгардонии талаботи дохилӣ дар бахшҳои сохтмон ва иснфрасохтор ба таври мушаххас баҳодиҳӣ карда шавад.

**Ҷадвали 2.5. - Таҳлили сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои алоҳидаи саноати масолеҳи сохтмонӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба истеҳсолот ва бозори дохилӣ**

| Намуди маҳсулоти сохтмонӣ | Воҳиди ченак | Иқтидори лоиҳавӣ | Истеҳсол дар соли 2024 | Истифода, % |
|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли семент | млн. тн | 5,6 | 4,2 | 75,0 |
| Маснуоти оҳану бетонӣ | ҳазор м3 | 80,0 | 25,5 | 31,8 |
| Коркарди қуму шағал | ҳазор $м^3$ | 2000,0 | 1434,3 | 71,7 |
| Хишт | млн. дона | 500,0 | 253,5 | 50,7 |
| Оҳак | ҳазор тн | 35,0 | 17,6 | 50,3 |
| Гаҷ | ҳазор тн | 60,0 | 8,2 | 13,6 |
| Коркарди санг | ҳазор $м^2$ | 120,0 | 32,0 | 26,6 |
| Бомпӯши асбестӣ | ҳ. дона | 4600,0 | 1842,8 | 40,1 |
| Гаҷкартон | млн.дона | 2,6 | 1,3 | 50,0 |

**Сарчашма:** ҷадвал дар асоси маълумотҳои [21] омода шудааст

Тибқи таҳлили рақамҳои овардашудаи ҷадвал хулоса мешавад, ки ҳеҷ як намуди масолеҳи сохтмонӣ пурра бо иқтидори лоиҳавие, ки корхонаҳо доранд, истифода нашудааст. Илова бар ин, дар Тоҷикистон талаботи аҳолӣ ва иншооти сохтмонӣ ба намудҳои гуногуни масолеҳои сохтмонӣ пурра қонеъ гардонида мешавад, ки ин нишондиҳандаи самаранокӣ ва устувории

саноати масолеҳи сохтмонӣ ба ҳисоб меравад. Дар соҳаҳои асосии иқтисоди ҳар кишвар саноати масолеҳи сохтмонӣ нақши арзанда дошта, барои рушди дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ замина муҳайё месозад. Дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ якчанд хусусиятҳои фарққунанда назар ба соҳаҳои дигари истеҳсолот ба чашм мерасад, ки яке аз онҳо воҳиди ченак (семент бо тонна, маҳсулоти оҳану бетон ва регу шағал бо метри мураббаъ, хишт ва бомпӯшҳои асбестӣ (шифер) бо дона ва ғ.) мебошад, ки иқтидории истеҳсолии корхонаҳо бо онҳо чен карда мешаванд.

Ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ соли 2024 61,4%-ро ташкил дода, дар байни дигар минтақаҳои кишвар мавқеи пешсафро ишғол менамояд (Ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Ҳаҷми истеҳсоли семент ва тамоюли тағйирёбии он дар минтақаҳои Тоҷикистон, ҳазор тонна**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | 2024 нисбат ба 2018 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3844,2 | 4243 | 4280 | 4353 | 4456 | 4351 | 113,2 |
| Вилояти Хатлон | 2354,6 | 2642 | 2570 | 2796 | 2905 | 2671 | 113,4 |
| Вилояти Суғд | 1135,3 | 1281 | 1394 | 1295 | 1297 | 1227 | 108,1 |
| ш. Душанбе | 248,9 | 239,8 | 241 | 211 | 177 | 405 | 162,7 |
| НТҶ | 105,4 | 80,2 | 74,9 | 50,6 | 77,0 | 48,0 | 45,5 |
| **Ҳисоби иқтидори истифодашавандаи корхонаҳои истеҳсоли семент** | | | | | | | |
| Иқтидори лоиҳавии корхонаҳои истеҳсоли семент ҷумҳурӣ (ҳазор тонна) | 5000 | 5600 | 5600 | 5800 | 6100 | 6100 | - |
| Истеҳсоли семент (ҳазор тонна) | 3844,2 | 4243 | 4280 | 4353 | 4456 | 4351 | - |
| Иқтидори истифодашуда бо % | 76,9 | 75,8 | 76,4 | 75,1 | 73,0 | 71,3 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 70].

Дар солҳои охир истеҳсоли семент дар Тоҷикистон, бахусус дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои дигари он, бо суръати баланд зиёд гардида истодааст. Агар дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ 4351 ҳазор тоннаро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон ба 2671 ҳазор тонна баробар мебошад, ки мутаносибан истеҳсоли ин маҳсулот назар ба соли 2018 дар ҷумҳурӣ 13,2% ва в. Хатлон 13,4% афзоиш ёфтааст. Раванди мазкур дар дигар минтақаҳои кишвар ҳам ба чашм мерасад. Ин нишон медиҳад, ки саноати масолеҳи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба таври устувор рушд намуда, барои таъмини талаботи

дохилӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ заминаҳои боэътимодро муҳайё менамояд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.6 нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир исеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд зиёд шуда истодааст. Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли семент соли 2024-ум 4351 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018-ум 13,2 фоиз зиёд мебошад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли семент дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз НТҶ ба назар мерасад. Масалан, дар вилояти Хатлон истеҳсоли семент дар соли таҳлилшаванда 2671 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2018-ум 13,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Суғд ҳаҷми истеҳсоли семент соли 2024 ба 1227 ҳазор тонна баробар шудааст, ки назар ба соли 2018 ба андозаи 8,1 фоиз зиёд шудааст. Аз ҳама бештар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли семент дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 дар ш. Душанбе ба назар мерасад, ки афзоиши беш аз 62,7 фоизро нишон медиҳад. Дар НТҶ бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ 54,5% кам шудани ҳаҷи истеҳсоли семент дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 дида мешавад. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пештар аз хориҷи кишвар семент ворид мекард ва ҳоло ҷумҳурӣ ба содиркунандаи маҳсулоти семент мубаддал гаштааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон содироти сементро ба кишварҳои Қирғизистон, Афғонистон, Узбекистон ба роҳ мондааст. Аз таҳлили ҷадвали 2.6 бармеояд, ки ҳеҷ корхонаҳои истеҳсолкунандаи семент бо иқтидори лоиҳавиашон фаъолият накардаанд. Сабабҳои инро мо, пеш аз ҳама, дар талаботи дохилии ҷумҳурӣ ва берун аз он ба ин намуди маҳсулот мебинем.

Намуди дигари масолеҳи сохтмонии муҳим  хишти сохтмонӣ мебошад, ки бо сабаби зиёдшавии ҳаҷми корҳои сохтмонӣ талабот ба ин намуди масолеҳ низ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст (Ҷадвали 2.7). Шумораи умумии корхонаҳои тавлидкунандаи хишти сохтмонӣ дар миқёси кишвар соли 2024 ба 133 адад расида, аз ин нишондод дар вилояти Хатлон 17 корхона, вилояти Суғд 50 корхона, ВМКБ 2 корхона, НТҶ 57 корхона ва ш.

Душанбе 7 корхона фаъолият мекунад. Иқтидори умумии истеҳсолии корхонаҳо ба 500,0 млн. дона хишт баробар аст.

Аз таҳлили маълумоти оморӣ мушоҳида мегардад, ки дар соли 2024 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 133 корхонаи истещсоли хишт фаъолият карда, дар умум 221,7 млн. дона хишти сохтмонӣ, 96,4 млн. дона хишти сементӣ, 178,2 ҳазор метри мураббаъ хишти роҳрав ва 49,3 ҳазор метри мураббаъ газоблок истеҳсол ва барои таъмини бозори дохилии кишвар бо нархҳои дастрас ва сифати баланд пешниҳод кардаанд. Корхонаҳои истеҳсоли хишт барои истеҳсоли масолеҳи хиштӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ ва барои пухтан ва омода шудани он аз ангишти маҳаллӣ истифода менамоянд. Раванди мазкур имконият медиҳад, ки талаботи бозори дохилӣ бо намудҳои гуногуни хишт пурра қонеъ гардонида шавад. Шохисҳои мавриди таҳлил нишон медиҳанд, ки саноати истеҳсоли хишт дар Тоҷикистон ба таври устувор рушд карда, боиси таъмин намудани талаботи дохилӣ ва дастгирии рушди зерсохтор ва сохтмонҳои миллӣ гардидааст.

**Ҷадвали 2.7. - Истеҳсоли хишти сохтмонӣ ва динамикаи тағйирёбии он, миллион дона**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | 2024 нисбат ба 2018 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 128,6 | 163,6 | 170,5 | 182,3 | 205,9 | 221,7 | 172,4 |
| ВМКБ | 0,1 | 0 | 0,1 | 0 | 0,2 | 0,7 | 7 мар. |
| Вилояти Хатлон | 12,3 | 13,5 | 13,7 | 22,8 | 22,6 | 24,2 | 196,7 |
| Вилояти Суғд | 43,2 | 52,9 | 50,5 | 51,4 | 53,0 | 56,4 | 130,6 |
| ш. Душанбе | 1,9 | 3,0 | 4,1 | 4,7 | 5,1 | 4,4 | 2,3 мар. |
| НТҶ | 71,1 | 84,3 | 102,1 | 103,4 | 125,0 | 136,0 | 191,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 73].

Нишондиҳандаҳои таҳлилшуда гувоҳи он аст, ки дар тамоми қаламрави кишвар саноати истеҳсоли хишти сохтмонӣ бо суръати назаррас зиёд гардида, метавонат талаботи аҳолиро қонеъ гардонад. Илова бар ин, масолеҳи мазкур имкониятҳои содиротии кишварро таъмин намуда, ба рушди зерсохтори миллӣ ва устувории иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар ба таъсири сиёсати давлатӣ, дастгирии сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки

ашёи хоми маҳаллӣ вобастагӣ дорад. Ҳамин раванд нишон медиҳад, ки саноати истеҳсоли хишт ҳамчун яке аз соҳаҳои калидии масолеҳи сохтмонӣ нақши стратегӣ дар рушду таҳкими иқтисоди маҳаллӣ ва миллӣ мебозад.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати кунунии саноати масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки бо фароҳам овардани шароитҳои устувори макроиқтисодӣ дар минтақа рушди устувори корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ таъмин гардидааст. Дар шароити кунунӣ натиҷаҳои таҳлилӣ шаҳодат медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва захираҳои ашёи хоми соҳаи масолеҳи сохтмонӣ дар ҳудуди вилоят ҳанӯз ба таври комил истифода намешаванд. Барои таъмин намудани усувории иқтисодӣ ва рушди зерсохторӣ равандҳои минбаъдаи такмил ва сармоягузорӣ дар корхонаҳои вилоят ба таври стратегӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда шаванд. Зеро аз рӯйи ҳаҷми иқтидори захиравии маводдҳои сохтмонии ғайримаъданӣ в. Хатлон яке аз минтақаҳои пешсаф ба ҳисоб меравад.

Дар умум, метавон хулоса намуд, ки саноати масолеҳи сохтмонӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз ҷиҳати суръати рушд ва афзоиши истеҳсол яке аз соҳаҳои пешрафтаи саноат ба ҳисоб меравад. Аз ҷумлаи омилҳои калидие, ки барои рушди босубот ва суръатноки саноати масолеҳи сохтмонӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд, пеш аз ҳама, мавҷудияти захираҳои фаровони ашёи хоми маҳаллӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, сатҳи азхудкунӣ ва истифодаи самараноки онҳо, шароити мусоиди иқлимӣ барои ташкили равандҳои истеҳсолӣ, афзоиши мунтазами талабот ба масолеҳи сохтмонӣ ва мавҷудияти қувваи кории дастрасу нисбатан арзон ба шумор мераванд. Маҷмуи ин омилҳо барои васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъмини рушди устувори соҳа шароити мусоид муҳайё намуда, ҳамзамон ба таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар ва болоравии нишондиҳандаҳои истеҳсолии миллӣ мусоидат менамоянд.

Истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза аз як зумра омилҳо вобастагӣ дорад:

- вуҷуд доштани захираҳои фаровони ашёи хоми маъданӣ ва гуногунии он, инчунин миқдор ва сифати захираҳо нақши муҳим иҷро мекунад;
- мавқеи ҷуғрофӣва наздикӣ ба минтақаҳои истеъмолӣ ё сохтмонӣ имкониятҳои самаранок барои ташкили истеҳсолот ва кам кардани хароҷоти логистикӣ муҳайё месозад;
- рушди самараноки саноати кӯҳӣ ва коркарди ашёи хом ба таъмини устувории истеҳсол ва истифодаи пурраи иқтидори мавҷуда мусоидат мекунад.

Қобили қайди махсус аст, ки барои таъмин кардани рушди самараноку устувори саноати масолеҳи сохтмонӣ муҳайё сохтани як зумра шароитҳои асосӣ аҳаммияти стратегӣ дорад, аз қабилӣ:

- самаранок истифода намудани иқтидори мавҷудаи корхонаҳои истеҳсолӣ ва зиёд намудани истеҳсолот барои қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ва бозорҳои минатқавӣ;

- рушди заминаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва васеъ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати кӯҳӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо мақсади такмили сифати маҳсулот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиш додани хароҷоти вобаста ба истеҳсоли он;

- ташаккул додани фазои мусоиди институтсионалию иқтисодӣ ҷиҳати ҷалб намудани сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба саноати масолеҳи сохтмонӣ;

- истифодаи самараноку мақсаднокӣ захираҳои маҳаллии мавҷуда, аз ҷумла манбаъҳои моддӣ ва энергетикӣ дар таъмини устувории иқтисодӣ ва экологӣ нақши муҳим мебозад;

- таҳия ва татбиқи стратегияҳои ҳамбаставу ҳамоҳангшуда дар самти рушди зерсохтор ва логистикаи саноатӣ, ки рақобатпазирии масолеҳи ватаниро баланд бардошта, вобастагиро аз воридот кам мегардонад;

- зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ватанӣ ва истеҳсоли масолеҳи воридотивазкунанда барои кам кардани вобастагӣ аз воридот;

- таъмини ҷалби фаъолонаи сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба соҳаи саноат бо мақсади таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, васеъ намудани номгӯйи масолеҳи сохтмонӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати маҳсулот ва афзоиш додани иқтидори истеҳсолии соҳа;

- ташкили корхонаҳои нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо такя ба иқтидори захираҳои ашёи хоми конҳои амалкунанда ва зуҳуроти нави ошкоргардида, бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва рушди иқтидори истеҳсолии соҳа;

- таҳкими фаъолияти корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ дар минтақаҳо тавассути ташаккули низоми самараноки дастгирии давлатӣ ва татбиқи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ бо мақсади афзоиши фаъолияти истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва таҳкими рақобатпазирии онҳо.

Ҳалли масъалаҳои афзоиш ва рушди устувори саноати масолеҳи сохтмонӣ бештар ба сиёсати давлатӣ ва самаранокии он вобаста аст. Сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд бештар ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, таҳкиму густариши иқтидори истеҳсолӣ ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ равона шавад. Амалигардонии ин тадбирҳо барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, такмили равандҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир ба беҳтар шудани сифати маҳсулот ва афзоиши рақобатпазирии он мусоидат менамояд. Дар умум, татбиқи чунин чораҳо ба таҳкими рушди устувори иқтисодӣ ва қонеъ намудани талаботи бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба масолеҳи сохтмонии босифат имконият фароҳам месозад.

## 2.2. Маҷмуи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди миллӣ гузариш ба низоми рушди инноватсионӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина, ташаккул ва густариши инфрасохтори инноватсионӣ, аз ҷумла паркҳои технологӣ, бизнес-

инкубаторҳо, марказҳои интиқол ва паҳнсозии технологияҳо, аҳаммияти хосса касб намуда, барои фароҳам овардани муҳити мусоиди рушди фаъолияти инноватсионӣ замина фароҳам месозад. Ҷузъи асосии низоми инноватсионӣ иқтидори инноватсионӣ буда, имконияти навсозӣ ва такмили низомҳоро инъикос намуда, самтҳои рушди техникиву технологиро муайян месозад.

Дар шароити кунунии рушди иқтисодӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини афзоиши масолеҳи сохтмонӣ иқтидори инноватсионӣ аст. Таҳлил ва омӯзиши сарчашмаҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи арзёбии низоми нишондиҳандаҳои иқтидори инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ то ҳол ба таври кофӣ мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода нашудааст. Барои муайян кардани сатҳи оптималии иқтидори инноватсионӣ, ки бояд субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ онро доро бошанд, баҳогузории дурусти таъсири он ба раванди рушд, пеш аз ҳама, зарур аст, ки мафҳум ва сохтори иқтидори инноватсионӣ аз нуқтаи назари илмӣ дақиқ муайян ва асоснок гардад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» мафҳуми иқтидори инноватсионӣ чунин шарҳ дода шудааст: «иқтидори инноватсионӣ - маҷмуи шаклҳои гуногуни захираҳои зеҳнӣ, молиявӣ, истеҳсолию технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра мебошад, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ зарур аст» [7].

Баъзе аз муҳаққиқон иқтидори инноватсиониро чунин тафсир мекунанд: Денко М. дар таҳқиқоти худ доир ба иқтидори инноватсионӣ чунин мегӯяд: «Микдори муайяни маълумот дар бораи натиҷаҳои кори илмию техникӣ, ихтироот ва конструкторӣ, намунаҳои таҷҳизоту масолеҳи нави инновастионӣ ба вуҷудомада ба ҳисоб меравад» [86. с. 47]. Олими дигар Нечепуренко М.Н. – «ин - системаи омилҳо ва шароитҳое, ки барои татбиқи раванди инноватсионӣ заруранд» [168]. Дар таҳқиқоти худ Рощин В.И. қайд менамояд, ки: «Қобилияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ барои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати техники баланд, ки ба талаботи бозори ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад» [169, с. 8].

Қобили қайд мебошад, ки равишҳо ба ин таъриф, ки ба назар гирифта шудаанд, воқеиятро ба таври мушаххас сода мекунанд ва доираи татбиқи ин истилоҳро то андозае маҳдуд менамоянд. Аз ин рӯ, баҳодиҳии низоми нишондиҳандаҳои иқтидори инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити талаботи муосир аҳаммияти муҳими амалӣ дошта, ҷиҳати муайян намудани сатҳи рушди иқтидори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар зарур ба ҳисоб мераванд.

Ба назари мо, иқтидори инноватсионии субъектҳои соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ маҷмӯи захираҳои иқтисодӣ, имкониятҳои ташкилию идоракунӣ, иқтидори техникию технологӣ ва сатҳи салоҳиятҳои касбиро дар бар мегирад. Истифодаи самараноки ин унсурҳо ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки навовариҳоро таҳия ва татбиқ намуда, технологияҳои муосирро азхуд кунанд ва дар заминаи онҳо истеҳсоли маҳсулот, технология ва хизматрасониҳои рақобатпазирро ба роҳ монанд, ки барои баромадан ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, низоми нишондиҳандаҳои инноватсионӣ маҷмуи нишондиҳандаҳое мебошад, ки барои арзёбӣ, таҳлил ва идоракунии сатҳи рушди инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифода мешаванд. Системаи нишондиҳандаҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки самаранокии воридсозии технологияҳои нав арзёбӣ шавад, ҳолати воқеии истеҳсолот ва имкониятҳои инноватсионӣ муайян мегардад, стратегияҳоиояндабинии рушд таҳия карда мешавад.

Ҳолати иқтидори инноватсионии субъектҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули қарорҳои идоракунӣ доир ба интихоби самт ва татбиқи стратегияи инноватсионӣ таъсири мустақим мерасонад, бинобар ин арзёбии маҷмуии он зарур аст. Бо такя ба омӯзиш ва таҳлили равишҳои илмии мавҷуда метавон хулоса намуд, ки баҳодиҳии иқтидори инноватсионии корхонаҳо бояд аз рӯйи маҷмуи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд амалӣ карда шавад.

Унсурҳои умумии низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ дар расми 2.1 оварда шудаанд.

**Унсурҳои умумии низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ**

| Гурӯҳ | Унсур | Тавсиф |
|---|---|---|
| **1. Иқтидори захиравӣ (ресурсӣ)** | **Захираҳои молиявӣ** | Ҳаҷми сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ (НИОКР), хароҷот барои татбиқи инноватсияҳо, дастрасӣ ба маблағгузории венчурӣ. |
| | **Пойгоҳи моддӣ-техникӣ** | Сатҳи муҷаҳҳазии қувваҳои истеҳсолӣ, дастрасӣ ба таҷҳизоти муосир. |
| | **Захираҳои инсонӣ** | Сатҳи тахассуси кормандон, мавҷудияти кадрҳои илмӣ ва муҳандисӣ, фаъолият дар баланд бардоштани малака ва омӯзиш. |
| **2. Иқтидори дохилӣ (ташкилӣ-идоракунӣ)** | **Системаи идоракунии инноватсияҳо** | Мавҷудият ва самаранокии механизмҳои банақшагирӣ, ташкили равандҳо ва назорати фаъолияти инноватсионӣ. |
| | **Муҳити сармоягузорӣ** | Шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба соҳаи инноватсия. |
| | **Фарҳанги инноватсия** | Майл ба хатари ҳисобшуда, дастгирии ғояҳои нав, кушодагӣ ба тағйирот. |
| **3. Иқтидори натиҷанокӣ** | **Фаъолияти инноватсионӣ** | Шумораи маҳсулот ва технологияҳои нав, ки таҳия ва татбиқ шудаанд |
| | **Самаранокии иқтисодӣ** | Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолот, афзоиши даромад аз ҳисоби маҳсулоти нав, коҳиши арзиши аслӣ. |
| | **Нишондиҳандаҳои бозорӣ** | Афзоиши ҳиссаи бозор аз ҳисоби маҳсулоти инноватсионӣ, болоравии рақобатпазирӣ |

**Нишондиҳандаҳои махсус барои саноати масолеҳи сохтмонӣ**

| Унсур | Тавсиф |
|---|---|
| **Экологӣ ва каммасрафии энергия** | Ҳиссаи татбиқи технологияҳои каммасрафи энергия ва экологии тоза, истифодаи маводди «сабз» |
| **Истифодаи технологияҳои рақамӣ** | Татбиқи платформаҳои рақамӣ, ба монанди технологияҳои BIM, барои тарҳрезӣ ва истеҳсол |
| **Ашё ва истифодаи технологияи муосир** | Таҳия ва ҷорӣ намудани навъҳои муосири масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла композитҳо ва маҳсулоти ҳосилшуда аз ашёи такроран истифодашаванда, инчунин татбиқи технологияҳои пешрафтаи сохтмонӣ дар раванди корҳо. |

**Расми 2.1. - Низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ ва самаранокии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар доираи чунин равиш, иқтидори инноватсионӣ аз се ҷузъи асосӣ, яъне иқтидори дохилӣ, захиравӣ ва натиҷавӣ, иборат дониста мешавад, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои муайяни имкониятҳои инноватсионии корхонаро инъикос менамоянд. Истифодаи ин гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки сатҳи омодагии корхона ба татбиқи навовариҳо, имкониятҳои мавҷудаи захиравӣ ва натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ба таври мукаммал арзёбӣ карда шаванд. Иқтидори дохилӣ ҷанбаҳои маҳсулотӣ (лоиҳавӣ), функсионалӣ, захиравӣ, ташкилӣ ва идоракуниро дар бар мегирад. Иқтидори захиравӣ маҷмуи захираҳои моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, инсонӣ ва дигар имкониятҳоро мутаҳид месозад. Ҷузъи натиҷавӣ дар шакли истеҳсол ва ҷорӣ намудани маҳсулот ё хизматрасонии нави инноватсионӣ ифода меёбад.

Нишондиҳандаҳои иқтидори инноватсионӣ меъёрҳое мебошанд, ки имкон медиҳанд сатҳи тавоноӣ ва қобилияти инноватсионии ташкилот ё соҳа арзёбӣ карда шавад. Барои арзёбии иқтидори инноватсионии корхонаҳои соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифодаи маҷмуи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд зарур аст. Бо ин мақсад, нишондиҳандаҳои асосӣ ба се гурӯҳи калидӣ қисмат мешавад, ки гурӯҳи якум - захираҳои инсонӣ ва моддӣ, гурӯҳи дуюм - сатҳи истифодаи технологияҳои истеҳсолӣ ва гурӯҳи сеюм - вазъи иқтисодӣ ва мавқеи бозории корхонаҳо ба ҳисоб меравaнд. Чунин гурӯҳбандӣ имкон фароҳам месозад, ки имкониятҳои кадрӣ ва захиравӣ, дараҷаи технологӣ, инчунин натиҷаҳои иқтисодӣ ва иқтидори бозории корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ ба таври комплексӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шаванд.

Дар кишварҳои рушдкардаи дунё устувории корхонаҳо аз самаранок истифода намудани технологияҳои пешрафта ва захираҳои онҳо вобаста мебошад. Татбиқи таҳқиқоти нави илмӣ объекти моликияти зеҳнӣ буда, тиҷоринамудани онҳо равандест, ки фаъолияти инноватсиониро аз офарандагон ба истеъмолкунандагон мерасонад.

Барои арзёбии иқтидори инноватсионӣ аз гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо истифода бурда мешавад. Дар ҷадвали 2.8 гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсионӣ барои ҳар як унсур оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.8. - Нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Формула | Нишонаҳо ё аломатгузорӣ | Арзиши оптималии тавсияшудаи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| **1. Арзёбии иқтидори зеҳнӣ** | | | |
| Ҳиссаи кормандоне, ки дар лоиҳаҳои инноватсионӣ иштирок доранд | $ҲК_{ли} = \frac{ШК_{мли}}{ШУК} \times 100$ | $ШК_{мли}$ – шумораи кормандоне, ки мустақиман дар лоиҳаҳои инноватсионӣ иштирок доранд, нафар<br>ШУК – шумораи умумии кормандони соҳа ё корхона, нафар | 50-60% |
| Ҳиссаи мутахассисони илмӣтехникӣ, ки дар лоиҳаҳои инноватсионӣ иштирок доранд | $ҲМ_{илмӣ-техникӣ} = \frac{ШМ_{илмӣ-техн.}}{ШУМИТ} \times 100$ | $ШМ_{илмӣ-техникӣ}$ – шумораи мутахассисони илмӣ–техникӣ, ки дар лоиҳаҳои инноватсионӣ иштирок доранд, нафар<br>ШУМИТ - шумораи умумии мутахассисони илмӣ–техникии соҳа ё корхона, нафар | 80-95% |
| Ҳиссаи мутахассисони илмӣ–техникӣ аз рӯйи синни аз 50 лоиҳаҳои боло, ки ба таҳияи инноватсионӣ машғуланд | $ҲМ_{илмӣ-техникӣ}(50) = \frac{ШМ_{илмӣ-техн.}}{ШМ_{50+инно.}} \times 100$ | $ШМ_{50+иннов.}$ – шумораи мутахассисони илмӣ–техникӣ аз рӯйи синни аз 50 боло, нафар | $ҲМ_{и-т}$ < 50 % |
| Сатҳи малакаи меҳнати истифодашаванда | $С_{мми} = \frac{ШМ_{илмӣ-техн.д/у}}{ШМ_{илмӣ-техникӣ}} \times 100$ | $ШМ_{илмӣ-техн.д/у}$ – шумораи мутахассисони илмӣ–техникӣ, ки дараҷаи илмӣ ё унвон доранд, нафар | $С_{мми} \geq 70$ % |
| **Сатҳи иқтидори зеҳнӣ** | $СИЗ = 0,25 \times ҲК_{ли} + 0,25 \times ҲМ_{и-т} + 0,25 \times ҲМ_{и-т(50)} + 0,25 \times С_{мми}$ | | СИЗ > 50% |
| **2. Баҳодиҳии иқтидори илмӣ–техникӣ** | | | |
| Коэффитсенти пешрафти таҷҳизот | $К_{пт} = \frac{АБ_{тподт}}{АБ_{ттодт}}$ | $АБ_{тподт}$ – арзиши тавозуни таҷҳизоти пешрафта дар охири давраи таҳлилшаванда, сомонӣ<br>$АБ_{ттодт}$ – арзиши тавозуни тамоми таҷҳизот дар охири давраи таҳлилшаванда, сомонӣ | 0,5 - 1 |
| Коэффитсенти навсозии таҷҳизот | $К_{нт} = \frac{АБ_{тн}}{АБ_{ттодт}}$ | BSMO - арзиши тавозуни таҷҳизоти навсозӣ, сомонӣ. | 0,5 - 1 |
| Вазни қиёсии таҷҳизоте, ки муҳлати хизматаш то 10 сол аст | $ВҚТ_{10} = \frac{ВТ_{10}}{ШУ_{вт}}$ | $ВТ_{10}$ – воҳидҳои таҷҳизоти муҳлаташ то 10 сол, адад;<br>$ШУ_{вт}$ – шумораи умумии воҳидҳои таҷҳизот, адад. | 0,5 - 1 |
| Коэффитсенти фарсудашаванда | $К_{ф} = \frac{МФ}{АБФА}$ | МФ – маблағи ҷамъшудаи фарсудашавӣ, сомонӣ;<br>АБФА – арзиши ибтидоии бақайдгирии фондҳои асосӣ, сомонӣ. | 0 - 0,5 |

*Идомаи ҷадвали 2.8.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Иқтидори илмию техникӣ** | $СИИТ = 0.25 \times Кпт + 0,25 \times Кнт + 0,25 \times ВКТ_{10} + 0,25 \times Кф$ | | 0,7 - 0,8 |
| **3. Арзёбии захираи таҳияҳои илмӣ-техникӣ** | | | |
| Давомнокии таҳияи як навоварӣ | $МД_{1н} = \frac{\sum_{t=1}^{Н} П_i}{Н}$ | Н – шумораи умумии навовариҳое, ки дар натиҷаи тадқиқоти дохилии худӣ дар давраи баррасӣ ба вуҷуд омадаанд;<br>П - вақти барои эҷоди навоварии i-ум сарфшуда | $МД_{1н} \rightarrow min$ |
| Самаранокии азхудкунӣ (ҷорӣ кардан)-и навовариҳо | $СА_н = \frac{\sum_{t=1}^{Н} Ш_t^{навовариҳо}}{\sum_{t=1}^{Т} Ш_t^{наво.\ таҳияшуда}}$ | $Ш_t^{навовариҳо}$, $Ш_t^{навовариҳои\ таҳияшуда}$ – шумораи навовариҳое, ки дар давоми сол ҷорӣ ва таҳия шудаанд | 0,6 – 1 |
| Давомнокии миёнаи рушди як навоварӣ | $ДМР_{1н} = \frac{\sum_{t=1}^{Н} В_i}{Н}$ | Вi – вақти сарфшуда барои татбиқи навоварии i-ум (ихтироъ, ҳалли техникӣ, идея) | $ДМР_{1н} \rightarrow min$ |
| Сахми маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолот | $СМИ_{хуи} = \frac{Q_{МИ}}{Q_{умумӣ}}$ | $Q_{ми}$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, сомонӣ.<br>$Q_{умумӣ}$ - ҳаҷми умумии истеҳсолот, сомонӣ. | 0,6–1 |
| **4. Арзёбии алоқаҳои тиҷоратии истехсолот ва илм** | | | |
| Ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ё маҳаллӣ дар барномаҳо (лоиҳаҳо), шартномаҳо ва дигар манбаъҳои захираҳои молиявӣ | $ҲУМ_{си} = ҲМ_i$ | $ҲУМ_{си}$ – ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз субъекти инноватсионӣ, сомонӣ;<br>$ҲМ_i$ – ҳаҷми маблағгузорӣ аз низоми буҷети ҷумҳурӣ, сомонӣ. | $ҲУМ_{си}$ > 1 % ММД |
| Ҳаҷми корҳои илмии дар истеҳсолот ҷоришуда | $ҲКИ_{иҷ} = \sum ҲКИ_i^{татбиқ} \times Н_{ҳқи i}$ | $ҲКИ_t^{татбиқ}$ – ҳаҷми корҳои илмии дар истеҳсолот татбиқшуда, воҳид<br>$Н_{хкиi}$ – нархе, ки дар истеҳсолот ҷорӣ карда шудааст, сомонӣ | $ҲКИ_{иҷ} \rightarrow max$ |
| Ҳаҷми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли маҳсулот (хизматрасонӣ) инноватсионӣ-тиҷоратӣ | $Q_{КИТ}^{Т} = \sum КИТ_i^{Т} \times Н_{кит i}$ | $КИТ_i^{т}$ – тиҷоратӣкардани корҳои илмӣ-таҳқиқӣ, воҳид<br>$Н_{китi}$ – арзиши тиҷоратии $i$-корҳои илмӣ-таҳқиқӣ, сомонӣ | $Q^{Т}_{кит} \rightarrow max$ |
| **5. Арзёбии таъсири омилҳои дохилӣ** | | | |
| Иқтидори истеҳсолии солона | $ИИ_с = Q_{1c} \times ФВС_i \times n_i$ | $Q_{1с}$ – миқдори маҳсулоте, ки дар таҷҳизоти гурӯҳи i дар давоми 1 соат истеҳсол карда мешавад, воҳид/соат<br>ФВСi – фонди солонаи вақти самараноки гурӯҳи i-уми таҷҳизот, тибқи реҷаи кории дахлдор, соат<br>$n_i$ – шумораи таҷҳизот дар гурӯҳи i, адад<br>i - гурӯҳи таҷҳизот | $ИИ_с \rightarrow max$ |

*Идомаи ҷадвали 2.8.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии солонаи эҳтимолии маҳсулоти инноватсионӣ | $Q_{эми} = \sum Hi$ | Hi - ҳаҷми умумии маҳсулоти инноватсионии навъи i, сомонӣ.<br>i – намуди маҳсулоти инноватсионӣ | $Q_{эми} \rightarrow max$ |
| Арзёбии иқтидори молиявӣ | $Х_{умумӣ} = Х_{кит} + Х_{ист.} + Х_{марк.}$ | $Х_{кит}$ – хароҷоти корҳои илмӣ-таҳқиқӣ, сомонӣ<br>$Х_{ист.}$ – хароҷоти истеҳсолӣ, сомонӣ<br>$Х_{марк.}$ – хароҷоти маркетингӣ, сомонӣ | $Х_{умумӣ} \rightarrow min$ |
| **6. Баҳодиҳии фаъолияти инноватсионӣ** | | | |
| Ҳиссаи хароҷоти умумии таҳқиқот ва коркарди технология дар хароҷоти умумии истеҳсолот | $ҲХУ_{таҳқ\backslash хар.умумӣ} = \frac{Х_{кит}}{Х_{умумӣ}}$ | $Х_{кит}$ – хароҷоти корҳои илмӣ-таҳқиқӣ, сомонӣ<br>$Х_{умумӣ}$ — хароҷоти умумии истеҳсолот | 0,5–1 |
| Арзёбии фаъолияти патентӣ [7] | $А_{фп} = \left(\frac{Q_{п1} Q_{п0}}{Q_{и1} Q_{и0}}\right) \times 100\%$ | $Q_{п1}$, $Q_{п0}$ – шумораи патентҳое, ки дар давраи будан дар бизнес-инкубатор (технопарк) ва то ин лаҳза гирифта шудаанд;<br>$Q_{и1}$, $Q_{и0}$ – шумораи ихтироот дар давраи будубош дар бизнес-инкубатор (технопарк) ва то ин давра | $А_{фп} > 20$ % |
| Сатҳи фаъолияти инноватсионӣ | $С_{фи} = 0,5 \times ҲХУ_{таҳқ./хар.умумӣ} + 0,5 \times А_{фп}$ | | $С_{фи} > 0,5$ |
| **7. Баҳодиҳии сатҳи маданияти инноватсионӣ** | | | |
| Индекси маданияти инноватсионӣ [2] | $И_{ми} = \frac{\sum А_{тач.}}{\sum Б_{ид.}}$ | $А_{тач.}$ – арзёбии таҷрибавӣ<br>$Б_{ид.}$ – баҳодиҳии идеалӣ | $И_{ми} > 0,5$ |
| | $А_{таҷрибавӣ} = АО_i \times Б_i$ | $АО_i$ – аҳаммияти омил<br>$Б_i$ - хол | |
| | $Б_{идеалӣ} = Б_i \times БХ_{имк.}$ | $БХ_{имк.}$ - баландтарин холи имконпазир | |
| **Нишондиҳандаи интегралии иқтидори инноватсионӣ** | | | |
| Сатҳи иқтидори инноватсионии субъекти инноватсионӣ | $СИИ_{си} = 0,25 \cdot СИЗ + 0,25 \cdot СИИТ + 0,25 \cdot С_{фи} + 0,25 \cdot И_{ми}$ | | Баланд<br>$СИИ_{си} > 0,8$<br>Миёна<br>0,65–0,8<br>Паст<br>$СИИ_{си} < 0,65$ |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар асоси адабиёти [122, с. 78-85]

Дар саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ иқтидори инноватсионӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ баромад менамояд. Густариши имкониятҳои инноватсионии корхонаҳо барои беҳтар гардонидани сифати маҳсулот ва мутобиқсозии он ба талаботи тағйирёбандаи бозор шароити мусоид фароҳам меорад. Илова бар ин, сатҳи рушди иқтидори инноватсионӣ ба таҳкими мавқеи рақобатии корхонаҳо ва таъмини рушди устувори соҳа дар давраи дарозмуддат мусоидат менамояд.

Нишондиҳандаҳои инсонӣ ва захиравӣ қобилияти соҳаро барои ҷорӣ кардани инноватсия ва истифода намудани кадрҳои дорои маҳорати баландро нишон медиҳанд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сатҳи иқтидории инноватсионии соҳаро инъикос менамояд, нишондиҳандаҳои технологӣ ба ҳисоб меравaнд. Ба ин нишондиҳҳандаҳо шумораи патентҳо, индекси технологияи нав ва суръати ҷоринамудани технологияҳо, самаранокии равандҳои истеҳсолот ва сатҳи инноватсия дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмониро арзёбӣ мекунанд. Маҳсулоти босифат ва таҷҳизоти нав имконият медиҳанд, ки иқтидори истеҳсолии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ баланд бардошта шавад.

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва бозорӣ яке аз нишондиҳадаҳои дигари баҳодиҳӣ ба сатҳи иқтидори инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва бозорӣ нишон медиҳанд, ки маҳсулоти инноватсионӣ на танҳо таҳия шудааст, балки ба талаботи бозор ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси омӯзиши адабиёти иқтисодӣ барои арзёбии иқтидори инноватсионӣ нишондиҳандаҳои ихтисоси ва интегралӣ пешниҳод шудаанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таҳлили иқтидори инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба мақсад вувофиқ мебошад.

Арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионии субъектҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бояд бо пайдарпайии зерин амалӣ карда шавад:

- асосноккардани принсипҳои методологии интихоби нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионии субъектҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;
- интихоби нишондиҳандаҳои мушаххас (мутлақ ва нисбӣ) барои қисмҳои дар боло пешниҳодгардида дар асоси татбиқи усулҳои таҳлилӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ;
- интихоби нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии умумии иқтидори инноватсионӣ;
- баҳодиҳии умумии сатҳи иқтидори инноватсионӣ.

Нишондиҳандаҳои маҷмуӣ барои арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мавзуъҳои мухталифи самти иқтисодӣ мушаххас мавриди санҷиш бояд қарор дода шаванд, зеро дар як зербоби таҳқиқот наметавонем тамоми паҳлуҳои нишондиҳандаҳои арзёбии иқтидори инноватсиониро таҳқиқ намоем.

Дар шароити вусъат ёфтани раванди саноатикунонии иқтисоди миллӣ рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба маҷмӯи омилҳои истеҳсолӣ ва технологӣ вобаста мебошад. Дар баробари мавҷудияти заминаи моддию техникӣ, сатҳи ҷорӣ намудани навовариҳо ва қобилияти корхонаҳо барои истифодаи самараноки имкониятҳои инноватсионӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои дастгирӣ ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокии истеҳсолот, беҳтар шудани сифати маҳсулот ва рушди устувори соҳаи масолеҳи сохтмонӣ мусоидат намояд. Барои идоракунии ин раванд зарурати ташкили низоми нишондиҳандаҳои инноватсионӣ ва таҳлили мақсадноки онҳо ба миён меояд.

Таҳлили мунтазами иқтидори инноватсионӣ имкон медиҳад, ки пешгӯӣ ва тадбирҳои самаранок барои навоварӣ анҷом дода шавад; рақобатпазирии ташкилотҳо дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ таъмин карда шавад; самаранокии истифодаи захираҳо ва сармоягузорӣ таъмин гардад, ҳамчунин, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳқиқотӣ ва рушди кадрҳо тақвият дода шавад. Дар натиҷа, арзёбии иқтидори инноватсионӣ барои муайян намудани

имкониятҳои рушди корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аҳамияти муҳим дорад. Истифодаи низоми мукаммали нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки сатҳи рушди инноватсионӣ ва самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ дақиқтар муайян карда шавад. Ҳамзамон, баҳодиҳӣ барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ заминаи зарурӣ муҳайё месозад. Ин низом на танҳо ба арзёбии ҳолати кунунӣ, балки барои қабули қарорҳои стратегӣ ва татбиқи инноватсия низ мусоидат менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур оварда шудааст, ки «дар ҷаҳони муосир омили таъсиррасони боэътимод барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва ноил гардидан ба сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ба ҷанбаю самти иҷтимоидошта нигарондашудани рушди низоми индустриалӣ - инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Доир ба ин масъалаи мубрам ва ояндадор, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиён 18-уми марти соли 2020 чунин гуфтаанд: “Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад. Мо дар доираи рушди илмҳои муосир саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон намудем. Дар ин раванд, мақсад дорем, ки истифодаи технологияҳои муосирро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ густариш дода, тафаккури техникии аҳолӣ, дар навбати аввал, ҷавононро тақвият бахшем, барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникиву технологӣ фазои мусоид фароҳам оварем. Маҳз бо ҳамин мақсад Ҳукумати Тоҷикистон солҳои 2020-2040-ро бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон кард, ки ин иқдом ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад.» [148, с. 14].

Илова бар ин аз ҷониби муаллифон Ҳабибов С., Ҷамшедов М. қайд шудааст, ки «Таҷрибаи хоҷагидории кишварҳои аз назари инноватсионӣ пешсафи ҷаҳон – ИМА, Япония, Гонконг, Шветсия, Швейтсария, Германия, Норвегия ва ғайра исбот кардааст, ки мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ

нисбатан пешрафта ҳиссаи афзоиши ММД аз ҳисоби истифодаи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои воқеан навоваронаи илмию техникӣ дар соҳаҳои истеҳсолот (саноат ва ғ.) 70-80 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳар як кишвар, новобаста ба он ки дар кадом сатҳи илмию технологӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушд қарор дорад, бояд ба ташаккули низоми миллии инноватсионии худ, ки он ба принсипҳои умумии фаъолияти инноватсионӣ ва хусусиятҳои хосси кишвар (неруи илмию технологӣ, вазъи мусоиди иқтисодиёт, мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулоти хом, шароити табииву иқлимӣ ва ғайра) такя менамояд, бояд пайгирона саъю талош намояд ва ба натиҷаҳои баландтарини рушди иқтисодӣ ноил гардад. Барои дар оянда босуръат пеш бурдани фаъолияти инноватсионӣ, ки дар ин ҷода пайвандии зичи илм бо истеҳсолот бениҳоят зарур мебошад, бояд шароит фароҳам оварда шавад, то раванди инноватсионӣ дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба таври мунтазам афзоиш ёфта, ба рушди нави иқтисодӣ дар мамлакат ва сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас дошта бошад. Аз рӯйи сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва дигар соҳаҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳое, ки вазъи муосири онро инъикос менамоянд (неруи илмию техникӣ, намудҳои инфрасохтори инноватсионӣ, таносуби маҳсулоти аз назари истифодаи раванди замонавии технологӣ) сатҳи ихтирооту навовариҳо дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои афзалиятноки он айни замон аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ хеле ақиб мондааст, боиси нигаронӣ мебошад. Бояд таъкид кард, ки субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои мухталифи саноат, кишоварзӣ, сохтмон дар марҳилаи аввали таъсисёбӣ қарор дорад ва аз ин ҷиҳат, дар пешрафти фаъолияти инновастионӣ саҳми воқеан ночиз доранд, гарчанде дар кишварҳои рушдкардаи хориҷӣ ин саҳм хеле баланд аст» [148, с. 17].

Бо мақсади тавсифи сатҳи имрӯзаи рушди инноватсия дар Тоҷикистон метавон як қатор нишондиҳандаҳоеро истифода бурд, ки дар таҷрибаи

байналмилалӣ барои арзёбии динамикаи иқтидори инноватсионии кишварҳо ва самаранокии низоми илмӣ-инноватсионӣ ба кор мебаранд.

Ҳаҷми маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 156551,9 ҳазор сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2018 тақрибан 2,3 маротиба бештар гардидааст. Маълумот доир ба сатҳи дастгирии молиявии давлатӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструктории иқтисоди кишвар дар ҷадвали 2.9 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2.9. - Сарчашма ва тамоюли маблағгузории илм аз буҷети давлатӣ, солҳои 2018-2024**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
| Хароҷот ба соҳаи илм аз буҷети давлатӣ, ҳазор сомонӣ | 66910,7 | 82820,4 | 99690,7 | 119586,7 | 143510,8 | 156551,9 |
| Буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 23925,5 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 43903,4 | 46613,9 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомони | 71059,2 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 132781,9 | 153402,2 |
| **Бо фоиз нисбат ба:** | | | | | | |
| Буҷети давлатӣ | 0,28 | 0,33 | 0,33 | 0,33 | 0,31 | 0,30 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | 0,09 | 0,09 | 0,09 | 0,10 | 0,11 | 0,10 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [16, с. 66; с. 210; с. 367].

Маблағгузории соҳаи илм яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, дар солҳои 2018-2024 ба ин соҳа таваҷҷуҳи муайян зоҳир гардида, ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ давра ба давра афзоиш ёфта истодааст. Таҳлили нишондиҳандаҳо далолат аз он мекунанд, ки дар давраи мавриди таҳлил ҳам тағйироти миқдорӣ ва ҳам тамоюли устувори рушд ба мушоҳида мерасад, Ҳарчанд ки сатҳи умумии дастгирии илм ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ намешавад. Соли 2018 хароҷот ба соҳаи илм аз буҷети давлатӣ 62910,7 ҳазор сомониро ташкил медод, дар ҳоле ки то соли 2024 ин нишондиҳанда ба 156551,9 ҳазор сомонӣ расида, афзоиш тақрибан ба 2,3 маротиба мерасад, ки аз густариши имкониятҳои молиявии давлат ва ба маротиб зиёд шудани аҳаммияти илм гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, чунин афзоиш бештар ба васеъшавии умумии буҷети давлатӣ вобаста аст, на ба афзалияти мутлақи соҳаи илм алоқаман мебошад.

Ҳангоми таҳлили васни хоси илм дар буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳанда дар сатҳи нисбатан устувор қарор дошта, соли 2018 он 0,28 фоизро ташкил дода, дар солҳои минбаъда аз 0,30 то 0,33 фоиз тағйир ёфтааст. Ҳолати мазкур нишон медиҳад, ки гарчанде маблағгузории мутлақ афзоиш ёфта бошад ҳам, мавқеи илм дар сохтори хароҷоти давлатӣ тағйири ҷиддӣ накардааст. Нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) низ ҳолат қариб бе тағйир боқӣ модааст. Ҳиссаи маблағгузории илм дар ММД аз 0,09 фоиз дар соли 2018 то 0,10 фоиз дар соли 2024 тағйир ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки саҳми илм дар иқтисоди миллӣ ҳанӯз хеле хурд буда, ба сатҳи талаботи рушди инноватсионӣ ҷавобгӯ нест.

Вобаста ба ин, аз нигоҳи илмӣ якчанд пешниҳод муҳим ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҳиссаи маблағгузории илм дар ММД тадриҷан афзоиш ёфта, ба сатҳи на камтар аз 0,5 фоиз расонида шавад. Инчунин, тақвияти робитаи илм бо истеҳсолот ва ҷалби бахши хусусӣ ба маблағгузории таҳқиқот метавонад самаранокии соҳаҳоро баланд бардорад. Ҳамин тариқ, зарур аст, ки соҳаи илм ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бештар дастгирӣ карда шавад.

Дар иртибот ба ин масъала Файзуллоев М.Қ. чунин зикр намудааст: «Дар шароити Тоҷикистон бо мақсади рушди иқтидори инноватсионии субъектҳои хоҷагидор муносибатҳои зеринро амалӣ гардонидан мумкин аст: ташкили курсҳо барои омода сохтани кадрҳои фаъолияти инноватсионӣ, таъсиси сохторҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд (таъсиси марказҳои илмӣ ё шаҳракҳои илмӣ дар манотиқи алоҳида), ҳавасманд намудани субъектҳое, ки дар соҳаи илм ва саноат фаъолият мебаранд ва муҳайё намудани муҳити мусоиди инноватсионӣ барои инкишофи онҳо, муқаррар намудани супоришҳои давлатӣ барои корхонаҳои калони илмӣ ва истеҳсолӣ дар бобати оптимизатсияи фаъолияти инноватсионӣ бо шартҳои фоидаовар барои иҷрокунандагон. Дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳавасмандгардонии таъсиси марказҳои «соҳибкории инноватсионӣ», «бизнес-инкубаторҳо»,

«технопаркҳо», «паркҳои илмӣ-технологӣ», «марказҳои инноватсионӣ-технологӣ» ва ғайра, ки ба болоравии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо равона гардидаанд, мувофиқи мақсад аст» [136, с. 51].

Маълумоти ҷадвали 2.10 нишон медиҳад, ки новобаста аз рушди тадриҷии инфрасохтори илмӣ, вазни қиёсии ташкилотҳои машғул ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз маҳдуд боқӣ мемонад. Дар баробари ин, динамикаи мусбати афзоиши шумораи чунин муассисаҳо мушоҳида мешавад. Аз рӯйи маълумоти оморӣ, теъдоди онҳо аз 80 адад дар соли 2023 то 82 адад дар соли 2024 афзоиш ёфта, суръати рушд дар ин давра 2,5 фоизро ташкил намудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Тағйирёбии шумораи ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва вазни қиёсии онҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2024**

| **Минтақаҳо** | **Фарқият** | | | | | | **Соли 2024 нисбат ба соли 2018, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 82 | 82 | 81 | 80 | 80 | 82 | 100,0 |
| ш.Душанбе | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 | 68 | 103,0 |
| **Вазни қиёсӣ,%** | **80,5** | **80,5** | **81,5** | **82,5** | **82,5** | **82,9** | **+ 2,4** |
| Вилояти Суғд | 7 | 7 | 5 | 5 | 5 | 5 | 71,4 |
| Вилояти Хатлон | 4 | 4 | 6 | 5 | 5 | 5 | 125,0 |
| ВМКБ | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 100,0 |
| НТҶ | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 50,0 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [16, с. 66; с. 210; с. 367].

Тибқи таҳлили маълумотҳои оморӣ дар ҷадвали 2.10 овардашуда хулоса намудан мумкин аст, ки миқдори муассисаҳои татбиққунандаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-техникӣ дар солҳои 2018-2024 рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар дар соли 2018 дар ҳудуди в. Хатлон 4 адад чунин муассисаҳо маҷуд буд, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 5 адад барорбар гардидааст, ки ин метавонад ба рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат таъсири мусбат расонад. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015-ум 25,0 фоиз зиёд шуда, аз густариши тадриҷии инфрасохтори илмӣ ва тақвияти фаъолияти илмӣ-техникӣ дар кишвар гувоҳӣ мекунад.

Дар сохтори ҳудудии муассисаҳои илмии кишвар шаҳри Душанбе мавқеи пешсафро соҳиб мебошад. Дар пойтахт қисми зиёди иқтидори илмӣ, кадрҳои тахассусӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ ҷамъ шудаанд.

Мутамарказшавии чунин захираҳо бо мавҷудияти заминаи мукаммали моддию техникӣ ва имкониятҳои васеи илмӣ-тадқиқотӣ дар шаҳри Душанбе алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки рушди фаъолияти илмӣ-техникӣ дар кишвар хусусияти мутамарказӣ дошта, қисми зиёди иқтидори илмӣ дар шаҳри Душанбе мутамарказ гардидааст. Ин ҳолат метавонад ба нобаробарии рушди илмӣ байни минтақаҳо оварда расонад.

Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар сохтори умумии муассисаҳо ва ташкилотҳои илмии кишвар мавқеи асосиро шаҳри Душанбе ишғол менамояд, ки ба он 68 муассиса ё 82,9 фоизи шумораи умумӣ рост меояд. Ҳиссаи вилоятҳои Суғд ва Хатлон мутаносибан 5 адад ё 6,3 фоизиро ташкил медиҳад. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 3 муассиса (3,7 фоиз) ва дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1 муассиса (1,2 фоиз) ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади таъмини рушди мутавозини фазои илмӣ ва таҳкими иқтидори илмӣ-техникии минтақаҳо мо чунин пешниҳодҳо дорем:

- ✓ тақвияти дастгирии давлатии муассисаҳои илмӣ дар минтақаҳо;
- ✓ таъмини ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои навсозӣ ва рушди инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ ва техникӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- ✓ ташкил ва рушди марказҳои минтақавии инноватсионӣ, инчунин ташкили озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир берун аз шаҳри Душанбе;
- ✓ тақвияти робитаҳои илмӣ ва истеҳсолӣ тавассути васеъ намудани ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои илмӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳо;
- ✓ татбиқи барномаҳои ҳавасмандгардонии кадрҳои илмӣ барои фаъолият дар минтақаҳои дурдаст.

Татбиқи чораҳои мазкур барои густариши иқтидори илмӣ ва техникӣ дар минтақаҳои кишвар шароити мусоид фароҳам меорад. Дар натиҷаи амалигардонии онҳо самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад баланд гардида, имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот васеъ шаванд. Ҳамзамон, рушди инфрасохтори илмӣ ва таҳкими ҳамкории

илмӣ бо бахши истеҳсолӣ ба афзоиши иқтидори инноватсионии кишвар заминаи мусоид фароҳам месозад.

Дар ҷадвали 2.11 маълумот оид ба шумораи кормандони илмӣ ва мутахассисони дорои унвони илмӣ барои солҳои 2018-2024 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 2.11. - Таркиб ва динамикаи ҳайати кормандони илмӣ аз рӯйи дараҷаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2024**

| Дараҷаҳои илмӣ | Солҳо | | | | | | Соли 2024 нисбат ба соли 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ҳамагӣ, нафар | 3923 | 4269 | 4446 | 4496 | 4272 | 4846 | 123,5 |
| Аз ҷумла дараҷаи илмӣ доранд: | | | | | | | |
| - доктори илм | 325 | 337 | 322 | 320 | 336 | 344 | 105,8 |
| Бо фоиз | 8,3 | 7,9 | 7,2 | 7,1 | 7,8 | 7,1 | -1,2 |
| - номзади илм | 816 | 849 | 866 | 913 | 933 | 1132 | 138,7 |
| Бо фоиз | 20,8 | 19,9 | 19,5 | 20,3 | 21,8 | 23,3 | +2,5 |
| **Дар вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| - доктори илм | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 | 5 | 2,5 мар. |
| Бо фоиз | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0 |
| - номзади илм | 32 | 44 | 49 | 56 | 62 | 72 | 2,2 мар. |
| Бо фоиз | 0,8 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 1,4 | 1,5 | +0,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [16. С. 66; С. 210; С. 367; 23].

Аз ҷадвали 2.11 бармеояд, ки шумораи умумии шахсони дорои дараҷаҳои илмӣ дар Тоҷикистон аз соли 2018 то соли 2024 ба таври назаррас афзуда аст. Ба таври мушаххас теъдоди афроди дорои дараҷаи илмӣ аз 3923 нафар дар соли 2018 ба 4846 нафар дар соли 2024 афзоиш ёфтааст, ки ин қариб 23,5% афзоиш мебошад. Дар байни онҳо шумораи докторони илм нисбатан устувор боқӣ монда, аз 325 нафар дар соли 2018 ба 344 нафар дар соли 2024 расидааст (афзоиши 5,8%), вале фоизи онҳо нисбат ба шумораи умумӣ кам шуда, аз 8,3% ба 7,1% поён рафтааст. Шумораи номзадони илм афзоиш ёфта, аз 816 нафар дар соли 2018 ба 1132 нафар ё 38,7% дар соли 2024 афзоиш ёфта, фоизи онҳо нисбат ба шумораи умумӣ ба 23,3 фоиз баробар шудааст, ки нисбати соли 2018-ум 2,5% зиёд шудааст.

Дар вилояти Хатлон низ тамоюли афзоиш мушоҳида мешавад. Шумораи докторони илм дар вилояти Хатлон аз 2 нафар дар соли 2018 ба 5 нафар дар соли 2024 расидааст (афзоиши 2,5 маротиба). Шумораи номзадони илм дар вилояти Хатлон ба таври назаррас афзоиш ёфта, аз 32 нафар дар соли 2018 ба 72 нафар дар соли 2024 расидааст, ки тақрибан 2,2 маротиба зиёд

шудааст. Нишондиҳандаҳои ҷадвал шумораи олимони дорои дараҷаҳои илмӣ дар сатҳи кишвар ва махсусан дар вилояти Хатлон дар давоми солҳои 2018-2024 инъикос намуда, афзоиши назарраси рушди илмӣ ва фаъолияти инноватсиониро дар кишвар нишон медиҳад.

Самти дигари таҳқиқоти мазкур ба омӯзиш ва таҳлили патентҳо ва шаҳодатномаҳои навоварии ба қайд гирифташуда дар вилояти Хатлон равона гардида, ҳадафи он арзёбии раванди пайвастаи рушди илм ва технология дар минтақа мебошад.

Дар айни замон, патент ҳамчун воситаи муҳимми таъмини ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи истисноии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ баромад намуда, яке аз шаклҳои самараноки ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти патентӣ, аз ҷумла ҳаҷм ва динамикаи бақайдгирии патентҳо барои муайян намудани сатҳи потенсиали инноватсионии вилояти Хатлон, инчунин арзёбии вазъ ва дурнамои рушди илм ва техника аҳаммияти назаррас дорад.

**Диаграммаи 2.2. - Арзёбии фаъолияти инноватсионӣ тавассути патентҳо ва шаҳодатномаҳои навоварӣ дар в. Хатлон**




**Сарчашма:** Маълумоти ММПИ ВРИСҶТ

Тибқи маълумоти дар диаграммаи 2.2 пешниҳодшуда, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон дар давоми ҳафт соли охир соҳиби 139 патент ва шаҳодатномаи навоварӣ гардидаанд. Нишондиҳандаи баландтарин ба соли 2024 рост омада, шумораи патентҳо ва шаҳодатномаҳои бадастомада нисбат ба соли 2015 ба андозаи 22 адад афзоиш ёфтааст. Таҳлили маълумоти диаграмма нишон медиҳад, ки

фаъолияти патентӣ ва навоварӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Хатлон дар солҳои охир тамоюли мусбати рушд доштааст. Агар дар соли 2015 шумораи патентҳо ва шаҳодатномаҳои навоварӣ 9 ададро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 31 адад расидааст. Чунин афзоиши  аз густариши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, баланд гардидани сатҳи ихтироъкорӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асоси натиҷаи таҳлил пешниҳодҳои зерин барои такмили раванди инноватсионӣ зарур мебошанд:

- тақвияти дастгирии молиявии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ. Зарур аст, ки барои таҳқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ маблағгузории иловагӣ ҷудо карда шавад, зеро ин омил ба афзоиши ихтироъкорӣ мусоидат менамояд.
- баланд намудани огоҳии ҳуқуқии муҳаққиқон тавассути ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба патентгузорӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ, ки метавонад фаъолияти навовариро тақвият бахшад.
- густариши ҳамкории илмӣ-таҳқиқотӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ бо мақсади татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар равандҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти корхонаҳо;
- ҳавасмандгардонии муҳаққиқон ва ихтироъкорон. Ҷорӣ намудани низоми мукофотдиҳӣ ва дастгирии иҷтимоии муаллифони ихтироот метавонад ба афзоиши фаъолияти инноватсионӣ таъсири мусбат расонад.
- таъсиси марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ дар минтақа. Ин марказҳо метавонанд ҳамчун муҳити мусоид барои таҳия, санҷиш ва тиҷоратӣнамудани ихтироот хизмат намоянд.

Яке аз нишондиҳандаҳои дигари баҳодиҳи ба иқтидори инноватсионӣ фондҳои асосии саноатию истеҳсолии соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. (Ҷадвали 2.12)

**Ҷадвали 2.12. - Таносуби миёнаи солонаи фондҳои асосии саноатию истеҳсолии соҳаҳои саноат (ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст)**

| | Солҳо | | | | | | Фарқият (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2018** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| **Тамоми саноат** | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **12,0** | **18,8** | **18,9** | **21,9** | **22,4** | **21,2** | 9,2 |
| - истихроҷи маводди энергетикӣ | 0,2 | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,4 |
| - истихроҷи маводди ғайриэнергетикӣ | 11,8 | 18,2 | 18,2 | 21,3 | 21,8 | 20,6 | 8,8 |
| **Саноати коркард** | **52,2** | **41,3** | **43,2** | **43,7** | **43,8** | **42,8** | -9,4 |
| -истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 11,8 | 4,9 | 7,4 | 9,0 | 8,7 | 7,4 | -4,4 |
| **Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ** | **35,8** | **39,9** | **37,9** | **34,4** | **33,8** | **36,0** | 0,2 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси [14, с. 24-25].

Аз натиҷаҳои таҳлили маълумоти оморие ҷадвали 2.12 бармеояд, ки дар соли 2024 ҳиссаи миёнаи фондҳои асосии соҳаҳои саноатию истеҳсолии истихроҷи маъдан ба 21,2 фоиз расидааст. Аз ин нишондиҳанда 20,6 фоиз ба истихроҷи маводдҳои ғайриэнеркетикӣ, яъне масолеҳи сохтмонӣ рост меояд, ки назар ба соли 2018 0,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дараҷаи навсозии фондҳои асосӣ хеле дар сатҳи паст қарор дорад. Ин яке аз омилҳое мебошад, ки ба сатҳи иқтидори инноватсионии корхонаҳои истесҳоли масолеҳи сохтмонӣ таъсир мерасонад. Ҳиссаи миёнасолонаи фондҳои асосӣ дар саноати коркард соли 2024-ум 42,8 фоизро ташкил медиҳад, дар бахши истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ ба 7,4 фоиз баробар мебошад. Дар ин қисмати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ворид намудани хатҳои нави истеҳсолӣ хеле кам ба назар мерасад, зеро ин нишондиҳанда назар ба соли 2018-ум 4,4 фоиз кам гардидааст.

Дар мулоқоти Президенти мамлакат бо кормандони соҳаи саноати кишвар 14-уми октябри соли 2019 оид ба ҳамкории муттасили илм ва истеҳсолот, пайвандии ин ду унсури таҳкимбахшандаи фаъолияти инноватсионӣ дар мактабҳои оливу касбӣ фикру ақидаҳои ҷолиби хешро ин тавр иброз доштанд: «Роҳбарияти вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ доранд, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи касбӣ бояд ҳамкориро бо корхонаҳои истеҳсолии кишвар барои

омода намудани мутахассисон тариқи шартномавӣ тақвият дода, барномаҳои таълимии худро такмил бахшанд. Таъкид месозам, ки сабаби асосии ба вуҷуд омадани бисёр масъалаву мушкилоти зикршудаи соҳа нарасидани кадрҳои баландихтисос мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба ин масъала эътибори ниҳоят ҷиддӣ дода шавад» [148, с. 18].

Иқтидори инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ равандҳои илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар худ таҷассум мекунад. Арзёбии он танҳо тавассути омӯхтани як нишондод ё як самт имконнопазир аст. Аз ин рӯ, таҳия ва истифодаи системаи нишондиҳандаҳои мураккаб ва фарогир шарти асосии таҳқиқ ва пешбурди рушди инноватсионӣ дар соҳа ба ҳисоб меравад.

Пеш аз ҳама, нишондиҳандаҳои марбут ба захираҳои илмӣ-технологӣ зарурати такя ба пойгоҳи илмӣ ва рушди доимии таҷҳизоти истеҳсолиро таъкид мекунанд. Бе ворид намудани навгониҳо дар сатҳи таҳқиқот ва таҷҳизот, истеҳсолот наметавонад ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад.

Дар навбати дуюм, қувваи инсонӣ ҳамчун унсури меҳварии инноватсияҳо баррасӣ мешавад. Ҳар гуна навоварӣ дар ниҳоят аз малака, эҷодкорӣ ва омодагии кадрҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, тарбияи мутахассисони баландихтисос, бозомӯзӣ ва ҷалби ҷавонон ба ин соҳа барои устувории рушди инноватсионӣ ҳаётан муҳим аст.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ нишон медиҳанд, ки инноватсия бе сармоягузории устувор ба даст намеояд. Корхонаҳое, ки имконияти ҷудо кардани захираҳои кофӣ барои корҳои таҳқиқотӣ-таҷрибавӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав надоранд, наметавонанд дар бозори рақобатпазир фаъолият намоянд.

Иқтидори бозорӣ нишон медиҳад, ки инноватсияҳо танҳо дар сурате арзиш доранд, ки агар онҳо талаботи бозорро қисман қонеъ ва таъмин намоянд. Танҳо ҳамгироии маҳсулоти нав бо ниёзҳои иқтисоди миллӣ ва дурнамои содиротӣ ба инноватсия қувваи воқеӣ мебахшад.

Илова бар ин, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми арзёбӣ баромад мекунанд.

Аз ин лиҳоз, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ бояд ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунии рушди инноватсионӣ арзёбӣ карда шавад. Истифодаи чунин низом имкон медиҳад, ки сатҳи воқеии иқтидори инноватсионии корхона ё соҳа муайян гардида, самтҳои асосии истифодаи имкониятҳои мавҷуда ошкор карда шаванд. Дар баробари ин, натиҷаҳои баҳодиҳӣ метавонанд ҳамчун заминаи таҳияи қарорҳои идоракунӣ ва татбиқи тадбирҳои мақсадноки сиёсати инноватсионӣ истифода шуда, ба самаранокии раванди рушди инноватсионӣ мусоидат намоянд. Истифодаи ин равиш имкон медиҳад, ки самтҳои муҳимтарини ҷалби сармоягузорӣ муайян карда шуда, омодагии корхонаҳо ба татбиқи навовариҳо ҳамаҷониба баҳодиҳӣ карда шавад. Ҳамзамон, тавассути он сатҳи рақобатпазирӣ ва имкониятҳои содиротии субъектҳои хоҷагидор таҳлил гардида, дар баробари нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, паҳлуҳои иҷтимоӣ ва таъсири экологӣ низ ба таври маҷмуӣ ба назар гирифта мешаванд.

## 2.3. Хусусиятҳо, омилҳо ва самтҳои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар шароити саноатикунонии босуръат

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисоди миллӣ, ки бо ташаккули равандҳои саноатикунонӣ тавсиф меёбад, соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аҳамияти рӯзафзун касб менамояд. Вусъатёбии равандҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ талаботро ба масолеҳи гуногуни сохтмонӣ бештар намуда, зарурати рушди иқтидори истеҳсолии соҳаро ба миён меорад. Аз ин рӯ, таҳкими заминаи истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои соҳа ҳамчун самтҳои муҳими таъмини рушди минбаъдаи саноати масолеҳи сохтмонӣ арзёбӣ мешаванд. Дар ин замина истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ (сангҳои оҳакӣ, мармар, гранит, хишти пухта, гили сохтмонӣ, қум, шағал, чӯб ва ғ.) хусусиятҳои худро дар шароити саноатикунонии босуръат дорад.

Низомова Т.Д. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки: «...дар робита бо мавҷудияти иқтидори захиравӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи ашёи хом зарур аст, ки имкониятҳои ҳавасмандгардонии соҳибкории инноватсионӣ, асосан барои суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои мавҷуда ва ҷустуҷӯи имкониятҳои нави соҳаҳои содиротшаванда истифода шаванд» [110, с. 76].

Мутахассисони соҳа, аз ҷумла иқтисоддон Холов Б.К. қайд мекунад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони ашёи хоми ғайримаъданӣ буда, онҳо барои истеҳсоли навъҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ мувофиқ мебошанд. Азхудкунии ҳатто қисми муайяни конҳои кашфшуда метавонад эҳтиёҷоти кишварро ба воридоти ашёи хом ва маводҳои сохтмонӣ аз давлатҳои хориҷӣ ба таври назаррас коҳиш дода, ҳамзамон интиқоли ғайриоқилонаи захираҳои сохтмониро дар дохили минтақа бартараф намояд. Илова бар ин, чунин имконият фароҳам меояд, ки маҳсулоти гуногуни сохтмонӣ, аз ҷумла семент, гаҷ, шишарег, мармар ва хокаҳои мармар ба бозорҳои хориҷӣ содир карда шаванд» [64, с. 51].

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди соҳаи сохтмон, бахусус истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, дорои заминаи устувори захиравӣ ва истеҳсолӣ аст. То имрӯз шумораи зиёди конҳои ашёи хоми сохтмонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, қисми муайяни онҳо ба истифодаи саноати ҷалб шудаанд. Аксари конҳои кашфшуда дорои захираҳои тасдиқгардида буда, имконияти таъмини фаъолияти истеҳсолиро барои давраи аз 20 то 50 соли оянда муҳайё месозад. Соҳаи мазкур бо захираҳои гуногуни ашёи хом барои истеҳсоли хишт, оҳак, гилхок, маводди пуркунанда, гипс ва ғ. муҳайё буда, тадриҷан талабот ба намудҳои масолеҳи сохтмонӣ дар бозори дохилӣ тамоюли афзоишро касб менамояд.

Дар ин замина, аз соли 2015 то ин ҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 900 корхонаи истеҳсолӣ дар бахшҳои мухталифи саноати сохтмон мавҷуд буда, дар онҳо беш аз 30 ҳазор ҷойи кори доимӣ муҳайё шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди устувор ва босуръати соҳаи масолеҳи сохтмонӣ дорои заминаи фарохи захираҳои табиии ашёи хом буда,

ин омил барои густариши иқтидори истеҳсолии соҳа аҳаммияти стратегӣ дорад. Ҳиссаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар 7,3%-ро ташкил медиҳад.

Дар давраи мавриди таҳлил истеҳсоли семент ба 4,3 млн тонна, хишт 221,6 млн дона, хишти сементӣ 85,7 млн дона, гаҷкартон 2,4 млн дона, бомпӯши асбестӣ (шифер) 2,9 млн дона, оҳак 120,4 ҳазор тонна, ранги сохтмонӣ 2,9 ҳазор тонна, қуму шағал 1,9 млн метри мукааб, бетони сохтмонӣ 533,9 ҳазор метри мукааб, тахтасанг 48,5 ҳазор метри мураббаъ, тахтасанги мармарӣ 6,8 ҳазор метри мураббаъ, сангҳои ороишӣ 79,4 ҳазор метри мураббаъ баробар гардид.

Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки рушди иқтисодиёти минтақа дар якҷоягӣ бо дигар омилҳо, асосан бо соҳаи истихроҷ ва коркарди захираҳои канданиҳои фоиданок алоқамандӣ дорад.

Соли 2024 дар вилояти Хатлон истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аз рӯйи 36 номгӯй ба роҳ монда шуд, ки дар таъмини фаровонии бозори стеъмолӣ нақши муҳим доранд. Аз ин миқдор 13 корхона ба коркард ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонии дорои пайдоиши табиӣ машғуланд (Замимаи 3).

Аз таҳлили рақамҳои замимаи 3 хулоса намудан мумкин аст, ки дар вилояти Хатлон соли 2024 барои истеҳсоли намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ 404 корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ фаъолият карданд, ки аз ин 177 корхона бевосита ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ машғул мебошанд. Аз нишондиҳандаи мазкур ба истеҳсоли рег 57 корхона, регу сангмайда 69 корхона, омехтаи қуму сангреза 15 корхона, хишти бинокорӣ 30 корхона, оҳаки бинокорӣ 6 корхона рост меояд (Ҷадвали 2.13).

**Ҷадвали 2.13. - Тамоюли тағйирёбии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон (солҳои 2022-2024)**

| Намуди масолеҳи сохтмонии табиӣ | Шумораи корхонаҳо | | | Фарқияти соли 2024 нисбат ба соли | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2023 | 2024 | 2022 | 2023 |
| Рег | 53 адад | 58 адад | 57 адад | 4 адад | -1 адад |
| Регу сангмайда | 61 адад | 67 адад | 69 адад | 8 адад | 2 адад |
| Омехтаи қуму сангреза | 9 адад | 14 адад | 15 адад | 6 адад | 1 адад |
| Истеҳсоли асфалт | 4 адад | 3 адад | 3 адад | -1 адад | 0 |
| Мазут | 4 адад | 4 адад | 4 адад | 0 | 0 |

*Идомаи ҷадвали 2.13.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли битум | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 | 0 |
| Ранги сохтмонӣ | 2 адад | 3 адад | 3 адад | 1 адад | 0 |
| Клинкер | 0 | 2 адад | 2 адад | 2 адад | 0 |
| Семент | 6 адад | 5 адад | 5 адад | -1 адад | 0 |
| Микросемент | 0 | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 |
| Оҳаки бинокорӣ | 5 адад | 6 адад | 6 адад | 1 адад | 0 |
| Гаҷсанг | 5 адад | 5 адад | 4 адад | -1 адад | - 1 адад |
| Гаҷ | 2 адад | 3 адад | 3 адад | 1 адад | 0 |
| Хишти бинокорӣ | 27 адад | 31 адад | 30 адад | 3 адад | -1 адад |
| Хишти сементӣ | 75 адад | 87 адад | 88 адад | 13 адад | 1 адад |
| Хишти роҳрав | 9 адад | 16 адад | 10 адад | 1 адад | -6 адад |
| Бетони сохтмонӣ | 10 адад | 11 адад | 14 адад | 4 адад | 3 адад |
| Хокаи санг | 2 адад | 2 адад | 2 адад | 0 | 0 |
| Оҳану битони васлшаванда | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 | 0 |
| Газоблок | 2 адад | 4 адад | 6 адад | 4 адад | 2 адад |
| Пеноблок | 3 адад | 3 адад | 3 адад | 0 | 0 |
| Қуми кварсӣ | 2 адад | 4 адад | 1 адад | -1 адад | -3 адад |
| Ротбанд | 2 адад | 3 адад | 3 адад | 1 адад | 0 |
| Шпакилёфка | 2 адад | 4 адад | 4 адад | 2 адад | 0 |
| Плитаҳои оҳану бетон | 2 адад | 2 адад | 3 адад | 1 адад | 1 адад |
| Профил барои гаҷкардон | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 | 0 |
| Тахтаҳои асбестӣ (шифер) | 3 адад | 5 адад | 5 адад | 2 адад | 0 |
| Шифери тунукагӣ | 3 адад | 5 адад | 5 адад | 2 адад | 0 |
| Маҳсулот аз пластикаи филизӣ | 0 | 35 адад | 45 адад | 45 адад | 10 адад |
| Гаҷкардон | 0 | 3 адад | 4 адад | 4 адад | 1 адад |
| Рубероид (толф) | 0 | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 |
| Гаҷкардон барои шифт (Навесной потолок) | 0 | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 |
| Эмулсия | 0 | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 |
| Конструксияҳои филизӣ барои корхои сохтмони | 0 | 2 адад | 2 адад | 2 адад | 0 |
| Маҳсулоти нимтайёри дору | 0 | 1 адад | 1 адад | 1 адад | 0 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси адабиёти [23, 24]

Аз рақамҳои овардашуда дар ҷадвали 2.13 дида мешавад, ки дар солҳои 2022-2024 шумораи корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ тамоюли афзоиш касб намудаанд. Бештарин рушди корхонаҳо дар самти истеҳсоли хишти сементӣ, регу сангмайда, маҳсулот аз пластикаи филизӣ, бетонҳои сохтмонӣ ва газоблок ба чашм мерасад. Илова бар ин, дар бархе намудҳои истеҳсолот, аз ҷумла гаҷсанг, семент, хишти роҳрав ва қуми кварсӣ коҳиш дида мешавад. Пайдо гардидани корхонаҳои нави истеҳсоли клинкер, микросемент, гаҷкардон ва дигар масолеҳи муосир аз густариши иқтидорҳои саноатии соҳаи сохтмон дар вилояти Хатлон далолат мекунанд. Маълумоти дар ҷадвал таҳлилшуда рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва афзоиши имкониятҳои саноатии сохтмонро дар минтақаи мазкур инъикос мекунад.

Саноати масолеҳи сохтмонӣ яке аз бахшҳои махсуси истеҳсолӣ ба шумор рафта, ба истеҳсоли навъҳои гуногуни масолеҳи барои сохтмон зарур равона шудааст. Вилояти Хатлон заминаи мустаҳками ашёи хомро доро буда, ин омил ба рушди устувори соҳаи масолеҳи сохтмонӣ мусоидат мекунад. Мавқеи мазкур дар иқтисодиёти минтақа аҳаммияти зиёд дошта, сохтмони иншооти манзилӣ ва истеҳсолиро ба таври назаррас таъмин менамояд. Корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, асосан, дар мавзеъҳои дорои захираҳои ашёи хом ва марказҳои нисбатан бузурги саноатӣ ҷойгир шудаанд. Дар ин росто, такмили фаъолияти корхонаҳои мазкур татбиқи механизмҳои самараноки иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии истеҳсолиро талаб мекунад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ин ҳолат ба дараҷаи рушди истеҳсолот таъсир мерасонад. Ҳамзамон, ташкил намудани истеҳсолоти рақобатпазири масолеҳи сохтмонӣ истифода кардани технологияҳои муосир ва ҷалби намудҳои гуногуни захираҳоро тақозо менамояд.

Фарқиятҳои минтақавӣ дар рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ зери таъсири маҷмуи омилҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад. Пеш аз ҳама, шароити табиӣ ва иқлимии минтақа аҳаммияти калон доранд. Ба ин гурӯҳ нишондиҳандаҳое, ба мисли ҳарорат ва намнокии ҳаво, дараҷаи зилзиланокӣ, хусусиятҳои релеф ва инчунин мавҷудияти захираҳои ашёи хом барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дохил мешаванд.

Ҳамзамон, сатҳ ва дурнамои рушди қувваҳои истеҳсолӣ дар минтақа низ ба ҷойгиршавӣ ва фаъолияти ин соҳа метавонанд таъсири ҷиддӣ расонанд. Суръати афзоиши сармоягузорӣ, сохтори соҳавию ҳудудии иқтисод, ташкили комплексҳои нави истеҳсолӣ, инчунин татбиқи барномаҳои рушди шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҷумлаи омилҳои муҳим ва муайянкунанда ба ҳисоб мераванд. Ин равандҳо, махсусан дар самти беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ва иншооти иҷтимоию маишӣ нақши калидӣ мебозанд.

Илова бар ин, хусусиятҳои ҳамлу нақли минтақа низ барои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Дастрасӣ ба роҳҳои ҳамлу нақл имконияти тавсеаи шабакаҳои интиқол ва сатҳи робитаҳои

иқтисодию нақлиётӣ ба самаранокии истеҳсол ва интиқоли маҳсулот таъсир мерасонанд. Омилҳои демографӣ низ дар ин самт мавқеи назаррас доранд. Шумора ва зичии аҳолӣ, инчунин сатҳи таъмин будани минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ба талабот ва рушди истеҳсолот бевосита таъсиррасон мебошанд.

Дар баробари ин, ҳолати техникию истеҳсолии ташкилоти сохтмониву васлкунӣ, иқтидори корхонаҳо ва сатҳи рушди пойгоҳи моддию техникии сохтмон низ аз ҷумлаи омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки хусусиятҳои минтақавии саноати масолеҳи сохтмониро муайян менамоянд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолӣ, иқтидори мавҷуда ва мавқеи корхонаҳо дар бозор, субъектҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ метавонанд аз рӯйи як қатор меъёрҳои иқтисодию истеҳсолӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда шаванд:

- корхонаҳое, ки ба истихроҷ, коркард ва омодасозии ашёи хоми барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ зарурӣ машғул буда, рег, шағал, сангреза ва навъҳои гуногуни сангҳои бинокориро истеҳсол менамоянд;

- корхонаҳои марбут ба истеҳсоли масолеҳи пайвасткунанда, аз ҷумла семент, оҳак ва гаҷ, ки дар байни онҳо истеҳсоли семент аз ҷиҳати аҳаммияти иқтисодӣ ва нақши он дар таъмини соҳаи сохтмон мавқеи муҳимро ишғол мекунад;

- корхонаҳое, ки маҳсулоти гуногуни сохтмониро, аз ҷумла хишт, конструксияҳои оҳану бетонӣ, шиша, қубурҳои сафолӣ, маводи бомпӯшӣ ва масолеҳи гармидиҳандаи минералӣ истеҳсол менамоянд.

- корхонаҳои истеҳсолкунандаи сангҳои ороишӣ ва мармар.

Барои корхонаҳои алоҳида чунин муносибат ҳангоми ташаккули стратегияи рақобатпазирӣ ва фарогирии бозорҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи канданиҳои фоиданоки маъмули умум тасдиқ карда шудааст, ки ба онҳо омехтаҳои регу шағал, рег, гил, гилхок, санги бинокорӣ, регсангҳо, бӯр, кварсит, доломит, оҳаксанг, оҳаксанги ковок, варақсанг, аргиллитҳо, алевролитҳо ва ғайра дохил мешаванд, ки асоси канданиҳои фоиданоки масолеҳи сохтмониро ташкил медиҳанд [1].

## Ҷадвали 2.14. - Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми масолеҳи истеҳсолшуда ва арзиши он дар вилояти  Хатлон (солҳои 2022-2024)

| | Воҳиди андозагирӣ | Солҳо | | | Соли 2024 нисбат ба соли | | Солҳо | | | Соли 2024 нисбат ба соли | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2022 | 2023 | 2024 | | | 2022 | 2023 | 2024 | | |
| | | Маҳсулоти истеҳсолшуда | | | 2022, % | 2023,% | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, ҳазор сомонӣ | | | 2022, % | 2023,% |
| Рег | мет. мук. | 119869,4 | 167224,2 | 197119,8 | 164,4 | 117,9 | 7914,8 | 10257,4 | 12081,9 | 152,6 | 117,8 |
| Регу сангмайда | мет. мук. | 284029,2 | 327331,1 | 344662,6 | 121,3 | 105,3 | 9072,9 | 12178,9 | 13327,9 | 146,9 | 109,4 |
| Омехтаи куму сангреза | мет. мук. | 24287,2 | 31192,9 | 36691,7 | 151,1 | 117,6 | 1093,6 | 1580,0 | 1769,5 | 161,8 | 112,0 |
| Истеҳсоли асфалт | тонна | 1297,6 | 1312,5 | 1551,2 | 119,5 | 118,2 | 548,1 | 721,3 | 984,2 | 179,6 | 136,4 |
| Мазут | тонна | 2052,5 | 2089,1 | 2198,2 | 107,1 | 105,2 | 4401,7 | 4521,3 | 4686,2 | 106,5 | 103,6 |
| Истеҳсоли битум | тонна | 3186,3 | 3205,5 | 3598,1 | 112,9 | 112,2 | 16959,9 | 17536,2 | 19775,1 | 116,6 | 112,8 |
| Ранги сохтмонӣ | тонна | 96,2 | 99,5 | 103,44 | 107,5 | 104,0 | 678,7 | 1001,0 | 1105,6 | 162,9 | 110,4 |
| Клинкер | ҳаз. тон. | 25,3 | 85,4 | 168,8 | 6,6 мар. | 197,7 | 20523,6 | 24652,3 | 39304,9 | 191,5 | 159,4 |
| Семент | тонна | 2903909,4 | 2671144,8 | 3433430,2 | 118,2% | 128,5 | 1221814,3 | 1074124,2 | 1133422,3 | 92,8 | 105,5 |
| Микросемент | тонна | 65,0 | 91,0 | 102,0 | 156,9% | 112,1 | 652,3 | 859,3 | 963,2 | 147,7 | 112,1 |
| Охаки бинокорӣ | тонна | 6250,2 | 20248,3 | 26532,1 | 4,2 мар. | 131,0 | 3381,5 | 10160,1 | 12321,4 | 3,6 мар. | 121,3 |
| Гаҷсанг | тонна | 83949,4 | 74476,2 | 82589,6 | 98,4% | 110,9 | 899,7 | 2093,1 | 2436,3 | 2,7 мар. | 116,4 |
| Гаҷ | тонна | 4992,5 | 4847,8 | 5163,2 | 103,4% | 106,5 | 143,3 | 263,6 | 312,4 | 2,1 мар. | 118,5 |
| Хишти бинокорӣ | ҳазор донна | 22600,8 | 24220,8 | 27200,0 | 120,3% | 112,3 | 11819,5 | 13252,2 | 15653,4 | 132,4 | 118,1 |
| Хишти сементӣ | ҳазор донна | 31113,9 | 31323,2 | 33415,2 | 107,4% | 106,7 | 78673,5 | 85242,2 | 92632,1 | 117,7 | 108,7 |
| Хишти рохрав | мет. му/б | 79005,3 | 79496,3 | 80125,5 | 101,4% | 100,8 | 2555,0 | 2561,5 | 2658,2 | 104,0 | 103,8 |
| Бетони сохтмонӣ | мет. мук. | 69018,8 | 64934,3 | 63589,4 | 92,1% | 97,9 | 45358,5 | 42961,3 | 41256,2 | 91,0 | 96,0 |
| Газоблок | мет. мук. | 448,6 | 1855,1 | 1958,2 | 4,3 мар. | 105,6 | 21,0 | 478,1 | 524,6 | 24,9 мар. | 109,7 |
| Пеноблок | мет. мук. | 518,7 | 196,5 | 215,5 | 41,5% | 109,7 | 511,2 | 271,5 | 312,5 | 61,1 | 115,1 |
| Қуми кварсӣ | тонна | 1990,0 | 588,0 | 560,5 | 28,2% | 95,3 | 123,6 | 22,0 | 20,5 | 16,6 | 93,2 |
| Ротбанд | тонна | 578,1 | 712,6 | 758,5 | 131,2% | 106,4 | 604,9 | 747,0 | 825,4 | 136,5 | 110,5 |
| Шпакилёфка | тонна | 16,9 | 2823,6 | 4763,3 | 28,1 мар. | 168,7 | 28,6 | 17667,8 | 31255,4 | 10,9 мар. | 176,9 |
| Плитаҳои оҳану бетон | мет. мур/б | 1304,1 | 1039,8 | 1002,9 | 76,9% | 96,5 | 1162,2 | 837,8 | 812,5 | 69,9 | 97,0 |
| Профил барои гаҷкардон | дона | 23465,0 | 75435,0 | 140130,0 | 5,9 мар. | 185,8 | 427,0 | 1407,2 | 2204,5 | 5,1 мар. | 156,7 |
| Тахтаҳои асбести (шифер) | ҳаз. т/ш/й | 295,3 | 466,1 | 522,8 | 177,0% | 112,2 | 12243,4 | 19784,6 | 26478,1 | 2,1 мар. | 133,8 |
| Шифери тунукагӣ | метр. кв | 24441,1 | 32088,6 | 36023,0 | 147,4% | 112,3 | 949,1 | 1212,6 | 1425,3 | 150,2 | 117,5 |
| Гаҷкардон | донна | 1191154,0 | 2479990,4 | 2691154,0 | 2,2 мар. | 108,5 | 43252,3 | 51970,9 | 54689,8 | 126,4 | 105,2 |
| Рубероид (толф) | хаз. мет. м/аб | 12,5 | 46,4 | 162,8 | 13 мар. | 3,5 мар. | 115,2 | 400,4 | 1200,2 | 10,4 мар. | 2,9 мар. |
| Гачкардон барои шифт (Навесной потолок) | дона | 411232,0 | 506976,0 | 556346,0 | 135,3 | 109,7 | 5662,3 | 9634,4 | 9985,5 | 176,4 | 103,6 |
| Конструксияҳои филизӣ барои корҳои сохтмонӣ | тонна | 1112,7 | 1748,1 | 1965,5 | 176,6 | 112,4 | 18956,2 | 28312,1 | 32145,2 | 169,6 | 113,5 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси адабиёти [23, 24]

Аз маълумоти ҷавдали 2.14 дида мешавад, ки дар соли 2022-2024 афзоиши назаррас дар истеҳсоли клинкер, семент, оҳаки бинокорӣ, газоблок, шпакилёвка, гаҷкардон ва профилҳои гаҷкардон мушоҳида мешавад. Ин нишон медиҳад, ки талабот ба масолеҳи муосири сохтмонӣ дар бозори дохилӣ зиёд гардида, иқтидори истеҳсолии корхонаҳо тадриҷан васеъ шуда истодааст.

Дар бахши истеҳсоли семент соли 2024 ҳаҷми истеҳсол ба 3,4 млн тонна расида, нисбат ба соли 2023 28,5 фоиз зиёд гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки соҳаи сохтмон дар кишвар фаъол буда, талабот ба маводди асосии сохтмонӣ афзоиш меёбад. Ҳамчунин, рушди истеҳсоли клинкер ва микросемент низ аз таҳкими заминаи ашёи хом ва такмили технологияи истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Афзоиши истеҳсоли масолеҳи ороишӣ ва васлкунӣ, аз ҷумла ротбанд, шпакилёвка, гаҷкардон ва шифер нишон медиҳад, ки дар кишвар на танҳо сохтмони биноҳои нав, балки корҳои таъмиру ороишӣ низ густариш ёфта истодаанд. Аз ҷумла, истеҳсоли шпакилёвка дар соли 2024 нисбат ба соли 2022 зиёда аз 28 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарини рушд ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, истеҳсоли баъзе аз намудҳои маҳсулот коҳиш ёфтаанд. Масалан, истеҳсоли бетони сохтмонӣ, плитаҳои оҳану бетон, пеноблок ва қуми кварсӣ нисбат ба солҳои қаблӣ паст гардидааст. Ин ҳолат метавонад ба паст шудани талабот, фарсудашавии таҷҳизот, маҳдудияти ашёи хом ё рақобати бозор вобаста бошад.

Аз таҳлил бармеояд, ки рушди соҳа, асосан, ба зиёд шудани сармоягузорӣ, афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ва татбиқи технологияҳои нав вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ як қатор тадбирҳо муҳим мебошанд:

- ✓ таҷдид ва навсозии технологияву таҷҳизоти истеҳсолӣ барои баланд бардоштани сифати маҳсулот;
- ✓ ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар;

- ✓ дастгирии давлатии корхонаҳое, ки маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол мекунанд;
- ✓ рушди шабакаҳои нақлиётӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъминот ва тақсимоти маҳсулот;
- ✓ афзоиши истеҳсоли навъҳои пешрафтаи масолеҳи сохтмонӣ, ки ба талаботи инноватсионӣ ва сарфаи энергия ҷавобгӯ мебошанд;
- ✓ баланд бардоштани сатҳи тахассус ва касбияти захираҳои инсонӣ, ҳамчунин ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба ин бахш.

Ба андешаи мо, рушди иқтисодии вилояти Хатлон дар сатҳи муайян ба мавҷудият ва истифодаи захираҳои табиии минтақа вобастагии зич дорад. Фаровонии захираҳои табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ барои ташаккули заминаи истеҳсолӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни саноатӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Дар ин замина, истифодаи самараноки иқтидори ашёи хоми минтақа барои густариши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва таҳкими заминаи иқтисодии вилояти Хатлон заминаи мусоидат фароҳам месозад.

Дар шароити кунунӣ истихроҷ ва баҳрабардорӣ аз манбаъҳои маъданӣ ва ғайримаданӣ дар вилояти Хатлон яке аз муҳиммтарин заминаҳои рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ маҳсуб мешавад. Аз як тараф, минтақаи мазкур дорои захираҳои бузурги масолеҳи ғайримаъданӣ аст, аз тарафи дигар, барои дастрасӣ ба аксари конҳо монеа мавҷуд нест ва коркарди онҳо дар шароити мавҷуда аз нигоҳи иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои ба роҳ мондани ташкили истеҳсоли намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ аз ҳисоби ҷойгиркунонии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ дар наздикии сарчашмаҳои ашё, бозори фурӯш, қувваи кории арзон ба омилҳои асосии истеҳсолот алоқаманд мебошад.

Омори даҳ соли охир афзоиши мунтазами истихроҷи ашёи хоми серталаб барои соҳаи сохтмон, аз ҷумла хок, омехтаҳои регу шағал, оҳаксанг ва сангҳои бинокориро нишон медиҳад (Ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15. - Намудҳои асосии ашёи хоми масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон, соли 2024**

| № | Гурӯҳи ашёи хоми сохтмонӣ | Шумораи конҳо, адад | Конҳои фаъол | Конҳои захиравӣ | Захира, аз ҷумла тавозуни аз рӯйи категорияҳои A+B+C1, ҳазор м³ | | | Ҳиссаи захираи истихроҷшаванда, % | Ҳиссаи захираи захиравӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Захираи умумӣ, ҳазор м³ | Захираи истихроҷшаванда, ҳазор м³ | Захираи захиравӣ, ҳазор м³ | | |
| 1 | Ашёи хоми сементӣ | 12 | 8 | 4 | 8676524,5 | 8442692,9 | 233831,6 | 97,31 | 2,69 |
| 2 | Гаҷи сохтмонӣ | 10 | 3 | 7 | 456550,4 | 331224,2 | 125 26,2 | 72,58 | 27,42 |
| 3 | Ҷинсҳои карбонатӣ | 3 | 1 | 2 | 47163,5 | 743,0 | 46 20,5 | 1,58 | 98,42 |
| 4 | Ашёи хом барои истеҳсоли хишт | 26 | 6 | 20 | 1996085,4 | 1632370,4 | 363 15,3 | 81,78 | 18,22 |
| 5 | Ашёи хом барои истеҳсоли керамзит | 2 | - | 2 | 3523,0 | - | 3523,0 | 0,00 | 100,00 |
| 6 | Хок барои истеҳсоли аглопарит | 2 | - | 2 | 16754,0 | - | 16754,0 | 0,00 | 100,00 |
| 7 | Хоки кулолӣ | 1 | - | 1 | 1834,0 | - | 1834,0 | 0,00 | 100,00 |
| 8 | Гил барои омода намудани маҳлул | 3 | - | 3 | 4693,0 | - | 4693,0 | 0,00 | 100,00 |
| 9 | Ашёи хом барои истеҳсоли бетон | 1 | - | 1 | 2052,0 | - | 2052,0 | 0,00 | 100,00 |
| 10 | Сангҳои рӯйкаш | 1 | - | 1 | 301,0 | - | 301,0 | 0,00 | 100,00 |
| 11 | Санги сохтмонӣ | 10 | 2 | 8 | 213599,1 | 97576,0 | 116023,1 | 45,68 | 54,32 |
| 12 | Регу шағал | 23 | 5 | 18 | 903316,3 | 178016,2 | 725300,1 | 19,71 | 80,29 |
| 13 | Сангҳои ороишӣ | 1 | - | 1 | 566,7 | - | 566,7 | 0,00 | 100,00 |
| **Ҳамагӣ** | | **98** | **25** | **73** | **12322963,4** | **10682622,5** | **1640340,9** | **86,69** | **13,31** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асосӣ [63]

Натиҷаҳои таҳлил собит мекунанд, ки дар шароити кунунӣ ҳаҷми коркарди ашёи хом барои истеҳсоли семент, гаҷи сохтмонӣ, хоки хиштпазӣ ва омехтаҳои регу шағал нисбат ба дигар навъҳои масолеҳи сохтмонӣ зиёдтар истеҳсол ва коркард мешаванд. Ин ҳолат аз боло рафтани талаботи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба чунин маҳсулоти сохтмонӣ шаҳодат медиҳад. Афзоиши талабот, пеш аз ҳама, ба истифодаи васеи онҳо дар бунёди роҳҳо, манзилҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти муҳандисию иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Аз маълумоти Фонди давлатии иттилооти геологӣ оид ба қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки вилояти Хатлон дорои зиёда аз 12 кони оҳаксанг буда, онҳо дар ноҳияҳои зерин ҷойгир мебошанд: А. Ҷомӣ, Восеъ, Данғара, Дӯстӣ, Ёвон, Носири Хусрав, Ҷ. Балхӣ, Панҷ, Фархор, Хуросон, Шаҳритус ва шаҳри Леваканд. Захираҳои саноатии ин конҳо аз рӯйи категорияҳои A+B+C1 8676524,5 $м^3$-ро ташкил медиҳанд. Конҳои аз ҳама калони оҳаксанг аз рӯйи категорияи захираҳо A+B+C1 дар ноҳияҳои Шаҳритус кони «Туюн-тоғ» 228295,4 ҳазор $м^3$, ш. Норак кони «Чормағзак» 1295714 ҳазор $м^3$, н. Данғара конҳои «Ҷартеппа» 6298 ҳазор $м^3$ ва «Кулбулён» 45347 ҳазор $м^3$ ва кони «Калкот» бо захираи ниҳоят зиёд то ҳол омӯхта нашудаанд.

Озмоишҳо нишон доданд, ки кони оҳаксанги «Пусхӯр»-и ноҳияи Ёвон аз рӯйи сифати ашёи хом ва ҳаҷми захираҳо барои истеҳсоли семент хеле мувофиқ буда, ҳаҷми захираҳои он тибқи категорияҳои A+B+C1 ба 87,7 млн тонна ва аз рӯйи категорияи C2 ба 108 млн тонна баробар буда, айни замон дар истеҳсолот истифода шуда истодаанд. Илова бар ин, дар ҳудуди вилояти Хатлон захираҳои зиёди конҳои хок вуҷуд доранд, ки дар умум, 26 кони хок бо захираҳои тавозунии саноатӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин конҳо, асосан, дар ноҳияҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бохтар, Восеъ, Данғара, Ёвон, Носири Хусрав, Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ховалинг, Хуросон, Шаҳритус ва инчунин шаҳрҳои Кӯлоб, Норак ва Леваканд ҷойгир ҳастанд. Ҳаҷми умумии захираҳои тавозунии саноатии конҳои хок аз рӯйи

категорияҳои A+B+C1 ба 1996085,7 ҳазор метри мукааб баробар аст. Аз ҷумла, кони «Даҳана-2» дар ноҳияи Ёвон бо захираи 1033940 ҳазор м³, кони «Табакчӣ» дар шаҳри Леваканд бо 8510 ҳазор м³ ва кони «Кӯлоб-3» дар шаҳри Кӯлоб бо 3317 ҳазор м³ аз ҷумлаи калонтарин конҳои омӯхташуда ҳисобида мешаванд.

Дар ҳудуди минтақа беш аз 10 кони гаҷ мавҷуд буда, ҳаҷми умумии захираҳои саноатии онҳо тибқи категорияҳои A+B+C1 дар ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Ёвон, Носири Хусрав Хуросон ва Леваканд ба 456550,4м³ баробар аст. Конҳои калони гаҷ дар ноҳияҳои Ёвон, кони «Мирамшоҳӣ» аз рӯйи категорияҳои A+B+C1 - 319580,2 ҳаз. м³, Шаҳритус, кони «Водораздельное» бо категорияҳои A+B+C1 - 39112 ҳаз. м³, Восеъ, кони «Хоҷасартез» бо категорияҳои A+B+C1 - 5969 ҳаз. т ҷойгир шудааст. Аз конҳои гаҷи минтақа истеҳсоли гаҷи сохтмони навъи якум мумкин аст истеҳсол карда шавад.

Дар вилояти Хатлон зиёда аз 23 кони регу шағал мавҷуд буда, захираҳои тавозунии онҳо тибқи категорияҳои A+B+C1 ба 903316,3 ҳазор м³ мерасад. Конҳо дар ноҳияҳои Данғара, Носири Хусрав, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод ва шаҳрҳои Норак, Кӯлоб, Леваканд ҷойгир шудаанд. Аз ҷумла, конҳои «Навобод» ва «Дӯконӣ» дорои захираҳои калон буда, регу шағали онҳо барои истеҳсоли бетон, асфалт ва бетонҳои гидротехникӣ истифода мегардад.

Истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дорои як қатор хусусиятҳои муҳим мебошад, ки онро аз дигар навъҳои масолеҳ фарқ мекунонад. Хусусан, дар шароити рушди босуръати саноатӣ ва ниёз ба масолеҳи босифат ин хусусиятҳо аҳаммияти бештарро соҳиб мебошанд. Муҳимтарин хусусиятҳои масолеҳи сохтмонии табиӣ дар ҷадвали 2.16 оварда шудаст.

**Ҷадвали 2.16. - Хусусиятҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон**

| **Хусусият** | **Мазмун ва тавсиф** |
|---|---|
| Манбаи ашёи хом | Вилояти Хатлон аз лиҳози захираҳои ашёи хоми сохтмонӣ имкониятҳои васеъ дошта, дар ҳудуди он конҳои қуму шағал дар водиҳои дарёи Вахш, инчунин захираҳои гил барои истеҳсоли хишт ва сангҳои оҳакию мармар дар минтақаҳои кӯҳӣ мавҷуданд. |

*Идомаи ҷадвали 2.16.*

| | |
|---|---|
| Сода ва дастрасӣ барои коркард | Қуму шағал пеш аз истифода, асосан, аз раванди шустан ва ҷудокунии фраксионӣ гузаронида мешаванд. Гил баъди майдакунӣ ва шаклдиҳӣ дар ҳарорати муайян пухта мешавад. Сангҳои оҳакӣ ва мармар бошанд, бештар тавассути буридан ва сайқалдиҳӣ барои истифода омода мегарданд. |
| Арзиши истеҳсол | Арзиши нисбатан паст дорад, зеро аксари ашёи хом дар дохили вилоят истихроҷ мешаванд. Масалан, корхонаҳои истеҳсоли хишт ва коркарди маъдан дар ноҳияҳои Данғара, Носири Хусрав, Шаҳритус фаъоланд. |
| Хусусиятҳои экологӣ | Масолеҳи табиӣ (қум, гил, санг) аз ҷиҳати экологӣ безарар мебошанд. Вале истихроҷи аз ҳад зиёди онҳо метавонад ба манзараи табиӣ ва муҳити зист зарар расонад. |
| Маҳаллигардонӣ ва дастрасӣ | Корхонаҳои истеҳсолӣ, асосан, дар наздикии манбаъҳои ашёи хом ҷойгиранд. Масалан, корхонаҳои истеҳсоли хишт дар канори шаҳрҳо ва қуму шағал аз водиҳо истихроҷ мешаванд. |
| Хусусиятҳои физикӣ-техникӣ | Сангҳои оҳакӣ ва мармар – мустаҳкам ва барои сохтмони биноҳо мувофиқ; гил – барои сохтани хишт ва зарфҳои сафолӣ; чӯб – маҳдуд, бештар аз ноҳияҳои кӯҳӣ оварда мешавад. |
| Вобастагӣ ба иқлим ва ҷуғрофия | Шароити гарм ва офтобии вилояти Хатлон ба хушконидани гил ва истеҳсоли хишт мусоидат мекунад. Захираҳои асосӣ бештар дар водиҳо ва доманакӯҳҳо ҷойгиранд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Истеҳсол ва коркарди масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки онҳоро метавон аз ҷиҳати манбаъ, технология, арзиш ва таъсири муҳити зист мавриди таҳлил қарор дод.

Манбаи ашёи хом дар вилоят хеле фаровон аст. Қум ва шағал, асосан, дар водии дарёҳои Вахш ва Панҷ мавҷуданд, ки барои сохтмони роҳҳо, пулҳо ва биноҳо васеъ истифода мешаванд. Захираҳои гил дар ноҳияҳои гуногун, аз ҷумла Данғара ва Носири Хусрав, барои истеҳсоли хишт ва маснуоти сафолӣ истифода мегарданд. Илова бар ин, минтақаҳои кӯҳӣ дорои сангҳои оҳакӣ ва мармар мебошанд, ки барои сохтмони биноҳои муосир ва маснуоти ороишӣ аҳаммияти калон доранд.

Аз ҷиҳати технологияи коркард, истеҳсоли масолеҳи табиӣ дар вилояти Хатлон нисбатан сода мебошад. Қум ва шағал баъди шустан ва ҷобаҷогузорӣ омодаи истифода мешаванд. Гилро бештар майда ва қолаббандӣ намуда, баъдан дар корхонаҳои истеҳсоли хишт пухта мешавад. Сангҳои оҳакӣ ва мармар, асосан, бо роҳи буридан ва сайқал додан коркард мегарданд, ки ин талаботи зиёди муосири сохтмонро таъмин месозад.

Арзиши истеҳсол дар вилоят нисбатан паст аст, зеро аксари ашёи хом дар худи минтақа истихроҷ мегардад. Ин имконият медиҳад, ки хароҷоти ҳамлу нақл коҳиш ёбад ва корхонаҳои хурду миёнаи сохтмонӣ бо масолеҳи арзон таъмин карда шаванд. Масалан, дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Данғара корхонаҳои зиёди истеҳсоли хишт фаъолият доранд, ки эҳтиёҷоти сохтмони маҳаллиро қонеъ месозанд.

Яке аз афзалиятҳои асоси истеҳсол ва истифодаи масолеҳи табиӣ дар Хатлон бо маҳаллигардонӣ ва дастрасӣ алоқаманд мебошад. Корхонаҳои истеҳсолӣ, асосан, дар наздикии манбаъҳои ашёи хом ҷойгиранд, ки ин ба сарфакорӣ дар хароҷоти нақлиётӣ мусоидат мекунад ва бозори дохилиро босуръат таъмин месозад.

Аз ҷиҳати хусусиятҳои физикӣ-техникӣ масолеҳи табиӣ дорои устуворӣ ва давомнокии баланд мебошанд. Сангҳои оҳакӣ ва мармар ба сохтмони биноҳои муҳандисӣ ва иншооти муҳимми иҷтимоӣ мувофиқанд. Гил барои истеҳсоли хишт ва сафол беҳтарин ашёи хом аст, ки дар шароити иқлими гарм ва офтобии Хатлон хеле хуб хушк ва пухта мешавад. Чӯб нисбатан маҳдуд аст ва бештар аз ноҳияҳои кӯҳӣ ворид мегардад.

Ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ омилҳои гуногун, аз қабили захираҳои табиӣ ва геологӣ, иқлимӣ ва табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ, инфрасохторӣ ва технологӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ, экологӣ таъсир мерасонанд (Расми 2.2).

Ниҳоят, иқлим ва шароити ҷуғрофӣ ба равандҳои истеҳсол таъсири мусбат мерасонанд. Иқлими гарм ва офтобии Хатлон барои хушконидани гил ва истеҳсоли хишт шароити хеле мусоид фароҳам меорад. Қисми зиёди захираҳои масолеҳи табиии сохтмонӣ дар ҳудуди водиҳо ва минтақаҳои доманакӯҳӣ ҷойгир буда, онҳо ҳамчун заминаи муҳимми рушди соҳаи сохтмон дар минтақа хизмат мекунанд.

Ба андешаи мо, истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон аз фаровонии захираҳои маҳаллӣ, арзиши нисбатан паст, содагии технологияи коркард ва мутобиқати иқлимӣ бархӯрдор мебошад. Бо вуҷуди

ин, истифодаи оқилона ва назорати онҳо зарур аст, то тавозуни иқтисодӣ ва экологӣ дар минтақа нигоҳ дошта шавад.

**Омилҳои асосии таъсиррасон ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон**

| Гурӯҳи омилҳо | Мазмун ва таъсир |
|---|---|
| **Захираҳои табиӣ ва геологӣ** | Фаровонии қуму шағал дар водиҳои дарёҳо; гил дар Данғара ва Қубодиён; сангҳои оҳакӣ ва мармар дар минтақаҳои кӯҳӣ. Дастрасии захираҳо самти истеҳсолро муайян мекунад. |
| **Омилҳои иқлимӣ ва табиӣ** | Иқлими гарм ба хушконидани гил ва истеҳсоли хишти босифат мусоид аст. Норасоии об ва эрозияи замин метавонад мушкил эҷод намояд. |
| **Омилҳои иқтисодӣ** | Арзиши пасти ашёи хоми маҳаллӣ ва наздикӣ ба бозорҳои дохилӣ (Бохтар, Кӯлоб) ба рушди истеҳсол мусоидат мекунад. Нақши сармоягузорӣ калидӣ мебошад. |
| **Омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ** | Нерӯи кори арзон ва фаровон, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ, рушди шаҳру деҳот. |
| **Омилҳои инфрасохторӣ ва технологӣ** | Дастрасӣ ба таҷҳизот ва технологияҳои муосир, фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, зарурати баланд бардоштани сифат ва мутобиқат ба стандартҳо. |
| **Омилҳои ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ** | Қонунгузории марбут ба истифодаи захираҳо, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди саноат, имтиёзҳо барои соҳибкорон ва сармоягузорон. |
| **Омилҳои экологӣ** | Зарурати ҳифзи муҳити зист, маҳдудияти истихроҷи аз ҳад зиёд, пешгирии вайроншавии экосистемаҳо. |

**Расми 2.2. - Омилҳои асосии таъсиррасон ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омилҳои асосии таъсиррасон ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон ба захираҳои ғании ашёи хом, шароити мусоиди иқлимӣ, дастрасии бозор, қувваи корӣ ва сатҳи инфрасохтор вобаста мебошанд. Ҳамзамон, омилҳои ҳуқуқӣ, сармоягузорӣ ва талаботи экологӣ низ дар рушди соҳа нақши муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки талабот ба масолеҳи сохтмонӣ дар солҳои наздик низ аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, зарурати таҷдиди техникии истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва истеҳсоли маҳсулоти мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба миён меояд. Амалисозии чунин тадбирҳо бе такмили самтҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва амалӣ ислоҳоти сохторӣ дар соҳа имконнопазир мебошад.

Айни замон, саноати масолеҳи сохтмонии вилояти Хатлон дар баробари афзалиятҳо, дорои нуқсҳо низ мебошад (Ҷадвали 2.17).

**Ҷадвали 2.17. - Афзалият ва нуқсонҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

| Ҷиҳат | Афзалиятҳо | Нуқсҳо |
|---|---|---|
| Захираҳо | Дастрасии осон ба захираҳои табиӣ; истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ | Захираҳо маҳдуданд ва метавонанд дар ҳолати истифодаи нодуруст тамом шаванд |
| Иқтисодӣ | Кам кардани хароҷот; рушди иқтисоди маҳаллӣ; таъсиси ҷойҳои корӣ | Барои истеҳсолот ба таҷҳизоти махсус ва маблағгузории ибтидоӣ ниёз аст |
| Экологӣ | Таъсири кам ба муҳити зист; мувофиқ бо муҳити зист | Агар дуруст идора нашаванд, мумкин аст, ки вайроншавии табиӣ ба миён ва ба партов табдил шаванд. |
| Инфрасохтор | Рушди инфрасохтор ва сохтмони корхонаҳои маҳаллӣ | Миқёси истеҳсолот маҳдуд аст ва метавонад талаботи бузурги бозорро қонеъ накунад |
| Истиқлолияти иқтисодӣ | Кам кардани вобастагӣ аз воридот | Иқтисоди маҳаллӣ метавонад аз сабаби иқтидори пасти истеҳсолӣ пурра истиқлол намешавад |
| Ҷамъиятӣ | Таъсири мусбат ба рушди иҷтимоӣ; таъсиси ҷойҳои нави корӣ | Таъсир ба ҷомеа маҳдуд буда, барои рушд ба дастгирии иловагӣ ниёз дорад |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [63, 64]

Таҳлили ҷадвали 2.17 нишон медиҳад, ки рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар асоси захираҳои маҳаллӣ як қатор афзалиятҳои муҳим, аз ҷумла дастрасии осон ба ашёи хом, коҳиши хароҷот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тақвияти истиқлоли иқтисодиро фароҳам меорад. Ҳамзамон, ин самт бо як қатор маҳдудиятҳо низ вобаста аст, аз ҷумла маҳдуд будани захираҳо, ниёз ба сармоягузории ибтидоӣ, таъсири эҳтимолӣ ба муҳити зист ва маҳдудияти иқтидори истеҳсолӣ. Вобаста ба ин, барои истифодаи самараноки имкониятҳо ва коҳиши нуқсҳо татбиқи идоракунии дуруст ва ворид намудани технологияҳои нав зарур аст.

Ба назари мо, бо ҳадафи таъмин намудани рушди устувор ва самараноки истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон андешидани як зумра чораҳо муҳим ва зарур аст, аз қабили анҷом додани омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаи захираҳои мавҷуда, ҳамзамон муайян кардани

ҳаҷм ва имконияти истеҳсолии онҳо; ҷорӣ ва татбиқ намудани технологияҳои замонавӣ ва таҷҳизоти муосир бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифатии масолеҳи сохтмонии табиӣ; таъсиси стандартҳои миллӣ барои масолеҳи сохтмонии табиӣ ва назорати қатъии иҷрои онҳо, ҳамкории мутақобила бо кишварҳои дигар барои мубодилаи таҷриба ва технологияҳои коркарди масолеҳи табиӣ. Бо татбиқи ин тадбирҳо метавон истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табииро дар вилояти Хатлон самаранок ва устувор намуд.

Бо мақсади таҳлили афзалиятҳо, маҳдудиятҳо, имкониятҳо ва таҳдидҳо, SWOT-таҳлили истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиии в. Хатлон анҷом дода шуд (Ҷадвали 2.18).

**Ҷадвали 2.18. - SWOT-таҳлили иқтидор ва дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар в. Хатлон**

| S-Ҷиҳатҳои пурқувват | W-Ҷиҳатҳои суст |
|---|---|
| - захираҳои ғании табиӣ (вилояти Хатлон дорои захираҳои ғании санг, хишт, гил, рег ва хок мебошад, ки истифодаи маҳаллӣ хароҷотро кам мекунад);<br>- дастраси осон ба захираҳои табиӣ (захираҳо дар наздикӣ ба минтақаҳои сохтмонӣ ҷойгир буда, хароҷоти интиқолро кам мекунанд);<br>- таъсиси ҷойҳои корӣ (истеҳсоли масолеҳи маҳаллӣ имкониятҳои нави корӣ ва рушди маҳаллиро фароҳам меорад).<br>- таъсири ками экологӣ (истифодаи масолеҳи табиӣ, агар дуруст ва бо эҳтиёт истифода шаванд, таъсири манфии экологиро коҳиш медиҳанд). | - технологияи сатҳи пойин (истеҳсолот бо истифода аз технологияи кӯҳна ва таҷҳизоти нодуруст метавонад ба сифати пасти масолеҳ ва ба муҳити зист зарар расонад);<br>- миқёси маҳдуд (миқёси истеҳсоли масолеҳи табиӣ маҳдуд буда, талаботи бозорро қонеъ намекунад);<br>- иқтидори сатҳи пойини истеҳсолӣ (иқтидори пасти истеҳсолӣ метавонад ба рушди устувори соҳа монеъ шавад;<br>- набудани омӯзиш (набудани барномаҳои омӯзишӣ барои коргарон ва мутахассисон метавонад ба сифати пасти маҳсулот ва хатоҳои истеҳсолӣ оварда расонад). |
| **О-Имкониятҳо** | **Т-Хавфу хатар** |
| - такмили инфрасохтор ва бунёди корхонаҳои истеҳсолии маҳаллӣ, ки метавонад ба афзоиши талабот ба масолеҳи сохтмонии табиӣ мусоидат намояд.<br>- ҷалби сармоягузорӣ (ҷалби сармоягузорӣ барои рушди технологияи муосир ва беҳтар кардани иқтидори истеҳсолӣ).<br>- ҳамкории байналмилалӣ (ҳамкории бо кишварҳои дигар барои мубодилаи таҷриба ва технологияҳо).<br>- таъсиси стандартҳо (таъсиси стандартҳои миллӣ барои масолеҳи сохтмонии табиӣ метавонад сифати маҳсулотро беҳтар кунад). | - рақобати баланд (рақобати баланд бо истеҳсолкунандагони масолеҳи сунъӣ метавонад ба бозори маҳаллӣ таъсири манфӣ расонад).<br>- иқтисоди номуайян (номуайяниҳои иқтисодӣ ва камбуди сармоягузорӣ метавонанд ба рушди соҳа монеъ шаванд).<br>- таъсири манфии экологӣ (истифодаи нодуруст ва беэҳтиётӣ метавонад ба муҳити зист зарар расонад).<br>- қонунгузории номукаммал (қонунгузории номукаммали миллӣ ва маҳаллӣ метавонад ба рушди соҳа монеъ шавад). |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили SWOT нишон дод, ки дар шароити имрӯза барои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон татбиқи стратегияи WT (бартарафсозии заъфҳо ва коҳиши хавфҳо) мувофиқ буда, дар он аҳаммияти махсус ба кам кардани таъсири омилҳои манфӣ дода мешавад. Ба андешаи мо, истифодаи самараноки захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ ба як қатор омилҳои асосӣ вобаста аст:

- ҷалби сармоя барои таҳқиқ, омӯзиш ва коркарди конҳои масолеҳи сохтмонӣ, ки то ҳол ошкор ва ё истифода нагрдидаанд;

- такмили роҳҳои истифодаи самараноки захираҳо бо такя ба рушди илм, ҷорӣ намудани инноватсия, технологияҳои каммасраф ва истеҳсоли бепартов;

- асоснок намудани интихоби маҳалли ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти ҳаҷми захираҳои тасдиқшудаи ашёи хом, давомнокии эҳтимолии истифодаи онҳо ва сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолию нақлиётии минтақа;

- гузаронидани таҳлили мунтазами талаботи бозор ба намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ, зеро мутобиқсозии ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот ба талаботи истеъмолӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ яке аз шартҳои асосии фаъолияти самараноки корхонаҳо мебошад;

- таъмини истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидори конҳои ашёи хом тавассути коркарди комплексии захираҳои мавҷуда, аз ҷумла истифодаи конҳои гаҷ барои истеҳсоли алебастр, гаҷ, семент ва маҳсулоти гаҷкартонӣ, бо назардошти тамоюли афзоиши талаботи бозор;

- тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмонӣ тавассути фароҳам овардани имтиёз ва шароити мусоид барои ворид намудани техникаю таҷҳизоти муосир ва рушди имкониятҳои содиротии маҳсулоти сохтмонии ватанӣ.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки вилояти Хатлон дорои имкониятҳои васеи ашёи хом барои рушди истеҳсоли намудҳои гуногуни масолеҳи сохтмонӣ мебошад. Мавҷудияти чунин захираҳо дар баробари шароити мусоиди иқтисодию истеҳсолӣ барои васеъ намудани иқтидори саноати масолеҳи сохтмонӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот заминаи мувофиқ фароҳам меорад. Рушди минбаъдаи ин соҳа метавонад ба коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва арзиши аслии маҳсулот, инчунин баланд бардоштани сифати масолеҳи сохтмонӣ ва самаранокии корҳои сохтмонӣ мусоидат намояд.

Дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи ашёи хом яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, муайян намудани роҳҳои самараноки истихроҷ, коркард ва истифодаи захираҳо барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рушди устувори соҳа аҳамияти хосса дорад (Расми 2.3).




**Расми 2.3. - Роҳҳои самаранок истифода бурдан масолеҳи сохтмонии табиӣ, афзалиятҳо ва натиҷаҳои амалии он дар вилояти Хатлон**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба назари мо, бо дарназардошти сатҳи нокифояи таҳқиқоти геологӣ ва хусусиятҳои мураккаби сохтори геологии вилояти Хатлон, эҳтимоли баланд барои ошкор гардидани захираҳои нави конҳои ғайримаъданӣ, ки барои соҳаи сохтмон аҳаммият доранд, мавҷуд аст. Ин захираҳо метавонанд қисми

зиёди ниёзҳои дохилии кишварро ба намудҳои гуногуни ашёи хоми маъданӣ қонеъ гардонад.

Аз нигоҳи таҳлилӣ, рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа пеш аз ҳама ба самаранокии истифодаи иқтидори ашёи хоми маҳаллӣ вобаста мебошад. Азхудкунии оқилонаи конҳои дорои захираҳои масолеҳи сохтмонӣ ва истифодаи комплексии захираҳои табиӣ метавонад барои васеъ намудани заминаи истеҳсолии соҳа мусоидат намояд. Ҳамзамон, фароҳам овардани имтиёзҳои иқтисодӣ ва татбиқи чораҳои дастгирии мақсадноки истеҳсолкунандагони ватанӣ барои таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва рушди устувори соҳа аҳамияти муҳим дорад. Дар натиҷаи татбиқи чунин чораҳо, вилояти Хатлон имкони табдил ёфтан ба яке аз марказҳои муҳимми саноатии кишварро пайдо мекунад. Дар умум, истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон захира ва имкониятҳои назарраси иқтисодию экологиро доро мебошад. Фаровонии ашёи хоми табиӣ, аз ҷумла санг, гил, рег, хок ва маводди хиштӣ шароит фароҳам меорад, ки истеҳсолот бо хароҷоти нисбатан кам ва бо такя ба захираҳои маҳаллӣ иҷро карда шавад. Раванди мазкур дар баробари рушди иқтисоди маҳаллӣ, инчунин ба коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист мусоидат менамояд.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНИИ РАҚОБАТПАЗИР БО ИСТИФОДАИ АШЁИ МАҲАЛЛӢ

## 3.1. Ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ

Таҷрибаи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити рақобати шадиди бозорӣ бартарӣ ба корхонае дода мешавад, ки фаъолияти худро дар асоси инноватсия (навовариҳо) ба роҳ монада, таҳия ва ҷорӣ кардани маҳсулот, корҳо ва хизматрасониҳои навро ҳамчун ҳадафи стратегии худ қарор медиҳанд. Барои корхонаҳои масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати амалӣ пеш омадааст, ки дар фаъолияти худ аз дастовардҳои инноватсионӣ бештару бештар истифода намоянд. Бо ин роҳ корхонаҳои ватанӣ барои таъмин кардани талаботи бозори дохилӣ бо масолеҳои сохтмонии инноватсионӣ саҳм гузошта метавонанд. Ворид намудани инноватсияҳо аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ ҳамчун ягона роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, нигоҳ доштани суръати баланди рушд ва сатҳи даромаднокӣ арзёбӣ мегардад. Ҳатто корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ барои паси сар намудани мушкилоти иқтисодӣ бо такя ба иқтидори дохилии худ ва рушди самтҳои инноватсионӣ мароқ зоҳир мекунанд. Онҳо усулҳои муосири идоракунии истеҳсолот, технологияҳои пешрафтаи сохтмон, масолеҳ ва конструксияҳои нав, инчунин мошину таҷҳизоти замонавиро дар раванди фаъолияти худ фаъолона ҷорӣ ва истифода менамоянд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ ташаккул ва татбиқи стратегияи инноватсионӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими такмили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмонӣ, арзёбӣ мегардад. Моҳияти чунин стратегия дар истифодаи мақсадноки имкониятҳои инноватсионӣ ва технологӣ ифода ёфта, ба навсозии равандҳои истеҳсолӣ ва беҳтар намудани натиҷаҳои фаъолияти корхона равона карда мешавад. Татбиқи самараноки стратегияи инноватсионӣ метавонад иқтидори

истеҳсолии корхонаро афзоиш дода, мавқеи онро дар бозор устувор ва сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолиро баланд намояд. Дар баробари ин, рушди корхонаи сохтмонӣ на танҳо як ҷараёни инноватсионӣ, балки инкишофи низоми омилҳо ва шароити зарурӣ барои амалӣ намудани он низ ба ҳисоб меравад. Яке аз муҳимтарини ин омилҳо муҳити дохилӣ, яъне иқтидори инноватсионии корхона аст.

Таҳлили илмӣ ва асосноккунии методии ташаккули стратегияи инноватсионии корхонаи сохтмонӣ дар асоси таҳлили иқтидори инноватсионии он анҷом мешавад, ки мо дар фаслҳои гузаштаи диссертатсия ба ин масъала диққати махсус равона намудаем.

Дар шароити муосир соҳаи сохтмон ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми иқтисоди миллӣ баромад карда, ба таъмини рушди устувори дигар соҳаҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Дар шароити муосир талабот ба масолеҳи сохтмонии табиӣ пайваста рӯ ба афзоиш аст, зеро он на танҳо барои рушди инфрасохтор ва бунёди манзил, балки барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги саноатӣ ва иҷтимоӣ нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани сифати масолеҳи сохтмонӣ, кам кардани арзиши онҳо, таъмини устувории истеҳсол ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи иқтисоди миллӣ аст.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки рақобатпазирии истеҳсолот дар ҳолате муайян мешавад, ки то чӣ андоза соҳа ба истифодаи технологияҳои нав, татбиқи масолеҳи такмилёфта ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ қодир аст. Маҳз инноватсия омили асосии пешрафти соҳа ба ҳисоб меравад.

Дар шароити иқтисодии Тоҷикистон низ рушди соҳаи сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравад. Корхонаҳои дохилӣ дар баробари мушкилоти иқтисодӣ ва рақобати шадид бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ маҷбуранд роҳҳои нави рушди худро ҷустуҷӯ кунанд. Ҳалли ин мушкилот танҳо бо такя ба равандҳои инноватсионӣ, аз қабили ҷорӣ намудани масолеҳи аз ҷиҳати энергетикӣ самаранок, истифодаи

технологияи «сохтмони сабз», коркарди дубораи масолеҳи истифодашуда ва рақамисозии равандҳои истеҳсолӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, таҳияи стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз як тараф, он имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян карда шаванд ва захираҳои мавҷуда ба таври самаранок истифода гарданд. Аз ҷониби дигар, он ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки мавқеи худро дар бозори дохилӣ таҳким бахшида, ба бозори хориҷӣ роҳ ёбанд.

Ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди корхона раванди мураккаби идоракунӣ буда, маҷмуи чораҳои ба ҳам алоқаманди ташкилӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Амалигардонии чунин стратегия барои мутобиқ намудани фаъолияти корхона ба тағйироти муҳити иқтисодӣ ва бозорӣ, инчунин барои истифодаи самараноки имкониятҳои дохилии он равона карда мешавад. Дар умум, бояд ҳаминро қайд намуд, ки стратегияи дуруст таҳияшуда метавонад барои нигоҳ доштани рақобатпазирии устувор ва таъмини рушди дарозмуддати корхона заминаи мусоид фароҳам оварад.

Стратегияҳо дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд, аз ҷумла:

- яке аз натиҷаҳои муҳимми стратегия муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушд аст, ки дар давраи дарозмуддат ба таъмини тағйироти устувору мусбат мусоидат намуда, асоси рушди минбаъда ва мутобиқшавии ташкилотро фароҳам меорад;
- стратегия дар шароити номуайянӣ таҳия гардида, ба пешбиниҳои дарозмуддат ва тағйироти муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва технологӣ такя мекунад. Аз ин рӯ, он бояд чандир ва ба шароити нав мутобиқшаванда бошад.
- банақшагирии дарозмуддат ва таъсири омилҳои беруна зарурати мониторинги доимӣ ва бозгашти саривақтии иттилоотро ба миён меорад. Чунин раванд имконият фароҳам меорад, ки корхона ба тағйироти муҳити атроф сари вақт вокуниш нишон дода, қарорҳои стратегиро мунтазам такмил диҳад.

Хусусиятҳои асосии стратегияи инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, махсусан дар соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз маҷмуи ҳадафҳо, захираҳо, ҷонибҳои манфиатдор, инчунин шарту омилҳои таъсиррасон иборат мебошанд, ки онҳо дар расми 3.1 инъикос ёфтаанд.




**Расми 3.1. - Модели рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити мавҷуда зарурати андешидани чораҳо барои коҳиш додани таҳассуси технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳо возеҳ мешавад. Дар ҳамин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи худро таҳия кардааст, ки ба модернизатсия ва

диверсификатсияи соҳаи истеҳсолот равона гардида, ба суръат бахшидани рушди саноат тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ диққати махсус равона мешавад.

Дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025, ки дар асоси муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст, вазифа гузошта шудааст, ки иқтисоди миллӣ ба роҳи рушди инноватсионӣ гузарад. Дар доираи ин барнома сохтмони корхонаҳои баландтехнологӣ, ки ба беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ мусоидат хоҳанд кард, пешниҳод шудааст. Яке аз самтҳои муҳимми рушди саноат ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ вобаста мебошад, ки бояд бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмониро фаро гиранд. Амалисозии чунин лоиҳаҳо барои навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, таҷдиди техникии корхонаҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар натиҷа, рушди инноватсионӣ ва модернизатсияи истеҳсолот метавонанд ба баланд гардидани самаранокии иқтисодӣ, таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва устувории мавқеи кишвар дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат намоянд.

Ҷузъи дигари амалигардонии механизми инноватсионӣ дар бахши истеҳсоли масолеҳи инноватсионӣ – омилҳо ба шумор меравaнд, ки онҳо ба интихоби қарорҳои стратегӣ таъсир расонида, ҷараёни ҷорӣ намудани навовариҳо ва такмили пойгоҳи технологиро вусъат медиҳанд. Ба ин омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инноватсионӣ ва ҳуқуқӣ шомил мебошанд, ки самт ва хусусияти тағйиротро дар соҳаи мазкур аниқ мекунанд.

Дар шароити густариши ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ, рушди инноватсионии саноат ба яке аз шартҳои муҳими пешрафти иқтисодӣ табдил меёбад. Таъмини сатҳи баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ талаб менамояд, ки давлат ва субъектҳои иқтисодӣ дар таҳия ва татбиқи самтҳои стратегии рушди инноватсионии соҳаи саноат

иштироки фаъол дошта бошанд. Аз ин рӯ, ташаккули сиёсати мақсадноки инноватсионӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои технологӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ аҳамияти хосса дорад. Маҳз ҳамин соҳа нақши калидиро дар муайян кардани ихтисоси кишвар дар доираи тақсими ҷаҳонии меҳнат мебозад. Ҳал кардани ин вазифаҳо шарти ҷудонашавандаи рушди устувори кишвар мебошад. Ҳамзамон, масъалаҳои гузариш ба роҳи инноватсионии рушди иқтисод ҳоло баҳсҳои фаъолро ба вуҷуд меоранд ва таҳлили амиқ ва омӯзиши дақиқро талаб мекунанд.

Таҳияи ҳар як стратегияи инноватсионӣ аз марҳилаҳо ва зинаҳои ташаккул иборат аст. Барои дар сатҳи зарурӣ ва ҳадафмандона таҳия намудани стратегияи рушди соҳа мо бояд ба марҳилаҳо ва зианаҳои асосии коркарди он диққати асосӣ равона намоем (Расми 3.2).




**Расми 3.2. - Давраҳо ва зинаҳои ташаккули стратегияи рушди инноватсионии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Яке аз давраҳои муҳим ва муқаддамотӣ давраи таҳлилӣ ё омодагӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра таҳлили муҳити дохилӣ ва берунаи корхона дар мадди аввал анҷом дода мешавад. Барои таҳия ва татбиқи стратегияи

инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ муҳим аст, ки муҳити дохилӣ ва берунии корхонаҳо ба таври комил таҳлил карда шавад. Муҳити фаъолияти корхона аз маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва берунӣ иборат буда, ҳар яке аз онҳо ба самаранокии идоракунӣ ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ таъсир мерасонад. Омӯзиш ва арзёбии ин омилҳо барои муайян намудани имкониятҳо, маҳдудиятҳо ва шароити зарурии татбиқи стратегияи рушди корхона аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани таъсири муҳити дохилӣ ва берунӣ ҳангоми таҳияи стратегияи инноватсионӣ метавонад барои таъмини рушди устувори корхона ва таҳкими мавқеи он дар соҳа мусоидат намояд.

Муҳити дохилӣ он шароит ва омилҳое ҳастанд, ки аз худи фаъолияти дохилии корхона вобаста мебошанд, ки идорашаванда ва доимо зери назорат қарор доранд. Муҳити дохилӣ ба таври мустақим самаранокии стратегияи рушди инноватсионии корхонаро муайян мекунад. Ба омилҳои асосии муҳити дохилӣ, пеш аз ҳама, қобилияти истеҳсолӣ ва технологияҳо шомил мебошанд. Қобилияти истеҳсолии корхонаҳо тавассути технологияи истеҳсолӣ ва таҷҳизоти мавҷуда муайян мегардад. Агар кадрҳо ихтисос дошта бошанд, ин раванд осон ва самаранок мегузарад, дар акси ҳол, мушкилот ва таъхир ба амал меояд. Сифати идоракунӣ, равандҳои назорат ва мониторинг муҳити дохилиро муайян мекунанд. Системаи муосири идоракунӣ имкон медиҳад, ки татбиқи стратегия ва натиҷаҳои он ба таври самаранок назорат шаванд. Дастрасӣ ба маводди хоми маҳаллӣ ва захираҳои истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳимми дохилӣ мебошад. Таъмини маводи зарурӣ ва идоракунии самараноки захираҳо барои татбиқи стратегия муҳим аст.

Муҳити берунии корхона омилҳое мебошад, ки берун аз назорати мустақими корхона қарор доранд, вале ба стратегия таъсири мустақим мерасонанд. Устувории вазъи иқтисодӣ, талабот ба масолеҳи сохтмонӣ ва рақобати бозор муҳити беруниро муайян мекунанд. Истифодаи технологияҳои нави байналмилалӣ, ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ имконият медиҳад, ки маҳсулот ва равандҳои истеҳсолӣ инноватсионӣ

гарданд. Муҳити берунии технологӣ барои ворид намудани навовариҳо хеле муҳим аст. Талаботи иҷтимоӣ ва экологӣ, талаботи истеъмолкунандагон ва меъёрҳои стандартии байналмилалӣ ба муҳити берунӣ таъсир мегузоранд. Ҷорӣ намудани истеҳсолоти экологӣ ва каммасраф боиси баланд бардоштани обрӯ ва эътимоди корхона мегардад.

Муҳити дохилӣ барои самаранокии истеҳсолот, кадрҳо ва идоракунӣ замина мегузорад, дар ҳоле ки муҳити берунӣ имкониятҳо ва таҳдидҳо, талабот ба бозор ва технологияҳо, инчунин меъёрҳои иҷтимоӣ ва экологиро муайян мекунад. Давраи дигари ташаккули стртаегияи инноватсионӣ муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои рушди инноватсионӣ, инчунин пайваст кардани ҳадафҳо бо сиёсати давлатӣ ва талаботи бозор ба шумор меравад.

Мақсади асосии давраи якуми ташаккули стратегияи инноватсионӣ муайян намудани имкониятҳо ва мушкилоти рушди инноватсионӣ дар шароити минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ин қисмат бояд ба масъалаҳои таҳлили вазъи кунунии корхона (иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ, кадрӣ), омӯзиши бозори масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои ҳамҷавор, арзёбии рақобатпазирӣ ва сатҳи талаботи маҳсулот, муайян кардани захираҳои табиӣ, мавод ва имкониятҳои логистикӣ, таҳлили муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатии дастгирии инноватсия диққат дода шавад.

Муайян кардани самтҳои асосии рушди инноватсионӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ мақсади асосии давраи дуюми ташаккули стратегияи инноватсионӣ мебошад. Дар марҳилаи дуюми таҳияи стратегияи инноватсионӣ пеш аз ҳама муайян намудани ҳадафҳои мушаххаси рушди корхона, аз ҷумла баланд бардоштани сифати масолеҳи истеҳсолшаванда, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва васеъ намудани истифодаи маводи экологӣ бехатар, зарур мебошад. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ бояд бо дарназардошти имкониятҳои корхона интихоб карда шаванд, ки истифодаи технологияҳои каммасрафи энергетикӣ, истеҳсоли маҳсулоти дорои хусусиятҳои баланди экологӣ, рақамикунонии

равандҳои истеҳсолӣ ва такмили низоми идоракунӣ ва назоратро дар бар мегиранд. Барои арзёбии натиҷаҳои татбиқи стратегия инчунин зарур аст, ки маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ муайян гардида, тавассути онҳо дараҷаи иҷрои ҳадафҳои пешбинишуда мунтазам назорат карда шавад.

Яке аз марҳилҳои муҳим татбиқи амалии стратегияи рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он ворид намудани навовариҳо ва технологияҳои муосир ба истеҳсолот аст. Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар ин марҳила корҳои зерин, аз қабили таҷдиди таҷҳизоти истеҳсолӣ ва ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи маводди хом ва энергия бо самаранокии баланд, омӯзиши кадрҳо дар самти истифодаи технологияҳои нав, рушди ҳамкориҳо бо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва ширкатҳои инноватсионӣ, ташкили маркази дохилии инноватсия дар корхона бояд анҷом дода шавад. Назорат ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ ҳадафи марҳилаи мониторинг ва арзёбӣ ба ҳисоб меравад. Дарави мазкури стратегия бояд бештар ба назорати мунтазам аз рӯйи иҷрои барномаҳои инноватсионӣ, арзёбии натиҷаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, таҳияи ҳисоботи даврӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои ислоҳ равона гардад.

Дар раванди амалишавии стратегияи рушди инноватсионии корхона яке аз марҳилаҳо  устуворсозӣ ва такмил буда, ҳадафи асосии ин давра аз он иборат аст, ки таъмини рушди устувор ва ташаккули фаъолияти инноватсиониро амалӣ намояд. Барои ноил шудан ба мақсади мазкур дар ин давра корҳои зеринро, ба мисли таҳкими мавқеи корхона дар бозори масолеҳи сохтмонӣ, вусъат додани иқтидори истеҳсолӣ ва содиротӣ, ташкили шабакаи ҳамкорӣ бо дигар корхонаҳои соҳа, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар истеҳсолот, баланд бардоштани саҳми корхона дар рушди иқтисодии вилояти Хатлон бояд иҷро намуд.

Таҳияи стратегияи рушди инноватсионии корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ метавонад дар асоси якчанд равишҳои назариявию методологӣ амалӣ карда шавад, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои муайяни фаъолияти корхонаро инъикос менамоянд. Бо дарназардошти

шароити иқтисодӣ ва хусусиятҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи равиши функсионалӣ-дифференсиатсияшуда метавонад натиҷаи бештар самаранок диҳад, зеро он имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва самтҳои рушди инноватсионӣ вобаста ба имкониятҳои ҳар як корхона муайян карда шаванд. Татбиқи чунин равиш барои мутобиқ намудани стратегияи инноватсионӣ ба иқтидори воқеии корхона ва истифодаи мақсадноки захираҳои моддӣ, молиявӣ, технологӣ ва инсонӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳар як марҳила барои ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди корхона замина гузошта, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии он мусоидат менамояд.

Ҳадафҳои стратегияи инноватсионӣ нишондиҳандаи ниҳоии раванд мебошанд ва ба рушди устувори истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таъсири мусбат ба ҷомеа равона шудаанд. Ба ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон баланд бардоштани самаранокӣ ва иқтидори истеҳсолӣ, рушди маҳсулоти нав ва технологияи инноватсионӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва тавсеаи бозор шомил мебошанд.

Дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафҳои асосӣ ва муҳимми стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро мавриди омӯзиш қарор додан ба мақсад мувофиқ мебошад. Барои омӯзиш ва муайян намудани ҳадафҳои стратегии иноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мо сараввал мехоҳем ҳадафҳо, вазифаҳо ва дигар ҷузҳои стратегияи инноватсиониро дар мисоли вилояти Хатлон пешниҳод намоем (Расми 3.3).




**Расми 3.3. - Ҷузъҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳадафҳои стратегияи инноватсионӣ бояд ба амал табдил ёбанд, то натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд. Пеш аз ҳама, назорат ва мониторинги доимии иҷрои стратегия, пешбурди истеҳсолоти экологӣ ва каммасраф, афзоиши саҳми бозор ва рушди содиротӣ ва барқарор кардани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ ва рушди соҳа дохил мешаванд.

Татбиқи стратегияи инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои рушди устувор ва афзоиши рақобатпазирии соҳа аҳаммияти асосӣ дорад. Ин раванд на танҳо

самаранокии истеҳсолотро баланд мебардорад, балки ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Вазифаҳо ба ҳадафҳо равона мешаванд ва равандҳои мушаххасро нишон медиҳанд, ки барои расидан ба мақсадҳо бояд анҷом дода шаванд. Шароит муҳити татбиқи стратегияро муайян мекунанд ва омилҳои муҳимро, ки барои самаранокии раванд заруранд, дар бар мегиранд. Талаботҳо нишон медиҳанд, ки барои татбиқи стратегия кадом захираҳо ва омилҳо заруранд. Шахсони манфиатдор гурӯҳҳое мебошанд, ки ба татбиқи стратегия таъсир доранд ё аз натиҷаҳои он манфиат мебинанд.

Аввалан, яке аз ҳадафҳои асосӣ баланд бардоштани самаранокӣ ва истеҳсолот мебошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, автоматӣ намудани раванди истеҳсолот имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ кам шуда, сифати маҳсулот беҳтар гардад. Иқтидори истеҳсолии корхонаҳо дар вилояти Хатлон меафзояд ва онҳо метавонанд талаботи бозорҳои маҳаллӣ ва минтақавиро пурра қонеъ гардонанд. Самараноксозии равандҳои истеҳсолӣ ба истифодаи мақсадноки захираҳои маҳаллӣ ва маҳдуд намудани таъсири манфии партовҳо ба муҳити зист мусоидат мекунад.

Дуюм, татбиқи стратегия боиси рушди маҳсулоти нав ва инноватсионӣ мегардад. Корхонаҳо метавонанд масолеҳи дорои хусусиятҳои беҳтаршуда, аз ҷумла устуворӣ ба иқлимҳои гуногун, экологӣ ва сарфакориро истеҳсол кунанд. Афзоиши гуногунии маҳсулот имкон медиҳад, ки талаботи истеъмолкунандагон қонеъ гардад ва корхонаҳо тавонанд ба бозорҳои нав ворид шаванд. Истифодаи маводди хоми маҳаллӣ ва ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ боиси паст кардани хароҷот ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мегардад.

Сеюм, яке аз натиҷаҳои муҳим такмили иқтидори кадрӣ ва низоми идоракунӣ мебошад. Омӯзиши кормандон ва баланд бардоштани малакаҳои онҳо барои татбиқи технологияҳои нави истеҳсолӣ ва инноватсионӣ заминаи муҳимми рушди устуворро фароҳам меорад. Такмили низоми идоракунӣ ва мониторинг ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки иҷрои стратегия ва

самаранокии равандҳоро доимӣ назорат кунанд. Илова бар ин, ташаккули муҳити инноватсионӣ дар корхонаҳо фарҳанги навовариро густариш медиҳад.

Чаҳорум, татбиқи стратегия боиси афзоиши иқтидори содиротӣ ва тавсеаи бозор мегардад. Корхонаҳои вилояти Хатлон метавонанд маҳсулоти худро на танҳо ба бозори дохилӣ, балки дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пешниҳод кунанд. Баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва воридшавӣ ба бозорҳои нав имкон медиҳад, ки саҳми корхонаҳо дар иқтисоди маҳаллӣ ва минтақа афзоиш ёбад.

Панҷум, натиҷаи муҳим риояи стандартҳои экологӣ ва устувор мебошад. Кам кардани таъсир ба муҳити зист ва риояи талаботи экологӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳо ба рушди устувори минтақа ва ҷомеа аҳаммият медиҳанд.

Шашум, татбиқи стратегия боиси афзоиши ҳамкорӣ ва иқтидори илмӣ мегардад. Ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва ширкатҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки таҳқиқот ва лоиҳаҳои илмӣ дар рушди маҳсулоти нав ва технологияҳои истеҳсолӣ истифода шаванд. Ин марҳила барои корхонаҳои вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки ҳамеша пешсафи инноватсия дар соҳа бошанд ва иқтидори илмӣ ва техникӣ афзоиш ёбад.

Ҳадафҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо марҳилаҳо ва шарҳи мухтасар дар расми 3.4 оварда шудааст.

**Марҳилаҳо ва ҳадафҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

| Марҳила ё самт | Ҳадафҳо | Шарҳи мухтасар |
|---|---|---|
| 1. Баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ | - афзоиши самаранокӣ;<br>- кам кардани хароҷот;<br>- баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ | Истифодаи технологияҳои муосир ва автоматизатсия барои беҳтар кардани истеҳсолот ва рақобатпазирӣ дар бозор |
| 2. Инноватсия дар маҳсулот | - рушди маҳсулоти нав<br>- маҳсулоти экологӣ ва каммасраф;<br>- ҷавобгӯ ба талаботи бозор. | Ҷорӣ намудани техноло-гияҳои нави истеҳсолӣ ва истеҳсоли масолеҳи дорои хусусиятҳои беҳтаршуда |
| 3. Такмили иқтидори кадрӣ ва идоракунӣ | - омӯзиши кормандон;<br>- баланд бардоштани малакаи идоракунӣ;<br>- ташаккули муҳити инноватсионӣ. | Таъмини кадрҳои соҳибихтисос ва рушди малакаҳо барои ворид намудани технологияҳои нав |
| 4. Баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва рушди бозор | - рушди иқтидори содиротӣ;<br>- азхуд намудани сегментҳои нави бозорӣ;<br>- устувор намудани ҷойгоҳи корхона дар муҳити рақобат. | Пешбурди маҳсулоти рақобатпазир ва мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ |
| 5. Риояи стандартҳои экологӣ ва устувор | - истеҳсоли маҳсулоти экологӣ ва каммасраф<br>- риояи меъёрҳои экологӣ<br>- коҳиши таъсир ба муҳити зист | Ҷорӣ намудани стандартҳои экологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бароҳат барои муҳити зист |
| 6. Рушди ҳамкориҳо ва таҳқиқот | - таҳкими ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ;<br>- татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти нав;<br>- баланд бардоштани иқтидори инноватсионӣ. | Таъмини рушди илмӣ ва ворид намудани технологияҳои пешрафта |
| 7. Баланд бардоштани эътимод ва обрӯ дар бозор | - таъмини устувори сифати маҳсулот;<br>- қаноатмандии истеъмолкунандагон; | Баланд бардоштани эътимоди истеъмолкунандагон ба маҳсулоти корхона |
| 8. Рушди рақамигардонӣ ва рақобатпазирии иттилоотӣ | - ҷорӣ намудани системаҳои рақамӣ;<br>- мониторинг ва назорати равандҳо. | Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои идоракунӣ ва назорат |
| 9. Мусоидат ба рушди минтақавӣ ва иҷтимоӣ | - афзоиши таъсир ба иқтисоди маҳаллӣ;<br>- эҷоди ҷойҳои корӣ. | Рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии маҳаллӣ бо таъсири мусбат ба ҷомеа |
| 10. Баланд бардоштани самаранокии энергия ва кам кардани партов | - сарфакорӣ ва каммасрафи энергия;<br>- кам кардани партов ва захираҳои истифодашуда. | Ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва оптимизатсия барои рушди устувор |

**Расми 3.4. - Марҳилаҳо ва ҳадафҳои стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, татбиқи стратегияи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон таъсири мусбат ба иқтисод ва ҷомеа низ дорад. Татбиқи ин стратегия на танҳо равандҳои истеҳсолӣ ва сифати маҳсулотро беҳтар мекунад, балки ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар вилояти Хатлон низ таъсири мусбат мерасонад. Ин раванд ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки ба пешсафони соҳа табдил ёбанд ва рақобатпазирӣ ва устувории фаъолияти худро дар дарозмуддат таъмин намоянд.

Ҳар як стратегия дар амали хоҷагидорӣ дорои афзалият ва нуқсҳо мебошад, ки ҷиҳати роҳандозии он мушкилот ва хавфҳоро ба вуҷуд меоранд. Вобаста ба ин дар расми 3.5 SWOT таҳлили ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод шудааст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Афзалиятҳо(S)** | - дастрасӣ ба технологияҳои нав ва таҷҳизоти муосир;<br>- афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва самаранокии равандҳо;<br>- омӯзиши кормандон ва баланд бардоштани малакаҳои кадрӣ;<br>- имконият барои истеҳсоли маҳсулоти экологӣ ва каммасраф;<br>- баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва мавқеи корхонаҳо дар бозори маҳаллӣ ва минтақавӣ. | - хароҷоти ибтидоии баланд барои ҷорӣ кардани технологияҳои нав;<br>- нишондиҳандаҳои номувозинатӣ ё душвориҳои татбиқи инноватсия;<br>- қобилияти маҳдуд ва камбуди кадрҳои ихтисосманд;<br>- равандҳои мураккаб ва идоракунии душвор;<br>- талаботи баланди мониторинг ва назорат барои татбиқи стратегия. | **Нуқсонҳо (W)** |
| **Имкониятҳо (O)** | - афзоиши талабот ба масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои ҳамҷавор;<br>- имконият барои воридшавӣ ба бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ;<br>- ҳамкориҳо бо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва ширкатҳои инноватсионӣ;<br>- ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди технологияҳо;<br>- пешбурди сиёсати экологӣ ва талаботи устувории маҳсулот. | - хавфи номуваффақият дар татбиқи маҳсулоти нав ва технологияҳои нав;<br>- тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ ё қонунгузорӣ, ки метавонад таъсир расонад;<br>- рақобати шадид дар бозор аз ҷониби корхонаҳои дигар;<br>- таъсири тағйирёбии нархи маводди хом ва захираҳои маҳаллӣ;<br>- хавфи кам шудани эътимод ва талабот аз ҷониби истеъмолкунандагон. | **Таҳдидҳо (T)** |

**Расми 3.5. - SWOT таҳлили ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити вилояти Хатлон ҷиҳати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла масолеҳи сохтмонии табиӣ имкониятҳо хеле зиёд мебошанд. Новобаста аз ин, бо анҷом додани SWOT - таҳлил ҳадафҳои стратегияи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон равшан гардида, афзалиятҳои дохилӣ ва имкониятҳои берунӣ истифода мегарданд, дар ҳоле ки нуқсҳо ва таҳдидҳо тавассути идоракунӣ ва стратегияҳои ҷубронӣ пешгирӣ карда мешаванд.

Дар замони муосир, ки ҷаҳони иқтисодӣ бо суръати баланд рушд мекунад, инноватсия ба яке аз шартҳои асосии пешрафти ҳар як соҳа табдил ёфтааст. Хусусан, барои кишварҳое, ки дар роҳи саноатикунонӣ қарор доранд, мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи стратегияи инноватсионӣ дар истеҳсолот аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ аз ин раванд истисно набуда, ба сифати яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ нақши калидӣ мебозад.

Инноватсия, ба маънои васеъ, на танҳо ҷорӣ намудани навгониҳои техникӣ, балки тағйир додани тафаккури идоракунӣ, фарҳанги истеҳсол ва муносибати нав ба бозор мебошад. Барои соҳаи сохтмон маънои ҷорӣ намудани «технологияҳои сабз», истифодаи маводди каммасраф, афзудани устувории экологӣ ва рақамисозии равандҳои истеҳсолиро дорад. Ҳар як корхона бояд дарк намояд, ки инноватсия сармоягузорӣ ба оянда аст ва боиси устуворӣ ва рушди дарозмуддат мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар вилояти Хатлон, шароити мусоид барои татбиқи чунин стратегия вуҷуд дорад. Захираҳои табиӣ, маводди хоми маҳаллӣ ва неруи инсонӣ имконият медиҳанд, ки истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо такя ба манбаъҳои дохилӣ ва бо сифати баланд ба роҳ монда шавад.

Стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ як раванди мураккаб, вале зарурист. Он таҳлили муҳити дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад, ҳадафҳои стратегиро муайян мекунад ва роҳҳои амалӣ кардани онҳоро нишон медиҳад. Ин стратегия танҳо дар сурате татбиқ мешавад, ки ҳамкорӣ байни давлат, соҳибкорон, муассисаҳои илмӣ ва сармоягузорон

самаранок ба роҳ монда шавад. Давлат бояд шароити мусоид барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва дастгирии молиявии лоиҳаҳои инноватсиониро фароҳам оварад. Корхонаҳо, дар навбати худ, бояд бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ ҳамкорӣ кунанд, то маҳсулоти нав ва рақобатпазир ба вуҷуд оварда шавад.

Ҳамин тавр, стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои Тоҷикистон на танҳо як барномаи иқтисодӣ, балки як роҳи нав ба сӯйи рушди устувор аст. Ин раванд имкон медиҳад, ки соҳаи сохтмон аз як бахши анъанавӣ ба як муҳаррики инноватсионии иқтисод табдил ёбад. Танҳо тавассути инноватсия, идоракунии оқилона ва ҳамкории судманд метавон ба ҳадафи асосӣ - рушди устувор, рақобатпазирӣ ва некуаҳволии ҷомеа ноил гардид.

## 3.2. Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодӣ, ки ба раванди саноатикунонии босуръат такя мекунад, масъалаи ташаккулу татбиқи механизми рушди инноватсионии истеҳсолот аҳаммияти калидӣ пайдо менамояд. Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳимми саноат ба шумор рафта, барои ташаккули заминаи моддиву техникӣ ва рушди зерсохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти калон дорад. Ин соҳа ба ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва истифодаи технологияҳои муосири пешрафта ниёз дорад. Дар чунин шароит муҳайё намудани механизми мукаммали рушди инноватсионӣ яке аз асоситарин омил ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон бо ин, механизми рушди инноватсионӣ ҳамгироии илм, истеҳсолот ва бозорро таъмин карда, барои навсозии технологӣ, дигаргунсозии маҳсулот ва баландбардоштани арзиши иловашуда замина мегузорад. Корхонаҳои истеҳсолии масолеҳи сохтмонӣ маҳз тавассути амалигардонии чунин механизм имкон пайдо мекунанд, ки фаъолияти худро

ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонда, мавқеашонро дар бозори дохилию хориҷӣ мустаҳкам намоянд.

Раванди бунёди иншооти истеҳсолӣ, манзилҳои истиқоматӣ ва такмили зерсохтори иҷтимоӣ истифодаи васеи инноватсия, технологияҳои муосир ва масолеҳи дорои сифати баландро тақозо мекунад. Дар ин маврид агар истеҳсоли масолеҳ ба усулҳои анъанавӣ роҳандозӣ шавад, на танҳо самаранокии иқтисодӣ паст мешавад, балки ба маҳдуд гардидани рақобатпазирӣ низ боис мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, гузариш аз модели анъанавӣ ба модели рушди инноватсионии истеҳсолот ҳамчун омили асосии пешрафти устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ на танҳо ҳамчун воситаи такмили равандҳои технологӣ, балки ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар шароити саноатикунонии босуръат баромад мекунад.

Ҳамин аст, соли 2018 Президенти кишвар дар Паёми худ қайд намуданд, ки: «... бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад» [3, с. 6].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади амалигардонии сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила стратегия ва барномаҳои соҳавӣ қабул гардидаанд. Яке аз онҳо Барномаи саноатикунонии босуръат барои давраи солҳои 2020 то 2025 ба ҳисоб меравад, ки санаи 27.05.2020, таҳти №293 ба тасвиб расидааст. Мақсади асосии барномаи мазкур: «таъмин кардани рушди устувор ва босуръати саноат тавассути диверсификатсияи он ва баланд бардоштани рақобат мебошад» [13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ фаъолияти истеҳсолии худро вобаста ба стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии қабулшуда амалӣ

намуда, тавассути пайгирона татбиқ намудани онҳо давра ба давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар миқёси кишвар зиёд карда истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2023 чунин таъкид намуданд, ки: «... бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем. Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст» [4, с. 12]. Илова бар гуфтаҳои боло, дар Паёми хеш соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунанд: «... бо даразардошти амалисозии ҳадаафҳои пешбинигардида, то охири соли 2025-ум лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд. Дар ҳуҷҷати мазкур ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад» [5, с. 6].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар консепсияву стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои рушд бештар ба иқтисоди ба донишу навоварӣ, технологияи инноатсионии муосир, алоқамандии илму истеҳсолот, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва тақвият додани онҳо, аз ҳама муҳим ба фаъолияти инноватсионӣ диққати махсус равона кардааст. Ба андешаи мо, чунин сиёсати давлатӣ ба таҳкими заминаи технологӣ, иқтисодӣ ва илмии кишвар мусоидат намуда, шароити рушди устуворро фароҳам месозад.

Дар барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 чунин қайд шудааст: «мақсади асосии татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба ташаккули саноати миллии муосир, рақобатпазир ва дорои иқтидори баланд равона гардида, дар натиҷа ба баланд бардоштани сатҳи иқтисоди миллӣ ва

беҳбудии зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар доираи ин ҳадаф коҳиши вобастагии иқтисодиёт аз воридоти маҳсулоти гуногун, таъмини соҳаҳои воқеии иқтисод бо техника ва технологияҳои пешрафта, густариши иқтидори содиротӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти ватанӣ пешбинӣ мегардад» [12, с. 45]. Ҳамзамон, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст, ки ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръат бояд бо суръати баланд амалӣ гардида, ба натиҷаҳои инноватсионӣ ва пешрафти технологӣ ноил шавад.

Низомова Т.Д. - иқтисоддони тоҷик дар ин маврид чунин зикр мекунад: «Саноатикунонӣ нақши асосиро дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисодиёт, беҳтар гардонидани дараҷаи некуаҳволии моддию сифатии аҳолӣ, тараққии соҳаҳои ғайрисаноатӣ, таъмини бехатарӣ ва суботи иқтисодиёт, инчунин, барои афзунгардонии суръати тараққиёти иқтисод эҷоди шароит фароҳам меоварад» [111, с. 135]. Бо вуҷуди натиҷаҳои бадастомада, дар раванди саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ ҳанӯз ҳам як қатор маҳдудиятҳо ва мушкилоти соҳавӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, сатҳи рақобатпазирии баъзе намудҳои маҳсулоти саноатӣ ва дараҷаи гуногунсамтии истеҳсолот ҳанӯз ба талаботи бозори муосир пурра ҷавобгӯ набуда, норасоии маблағгузорӣ дар саноати масолеҳи сохтмонӣ имкониятҳои навсозии иқтидорҳои истеҳсолиро маҳдуд менамояд. Ҳамзамон, нокифоя будани кадрҳои баландихтисос, дастрасии маҳдуд ба технологияҳои инноватсионӣ ва мавқеи нисбатан ноустувори маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ ҳамчун омилҳои боздорандаи рушди минбаъдаи соҳа боқӣ мемонанд. Дар робита ба ин таъсиси корхонаҳои нав, ҷорӣ ва васеъ намудани истифодаи техникаву технологияҳои пешрафта, баланд бардоштани сатҳи маърифати техникӣ ва молиявии кадрҳо, тақвияти рақобатпазирӣ ва такмили идоракунии рушди инноватсионӣ, инчунин омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз омилҳои муҳимми ноилшавӣ ба мақсадҳои рушди устувори инноватсионии кишвар ба шумор мераванд.

Қодиров Ф.А. дар ин хусус чунин қайд менамояд: «Рушди фаъолияти инноватсионӣ бо омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ алоқамандӣ дорад. Дар асоси ин метавон гуфт, ки фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили асосии татбиқи сиёсати босуръати саноатикунонӣ ва механизми мураккаб, шароити мусоидро тақозо мекунад» [92, с. 163].

Муқимова Н.Р. чунин дарҷ менамояд: «....барои баланд бардоштани самаранокӣ ва фаъолсозии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноат, онҳо бояд сиёсати инноватсионӣ дошта бошанд. Онҳо бояд мақсадҳо, афзалиятҳои рушди илмӣ-инноватсионӣ, фаъолият, роҳҳо ва воситаҳои расидан ба онҳоро муайян намоянд» [102, с. 55].

Бо назардошти мавқеи Муқимова Н.Р. метавон гуфт, ки сиёсати самараноки инноватсионӣ барои рушди фаъолияти навоваронаи корхонаҳои саноатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аз ин рӯ, корхонаҳо бояд самтҳои афзалиятноки рушди илмӣ-техникиро муайян карда, механизмҳои амалисозӣ ва натиҷаҳои мақсадноки онҳоро пешбинӣ намоянд. Ин равиш имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷуда самаранок истифода шуда, раванди ҷорӣ намудани навовариҳо дар истеҳсолот ба таври мунтазам ва мақсаднок таъмин гардад.

Дар кори таҳқиқотии Султонов З.С. чунин таъкид шудааст: «...муҳити инноватсионӣ ва инфросохтори инноватсонӣ ҳамчун пайвасткунандаи робитаи байни илму техника, низоми таълим, истеҳсолот, истеҳсоли баландтехнологӣ ва ба бозор фиристодани он амал мекунад» [128, с. 24].

Абдуқодирова Х.А. қайд мекунад, ки «...айни замон фаъолияти инноватсионии корхонаҳо бо чунин мушкилот дучор мегардад: нарасидани маблағ ва вазъи молиявии корхонаҳои инноватсионӣ; маоши ночиз дар соҳаи илм ва маориф; қафомонда ва ноустувор будани муҳити рақобат барои фаъолияти инноватсионии корхонаҳо; нарасидани кормандони таҳсилкарда ва кадрҳои ҳирфаӣ ва дигар вазифаҳо» [68, с. 122].

Ҳошимзода Х.Х. - муҳақиқи дигари ватанӣ зикр менамояд, ки: «...ҳангоми ташаккули сохтори инноватсионӣ байни секторҳои давлатию хусусии иқтисодиёт, байни марказҳои илмии давлатӣ ва сохторҳои соҳибкории тиҷоратӣ бояд ҳамкории зич ба амал бароварда шавад. Дар ин самт нақши давлат дар таъмини ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии инфрасохтори инноватсионӣ муҳим аст» [146, с. 29].

Ба андешаи Файзуллоев М.Қ. «... дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳавасмандгардонии таъсиси марказҳои «соҳибкории инноватсионӣ», «бизнес-инкубаторҳо», «технопаркҳо», «паркҳои илмӣ-технологӣ, «марказҳои инноватсионӣ-технологӣ» ва ғайра, ки ба болоравии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо равона гардидаанд, мувофиқи мақсад аст» [136, с. 50].

Дар асоси андешаҳои муҳаққиқон метавон чунин хулоса намуд, ки рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ба мавҷудият ва самаранокии муҳити инноватсионӣ ва зерсохтори он вобастагии зич дорад. Муҳити инноватсионӣ ҳамчун механизми пайвасткунандаи илм, таҳсилот, техника ва истеҳсолот баромад намуда, барои ҷорӣ намудани технологияҳои баланд ва ба бозор баровардани маҳсулоти инноватсионӣ замина фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, дар ин самт як қатор мушкилот, аз ҷумла норасоии маблағгузорӣ, сатҳи пасти музди меҳнат дар соҳаи илм, заифии муҳити рақобатӣ ва камбуди кадрҳои баландихтисос мавҷуд мебошанд, ки раванди инноватсияро маҳдуд месозанд.

Саноатикунонии босуръати кишвар дар асоси истифодаи оқилонаи самтҳои муҳимми соҳаи саноат амалӣ карда мешавад. Ба самтҳои асосии рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди пурраи захираҳои зеризаминӣ, пахта, пилла, пӯст, пашм, меваю сабзавот, алюминий ва истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, хӯрокворӣ шомил мебошанд. Коркарди пурраи маҳсулоти дар кишвар мавҷуд ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуа ба рушди саноати миллӣ, алалхусус, саноати истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ мусоидат менамояд.

Дар замони ҳозираи рушди иқтисоди миллӣ, ки бо равандҳои саноатикунонии босуръат тавсиф ёфтааст, махсусан, дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таҳкиму густариши заминаҳои инноватсионӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии масъалаи механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат хеле муҳим ва зурур аст. Дар идомаи таҳқиқот мехоҳем ба асосҳои назариявии механизм, механизми инноватсионӣ ва механизми рушди инноватсионии саноат диққати махсус равона созем.

Дар адабиёти илмӣ доир ба моҳияти иқтисодии «механизм» шарҳҳои гуногун ҷой доранд. Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки истилоҳи «механизм» аз калимаи юнонии «mechane» гирифта шуда, маънои «восита» ё «олат»-ро ифода мекунад. Дар адабиёти илмӣ ин мафҳум муддати тулонӣ, асосан, ба маънои техникӣ мавриди таҳлил ва истифода қарор мегирифт. «Механиз - ин низоме, ки барои табдил додани ҳаракати як ё якчанд ҷисмҳо ба ҳаракати зарурии дигар ҷисмҳо пешбинӣ шудааст» [52, с. 956]. Дар адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти соҳавӣ, вобаста ба фаъолияти низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ, мафҳуми «механизм» бо истифода аз равишҳои мухталиф пурра ё бо такмилоти зарурӣ корбарӣ гардидааст.

Дар самти механизм муҳаққиқон С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Онҳо дар таҳқиқоташон моҳияти истилоҳи механизмро ҳамчун сохтори дохилӣ ва системаи рукнҳои фаъолкунанда шарҳ додаанд, ки дар татбиқи амалиёт ширкат меварзанд. Ба ақидаи онҳо, «механизм - ин низоме мебошад, ки тартиби фаъолият ва пайдарпаии равандҳоеро муайян месозад, ки дар ниҳоят як амалӣ мукаммал ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас ба вуҷуд меояд» [175, с. 56].

Муҳақиқони дигари хориҷӣ Ф.Л. Бык, В.Г. Китушин истилоҳи механизмро бо чунин мазмун шарҳу тавзеҳ намудаанд: «Механизм ҳамчун табдили ҷории «вурудӣ» ба «баромад» ба воситаи як низоми дорои таркиб ва алгоритми маълум мебошад» [80, с. 125]. Олимони дигар соҳаи иқтисод В.В. Лопатин, Л.Е. Лопатина истилоҳи «механизм»-ро чунин маънидод кардаанд:

«Он маҷмӯи равандҳое мебошад, ки дар асоси онҳо ягон падидаи муайян барои беҳтаргардонии фаъолият рӯйи кор оварда мешавад» [175, с. 112]. Ба назари Н.Н. Моисеев, «механизм - ин низоми расмиётҳо ва амалияҳое мебошад, ки қарор ва ё қоидаи қабули онро шакл медиҳанд» [157, с. 84].

Дарки ҳамаҷонибаи моҳият ва хусусиятҳои механизм таҳлили сохтор ва гурӯҳбандии намудҳои онро талаб мекунад. Омӯзиши адабиёти илмию назариявии мавҷуда имкон дод, ки самтҳои асосии таснифи механизмҳо дар фаъолияти молиявию иқтисодӣ муайян ва асоснок гарданд (Расми 3.6).




**Расми 3.6. - Таснифи механизмҳои иқтисодӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [157, с. 95; 164, с. 100; 170, с. 111]

Шарҳи пурра ва фарогиртари мафҳуми «механизм» дар ҷанбаи иқтисодӣ ба қалами В.В. Свечникова тааллуқ дорад. Ба назари ӯ, «механизм - ин маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва тадбирҳои дорои махсусиятҳои ташкилию иқтисодӣ, ки ба низоми истеҳсолӣ ҷиҳати пайваста фаъолият намудан имконият медиҳанд» [170, с. 111].

Таҳлили моҳияти сохторӣ ва мазмуни иқтисодии механизм бе муайян намудани шаклҳо ва намудҳои асосии он пурра ба роҳ монда намешавад. Омӯзиши манбаъҳои илмӣ ва таҳлили равишҳои назариявии мавҷуда имконият фароҳам овард, ки хусусиятҳои гуногуни механизмҳо дар доираи

фаъолияти молиявию иқтисодӣ муайян карда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот механизмҳои мазкур аз рӯйи самтҳои асосии фаъолияти онҳо гурӯҳбандӣ гардида, барои ҳар як гурӯҳ хусусиятҳои хос ва доираи истифодаи он муайян карда мешавад.

Вобасата ба омӯзиши равишҳои пешниҳодгардида аз ҷониби муаллифон дар шарҳи истилоҳи «механизм» як норасоии муҳимми якранг ба чашм мерасад. Ин норасоӣ набудани мақсади дақиқ аст, ки амалиёт, падида ё қарор ба самти он равона шудааст.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мо дар ҷадвали 3.1 шарҳи истилоҳи механиз ва механизми иқтисодӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, ҷамъоварӣ намудем.

**Ҷадвали 3.1. - Шарҳи истилоҳи «механизм» ва «механизми иқтисодӣ» дар сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ**

| Муаллиф | Шарҳи истилоҳи механизм ва механизми иқтисодӣ |
|---|---|
| Д. А. Новиков | Механизм ҳамчун низом ё сохтори муайян фаҳмида мешавад, ки тартиб ва ҷараёни иҷрои ягон фаъолиятро ба танзим медарорад. Механизми иқтисодӣ маҷмуи қоидаҳо, меъёрҳо ва тартиботест, ки ҳамкории субъектҳои низоми иқтисодиро танзим ва ба роҳ мондани фаъолияти онҳоро таъмин мекунад. |
| Т. Ф. Ефремова | Механизм маҷмуи ҳолатҳо ва равандҳое аст, ки аз онҳо ягон ҳодисаи физикӣ, химиявӣ, физиологӣ ва ғайра ташаккул меёбад. |
| Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева | Механизми иқтисодӣ маҷмуи сохторҳои ташкилотӣ, шаклҳо ва усулҳои идоракунӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути онҳо қонунҳои иқтисодӣ дар шароити муайян татбиқ ва амалӣ карда мешаванд. |
| А. Ю. Чаленко | Механизми иқтисодӣ маҷмуи захираҳои иқтисодии ҳампайвасту ҳамтаъсиркунанда ва усулҳои пайваст кардани онҳо мебошад. |
| А. С. Кулман | Механизм маҷмуи муайяни пайдарпайии ҳодисаҳои иқтисодӣ мебошад. «Механизми иқтисодӣ ё аз табиати ҳодисаи ибтидоӣ муайян мешавад, ё аз натиҷаи ниҳоии силсила ҳодисаҳо» ва «унсурҳои таркибии механизм ҳамеша ҳодисаи ибтидоӣ, ҳодисаҳои ниҳоӣ ва тамоми равандеро, ки дар фосилаи байни онҳо сурат мегирад, дар бар мегиранд». |
| В. Столяров, Л. Васечко | Механизми иқтисодӣ маҷмуи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва танзими онҳо мебошад. |
| Е. В. Шестакова | Механизм маҷмуи усулҳо ва воситаҳоест, ки амалӣ шудани фаъолияти самаранок ва рушди низоми иҷтимоию иқтисодиро бо дарназардошти сохтори дохилӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он таъмин мекунанд. |
| О. В. Деревянко | Механизми иқтисодӣ тарзи фаъолияти низоми хоҷагидорӣ мебошад, ки асоси он маҷмуи муайяни муносибатҳои истеҳсолӣ қарор дорад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [51, с. 118; 39, с. 56; 57, с. 254; 149, с. 30; 48, с. 81; 177; 154, с. 21; 162, с. 99]

Ба андешаи мо, механизми иқтисодӣ маҷмуи муназзами сохторҳои ташкилотӣ, усулҳо, воситаҳои идоракунӣ ва меъёрҳои ҳуқуқию иқтисодӣ

мебошад, ки дар ҳамбастагӣ амал намуда, равандҳои иқтисодиро танзим мекунанд ва қонунҳои иқтисодиро дар шароити мушаххас татбиқ менамоянд, инчунин ба самаранокии фаъолияти низоми иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Механизми иқтисодӣ маҷмуи унсурҳо (қонунҳо, бозорҳо, нарх, пешниҳод, тақсимот, ҳавасмандгардонӣ) мебошад, ки фаъолияти иқтисодиро дар давраи муайян танзим мекунад.

Ба андешаи Колоколов В.А. «механизми инноватсионӣ - ҳамчун шакли ташкилии иқтисодии амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ва мусоидат ба он, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли инноватсионӣ, инчунин воситаи таҳрик ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ» фаҳмида мешавад [47, с. 125]. Вобаста ба андешаи В.А.Колоколов, муҳақиқи дигар Ю.С. Глазкова дар таҳқиқоти илмии хеш «механизми инноватсионӣ»-ро бо тарзи зерин шарҳ медиҳад: «Механизми инноватсионӣ маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамгирое аст, ки хусусияти ташкиливу техникӣ ва иқтисодӣ доранд (навовариҳо, кадрҳо, техника ва технология, таъминоти иттилоотӣ ва ғайра), инчунин қоидаҳо ва тартиби амалҳоеро дар бар мегиранд, ки барои ташаккул, татбиқ, ҷараён, назорат ва танзими равандҳои инноватсионӣ мусоидат менамоянд» [160, с. 18]

Дар таҳқиқоти В.В. Свечникова - «механизми рушди инноватсионӣ» бо чунин мазмун шарҳ дода шудааст: «Механизми рушди инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои мутақобилан таъсиррасон ва дар ҳамбастагӣ қарордошта аст, ки як воҳиди ягонаи сохториро ташкил медиҳанд» [170, с. 114]. Ба андешаи мо, ин таъриф пурра ва ҳамаҷониба арзёбӣ намешавад, зеро он асосан ба шарҳи умумии мафҳум маҳдуд гардида, хусусиятҳои моҳиятӣ, табиати иқтисодӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои амалии рушди инноватсионии субъектҳои хоҷагидорро фаро намегирад. Дар натиҷа, чунин шарҳ имкони дарки ҳамаҷониба ва амиқи мазмуни рушди инноватсиониро дар сатҳи фаъолияти хоҷагидорӣ пурра таъмин карда наметавонад.

Самаранокии ташаккули механизми рушди инноватсионӣ ба як қатор принсипҳо вобаста аст, ки дар асоси он бунёд мегардад.

Принсипҳои умумии бунёди механизми оқилонаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (ба мисли принсипҳои мувофиқат, фаъолсозӣ, мутамарказ, тағйирпазирӣ) аз ҷониби А. А. Богданов пешкаш гардидааст [33, с. 156], ки татбиқи онҳо дар омодасозии механизмҳо зарур мебошанд.

Тибқи омӯзишу баррасии корҳои таҳқиқотии иқтисоддонон, ба монанди Р. А. Фатхутдинов, С. Б. Гальперин, Ю. П. Анискин, Ю. С. Глазкова [159, с. 121] ва дигарон, мо номгӯйи принсипҳои дар боло зикршударо бо принсипҳои тавозунӣ, суръат бахшидан, пайдарҳамӣ, мутобиқшавӣ ва самаранокии иқтисодӣ такмил медиҳем.

Муҳаққиқон А.А. Трифилова, В.В. Свечникова [170], В.А. Колоколов [47], Ю.С. Глазкова [159], И.А. Кузовлева, С.Г. Кузнецов, О.Г. Кураленко [98] дар корҳои илмии хеш ба масъалаи сохтани механизми рушди инноватсионии субъектҳои хоҷагидор мароқ зоҳир намудаанд.

Саҳми назарраси худро И. А. Кузовлева, С. Г. Кузнетсов, О. Г. Кураленко [98] дар рушди механизми инноватсионии соҳаи саноат гузоштаанд. Дар механизми пешниҳоднамудаи онҳо диққати махсус ба танзими давлатӣ ва минтақавии фаъолияти инноватсионӣ дода шудааст. Ҳамзамон, аз нигоҳи мо, механизми пешниҳодгардидаи муаллифон, сарфи назар аз ахаммияти назариявии он,  ҳамчунин аз як зумра маҳдудияту норасоиҳои муайян бархӯрдор аст. Ҳамзамон, аз таҳлили мазмунӣ ва сохтории он дида мешавад, ки дар тарҳрезӣ ва асоснокнамоии бархе паҳлуҳои муҳимми амалишавӣ камбудиҳо дида мешавад, ки онҳоро дар асоси шароитҳои зерин метавон корбарӣ намуд:

- мавҷуд набудани низоми ягона ва возеҳи меъёрҳою нишондиҳандаҳо барои муайян намудани сатҳи самаранокии фаъолияти механизмҳои татбиқшаванда;

- маҳдуд будани доираи механизмҳои пешниҳодгардида, ки асосан ба шаклҳои алоҳидаи фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шуда, фарогирии пурраи самтҳои мавҷудаи инноватсиониро таъмин намекунанд;

- нокифоя будани таваҷҷуҳ ба дигар ҷанбаҳои инноватсия, аз ҷумла навовариҳои ташкилӣ, усулҳои муосири идоракунӣ ва инноватсияҳои иҷтимоӣ.

Баррасӣ ва омӯзиши механизмҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки ҳеҷ кадоме аз механизмҳои пешниҳодгардида наметавонад пурра татбиқи модели рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд ва таъмини имконият҃ҳои беҳтарро барои ин бахши муҳимми иқтисоди миллӣ дар шароити рақобати бозор кафолат диҳад.

Жиц Г.И. дар таҳқиқоти худ доир ба иштироки давлат дар амалишаваии механизми инноватсионӣ чунин қайд намудааст: «Механизми иштироки давлат дар ташаккули иқтисоди инноватсиониро метавон ба ду гурӯҳ - мустақим ва ғайримустақим қисмат намуд. Таносуби байни онҳо аз вазъи иқтисодии кишвар ва консепсияи интихобнамудаи танзими давлатии вобаста ба он – бо такя ба бозор ё таъсири марказонидашуда вобаста мебошад» [40, с. 134].

Муҳаққиқони ватанӣ Мирсаидов А.Б. ва Муртазоев О.Қ. масъалаи такмили механизми инноватсионии рушди саноати минтақавиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ба андешаи онҳо, «барои рушди самараноки саноат, механизми инноватсионӣ бояд ба шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва захираҳои мавҷудаи минтақа мутобиқ карда шавад. Илова бар ин, зикр мекунанд, ки ҳамкории муассир байни корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мақомоти давлатӣ барои ташаккули муҳити мусоиди инноватсионӣ зарур мебошад» [50, с. 42].

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзуллоев М.Қ. чунин қайд мекунад: «Механизми сохтории бузурги ташкилот ва идоракунии низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон, ки инфрасохтори таҳқиқотӣ, таълимӣ-кадрӣ, молиявӣ-қарзӣ ва иттилоотӣ-машваратиро дар бар мегирад, бояд ташаккул дода шавад» [173, с. 212].

Муртазоев О.Қ. дар таҳқиқоти худ чунин зикр мекунад, ки: «... пас, ҳамтаъсирии ботартиби унсурҳои иқтидори инноватсионӣ, инчунин таъсири

ҳамгирои онҳо ба равандҳои такрористеҳсолии низоми саноатӣ, ба механизми рушди иқтидори инноватсионӣ ва табдил додани онҳо ба қисми фаъоли равандҳои такрористеҳсолӣ мубаддал мегардад. Дар ин раванд, онҳо бевосита дар бавуҷудоварии молу хизматҳо, ҷамъоварии ҳамаи шаклҳои сармоя, аз ҷумла рушди сармояи зеҳнӣ, ки таввасутии ҳамгироии дониш, навовариҳо ва дигар захираҳои молиявию моддӣ сурат мегирад, иштирок меварзанд» [104, с. 99].

Пажуҳишгари дигари ватанӣ Холзода Б.К. чунин қайд мекунад: «...механизми ҳамкории корхонаҳои минтақавии саноати масолеҳи сохтмонӣ дар шакли иттиҳодияи кластерӣ имкон медиҳад робитаҳои мутақобилаи байни унсурҳои сохторӣ самаранок ҷобаҷо гузошта шавад ва ба таври фаврӣ ба тағйиротҳои вазъи бозорӣ, ки дар муҳити берунии минтақа ба вуҷуд меоянд, аксуламал намояд» [63, с. 126].

Илова бар ин, ӯ қайд мекунад, ки: «дар ташаккулёбии механизми рушди инноватсионии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ нақши асосӣ ба давлат тааллуқ дорад, ки дар як вақт ба сифати қонунгузор, ташкилкунанда, маблағгузор ва ҳавасмандкунанда, яъне институти барои рушди инноватсионӣ масъул баромад мекунад. Бо ёрии қонунҳо ва қоидаҳо давлат метавонад дар амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ тағйиротҳои муайянро фаъол гардонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ташаккулёбии асосҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ аз чораҳои мушаххаси ҳавасмандкунандаи давлатӣ вобаста аст. Ҳавасмандкунии давлатии фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди тамоми иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад» [63, с. 133].

Муҳаққиқони дигари ватанӣ Комилов С.Ҷ. ва Мирзоева Е.Ш. чунин нуқтаи назар доранд: «механизми инноватсионӣ бояд сиёсати фаъолонаи давлатро дар танзими иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла: ташкили минтақаҳои инноватсионӣ, дастгирии соҳибкорон ва татбиқи сиёсати андозиву сармоягузории таҳрезишударо дар бар гирад» [44, с. 56].

Ҳамин тариқ, дар асосии пешниҳоди механизми мукаммал метавонад мавқеи бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ тақвият ёбад (Расми 3.7).




**Расми 3.7. - Фаъолгардонии механизми рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоси омӯзишу баррасӣ ва таҳлили масоили механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, зарурати таҳияву коркарди механизми самаранок дар ин бахш ба миён меояд. Барои таҳия ва коркарди чунин механизм муайян кардани талаботи асосӣ ва афзалиятнок муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, як зумра талаботи бунёдӣ барои ташаккули механизми рушди инноватсонӣ аз ҷониби мо пешниҳод мегардад:

✓ механизм бояд ҳамчун нақшаи дақиқи мантиқӣ-сохтории соҳаи махсус пешниҳод шавад (аз муайян кардани ниёз то ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои самаранокӣ).

✓ ба таври маҷмуӣ ва системавӣ мавриди таҳлил қарор додани тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, аз қабили самтҳои техникию технологӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ ҳангоми баррасии равандҳои инноватсионӣ дар бахши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ.

✓ пешниҳод ва татбиқ намудани низоми нишондиҳандаҳои миқдорӣ барои муайян ва баҳодиҳии сатҳи эҳтиёҷот ба натиҷаҳои амалисозии механизми инноватсионӣ.

✓ барномаи рушди инноватсионӣ бояд ба тавоноии инноватсионии корхона асос ёбад.

✓ рушди инноватсионии соҳа бояд ба донишҳои мавҷуда ва нав такя намояд.

✓ механизм бояд ба талаботи сиёсати давлатӣ ва минтақавии рушди инноватсионӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар масъалаи рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аҳаммияти стратегӣ касб менамояд. Равандҳои инноватсионӣ дар ин самт ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, рушди инноватсионии соҳаи мазкур ҳамчун яке аз омилҳои калидии пешрафти иқтисодии саноати масолеҳи сохтмонӣ арзёбӣ мегардад. Вобаста ба гуфтаҳои боло, механизме, ки амалӣ намудан ва идоракунии рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмониро дар шароити саноатикунонии босуръат таъмин намояд, диққати махсус равона шудааст.

Механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат маҷмуи ҳамоҳангшудаи унсурҳо ва равандҳоест, ки бо ҳадафи баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии соҳа ташкил карда мешавад. Дар ин робита, пайвастани захираҳои табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ бо иқтидорҳои илмӣ-технологӣ, инчунин дастгирии сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад (Расми 3.8).




**Расми 3.8. - Модели консептуалии механизми рушди инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллифон

Тавре, ки аз расми 3.8 мушоҳида мешавад, иҷрои босамари механизми пешниҳодгардида на танҳо ба афзоиши ҳаҷм ва сифати маҳсулот мусоидат мекунад, балки заминаи устувори рушди саноати сохтмон ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақа ва кишварро фароҳам меорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин механизм ҳамгироии захираҳои табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ бо иқтидорҳои илмӣ-технологӣ мебошад. Вилояти Хатлон дорои захираҳои фаровони қум, санг, гаҷ ва дигар навъҳои ашёи хоми сохтмонӣ мебошад, ки истифодаи босамар ва илман асосноки онҳо метавонад арзиши аслии маҳсулотро коҳиш диҳад ва вобастагии истеҳсолотро аз воридоти ашёи хом кам намояд. Ин омил дар шароити рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Дар марҳилаи навсозии соҳа, ворид намудани технологияҳои пешрафта ва таҷҳизоти муосир имконият медиҳад, ки на танҳо ҳаҷми истеҳсолот афзоиш ёбад, балки сифати маҳсулот мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ такмил ёбад. Ин амал, дар навбати худ, ба вусъат додани имкониятҳои содиротӣ мусоидат намуда, мавқеи истеҳсолкунандагони маҳаллиро дар бозорҳои минтақавӣ ва кишвар таҳким мебахшад.

Дар замони имрӯза яке аз омилҳои асосии муваффақияти механизми мазкур дастрасӣ ба сармоя ва маблағгузории устувор мебошад. Дар ин самт, ҳамкории муассир бо бахши хусусӣ, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва истифодаи грантҳо, ҳамчунин, қарзҳои имтиёзнок нақши муассир доранд. Маблағгузории дуруст ба саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки равандҳои таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ бо суръат ва самаранок роҳандозӣ карда шаванд.

Механизми инноватсионӣ воситаи асосии гузариш ба иқтисоди донишбунёд ва рақобатпазир аст. Тибқи механизми пешниҳодгардида истифодаи самараноки захираи ашёи хом амалӣ гардида, иқтидорҳои истеҳсолӣ тавассути автоматикунонӣ ва рақамикунонӣ васеъ карда мешаванд (Расми 3.9).

Дар расми 3.9 механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат пешниҳод гардидааст, ки дар он вобастагии вазорату идораҳои давлатӣ барои фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ бо корхонаҳои соҳаи саноат нишон дода шудааст.




**Расми 3.9. - Системаи пайванддиҳандаи унсурҳои механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити саноатикунонии босуръат**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маркетинг ва васеъ намудани шабакаҳои фурӯш яке аз унсурҳои ҳалкунанда дар механизми мазкур ба шумор меравад. Таҳия ва татбиқи усулҳои нави маркетингӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ барои муаррифӣ ва таблиғи маҳсулот, иштироки фаъол дар намоишгоҳҳои дохилию байналмилалӣ ва густариши ҳамкориҳо бо истеъмолкунандагон метавонанд ба таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагон дар бозор ва нигоҳдории рақобатпазирии онҳо мусоидат намоянд.

Татбиқи механизми бозгашти иттилоотӣ ва такмили мунтазами равандҳои истеҳсолӣ ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти худро мутобиқи тағйирёбии талаботи бозор ва шароити муҳити иқтисодӣ пайваста такмил диҳанд. Бо ин роҳ, натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаҳои амалӣ ба давраҳои навбатии рушди маҳсулот ворид мегарданд, ки ин ҷараён хусусияти доимӣ ва даврӣ пайдо мекунад.

Блоки дигари механизм ҳамбастагии як қадор масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ мебошад, ки метавонад ба фаъолгардонии механизми иннновациоӣ заминаи асосӣ гузоранд. Ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, такмили кластер дар соҳаи саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, вусъати ҳамкорӣ институтҳои илмӣ-таҳқиқоти соҳавӣ бо соҳаи саноат ва такмили инфрасохтори соҳаи саноати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа мебошанд.

Қисмати дигар ин система пайвандии унсурҳои механизми рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳо барои амалишавии механизми мазкур заминаи асосӣ мегузоранд. Барои рушди иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ механизми пешниҳодгардида заминаи мусоид фароҳам месозад. Механизми мазкур ба тақвияти бозори сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ ва истифодаи самараноки захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат карда метавонад.

Аз ин рӯ, барои расонидани саноати масолеҳи сохтмонӣ ба сатҳи нави рушди технологӣ ва иқтисодӣ зарур аст, ки самтҳои афзалиятнок ва стратегӣ муайян гарданд. Муайян намудани чунин соҳаҳо имконият медиҳад, ки

захираҳо ва тадбирҳо ба таври мақсаднок равона шаванд. Дар ҳамин замина, таъмин намудани рушди инноватсионии ин самтҳо ҳамчун омил ва стратегияи асосӣ арзёбӣ мешавад. Дар раванди муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ бояд ба соҳаҳо ва корхонаҳои дорои имкониятҳои баланди инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Интихоби чунин самтҳо бояд бо дарназардошти сатҳи рушди технологӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва имкониятҳои бозории корхонаҳо амалӣ гардад. Тақвияти иқтидори инноватсионии субъектҳои интихобшуда метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва наздик намудани нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ба сатҳи ширкатҳои пешрафтаи байналмилалӣ замина фароҳам созад. Татбиқи мунтазами навовариҳо замина фароҳам меорад, ки саноати вилояти Хатлон иқтидори худро дар самтҳои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва рушди фаъолияти содиротӣ пурра амалӣ намояд.

## 3.3. Дурнамои рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027 - 2035 дар асоси усулҳои иқтисодӣ-математикӣ

Дар шароити муосир идоракунии самараноки истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз омилҳои муҳимму асосии рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҳар як мамлакат ба ҳисоб рафта, дурнамо ё худ банақшагирии дарозмуддати он барои иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ аҳаммияти зиёдро доро мебошад.

Дар шароити рушди босуръати инфрасохтор соҳаи масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ аҳаммияти калон пайдо кардааст. Рушди устувори ин соҳа на танҳо ба таъмини эҳтиёҷоти соҳаи сохтмон, балки ба рушди умумии иқтисоди кишвар мусоидат мекунад. Дар чунин шароит, зарурати таҳия ва татбиқи дурнамо барои таъмини самаранокии истеҳсол, истифодаи оқилонаи захираҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот муҳим мегардад.

Дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва идоракунии он дар замони муосир аз чанд ҷиҳат муҳим ва зарур аст. Пеш аз он ки дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмониро барои вилояти Хатлон анҷом диҳем, мехоҳем ба ҷиҳатҳои муҳимми дурнамо (Расми 3.10) диққат намоем.




**Расми 3.10. - Зарурати дурнамо дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дурнамо пешбинии бахшҳои муҳимми рушд ва таҳия намудани стратегияи идоракунӣ барои давраҳои минбаъда аст. Дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дурнамо метавонад шакли нақшаи стратегӣ, барномаи давлатӣ ё консепсияи рушди истеҳсолотро дошта бошад. Истифодаи усулҳои дурнамоӣ дар раванди идоракунии рушди иқтисодӣ имконият медиҳад, ки тағйироти эҳтимолии муҳити иқтисодӣ сари вақт муайян карда шаванд. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи сенарияҳои рушди минбаъда тамоюлҳои пешрафти илму техника ва тағйирёбии талаботи иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои дурнамоӣ метавон қарорҳои идоракунии аз ҷиҳати илмӣ

асоснокро таҳия намуда, самтҳои ояндадори рушди истеҳсолот ва фаъолияти инноватсиониро муайян кард.

Дурнамо дар идоракунии соҳаи масолеҳи сохтмонӣ на танҳо як ҷузъи банақшагирӣ, балки омили асосии рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодӣ мебошад. Таҳияи дурнамои илман асоснок ба кишвар ва минтақаҳои он шароит фароҳам меорад, то захираҳои табиӣ ва инсонӣ ба таври самаранок истифода шуда, истеҳсолот ба талаботи замони муосир мутобиқ гардад. Дар натиҷа, итсеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ метавонад ба рушд ва мустаҳкамшавии иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ саҳми назаррас гузорад.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ самтҳои асосии рушди кишвар баровардани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини рушди устувор ва саноатикунонии босуръати он ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ муайян гардидаанд. Амалигардонии ин ҳадафҳо афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмониро тақозо мекунад, ки иҷрои он бе ташкили истеҳсоли васеи масолеҳҳои сохтмонии ватанӣ ғайримумкин аст. Бо дарки аҳамияти ин масъала, роҳбарияти мамлакат самтҳои калидии рушди минбаъдаро мушаххас намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ таъкид карда буданд, ки «барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ зарур аст саноати муосир ва самаранок бунёд ёбад, корхонаҳо аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ навсозӣ шаванд, шароити мусоид барои соҳибкории истеҳсолӣ фароҳам гардад ва коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ таъмин карда шавад. Ҳамзамон Пешвои миллат зарур шумориданд, ки Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дар ҳамоҳангӣ бо дигар ниҳодҳо, сиёсати ягонаи рушди саноатро таҳия намуда, барои рушди зерсоҳаҳои мухталиф, аз ҷумла саноати сабук, хӯрокворӣ, маъдан ва масолеҳи сохтмонӣ, чораҳои мушаххас андешад. Ҳадафи ниҳоии ин раванд табдил додани Тоҷикистон аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-Мграрӣ мебошад» [2].

Бо дарназардошти ҳамин дастурҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди саноат барои давраи то соли 2030-ро қабул намуд, ки «дар он рушди саноати масолеҳҳои сохтмонӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок муайян шудааст. Аҳаммияти ин бахш дар он аст, ки он метавонад талаботи рӯзафзуни лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ, роҳсозӣ, бунёди иншооти иҷтимоӣ, маорифу тандурустӣ ва манзилиро қонеъ созад, ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, сатҳи даромади аҳолиро баланд бардорад ва ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намояд» [18].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир талабот ба масолеҳҳи сохтмонӣ зиёд гардида, таваҷҷуҳи давлат ва бахши хусусӣ ба рушди ин соҳа бештар шудааст. Ин раванд зарурати ҷорӣ намудани навовариҳои илмӣ-техникӣ ва ташаккули механизми инноватсионии рушди саноати масолеҳи сохтмониро ба вуҷуд овардааст. Танҳо тавассути ҳамкории муназзами давлат, илм ва бахши хусусӣ метавон монеаҳои мавҷударо бартараф кард ва истеҳсолотро ба сатҳи нав баровард.

Шароити нав ва тағйирёбии муҳити иқтисодӣ талаб мекунанд, ки барои рушди минбаъдаи соҳа стратегияи инноватсионии махсус таҳия карда шавад. Ин раванд бояд ба таҷдиду навсозии корхонаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, омӯзиши кадрҳои соҳибихтисос ва таҳқиқоти илмӣ асос ёбад. Маҳз тавассути чунин механизм метавон равандҳои инноватсиониро дар истеҳсолот фаъол гардонд ва рақобатпазирии корхонаҳоро баланд намуд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисодӣ, масъалаи рушди устувор яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад.

Аз нигоҳи иқтисоди устувор, рушди соҳаи мазкур метавонад вобастагии минтақаро аз воридоти масолеҳи хориҷӣ коҳиш дода, сатҳи амнияти иқтисодиро баланд бардорад. Истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ, инчунин имконияти истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнатии дохилиро фароҳам меорад.

Дар солҳои охир ба ворид намудани технологияҳои муосир дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ табдил гардидааст. Истифодаи технологияи автоматишуда, таҷҳизоти каммасраф ва масолеҳи энергосарфакунанда ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот мусоидат мекунад.

Истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, такрори масолеҳи истифодашуда ва татбиқи меъёрҳои байналмилалии истеҳсолоти «тоза» метавонад устувории экологӣ ва иқтисодиро таъмин созад. Ин омилҳо бо ҳадафҳои рушди устувори СММ, махсусан ҳадафҳои 8 (шуғл ва рушди иқтисодӣ) ва 12 (истеъмол ва истеҳсоли масъулона), ҳамоҳанг мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлил метавон хулоса кард, ки рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодии минтақа мебошад. Як қатор корҳо ҷиҳати татбиқи самараноки дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ зарур мебошад, ба монандӣ:

- ✓ дастгирии давлатии молтавлидкунандагони маҳаллӣ ва такмили инфрасохтори саноатӣ дар минтақаҳо;
- ✓ татбиқи васеи таҷҳизоти техникии муосир ва технологияҳои инноватсионӣ, инчунин густариши истеҳсол ва истифодаи масолеҳи сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ бехатар;
- ✓ тақвияти робитаи байни муассисаҳои илмӣ ва субъектҳои истеҳсолӣ бо мақсади интиқоли натиҷаҳои таҳқиқот ба истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодию экологӣ;
- ✓ афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонии аз ашёи хоми маҳаллӣ омодашуда тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва ба талаботи ҳифзи муҳити зист мутобиқ;
- ✓ ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии сифат ва таъмини назорати дақиқи раванди истеҳсолот;
- ✓ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар равандҳои идоракунӣ, таъминоти захираҳо ва фурӯши маҳсулот;

✓ равнақ додани ҳамкории молистеҳсолкунандагон бо муассисаҳои илмию марказҳои тадқиқотӣ барои татбиқ кардани натиҷаву дастовардҳои илмию инноватсионӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;

✓ ташаккули низоми самараноки омода ва бозомӯзии мутахассисони баландихтисос барои идоракунии истеҳсоли масолеҳи сохтмонии нав.

Дар шароити муосир яке аз равандҳои мушаххас ҷиҳати анҷом додани дурнамоӣ истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ усулҳои иқтисодӣ-математикӣ ҳисобида мешавад.

Дар шароити норасоии захираҳо, рақобати бозор ва зарурати истифодаи оқилонаи имкониятҳо, усулҳои иқтисодӣ-математикӣ имконият медиҳанд, ки дурнамо бо камтарин хато анҷом дода шавад. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ фаъолияти идоракунии бомуваффақи бозори масолеҳи сохтмониии минтақаро бе таҳлили ҳамаҷонибаю маҷмуии ҳолати воқеӣ ва баҳодиҳии дурнамои нишондиҳандаҳои масолеҳҳи асосии сохтмонӣ ғайриимкон мебошад.

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ ва дар амалияи муосири хоҷагидории бозорӣ барои пешгӯӣ ва таҳлили равандҳои рушди иқтисодӣ истифодаи усул ва воситаҳои гуногуниояндабинӣ ба назар гирифта мешавад, ки дорои аҳаммияти амалӣ ва илмии баланд мебошанд.

Дар шароити рушди босуръати шаҳрсозӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, талабот ба масолеҳи сохтмонӣ дар ин минтақа мунтазам меафзояд. Аз ин рӯ, дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои солҳои 2027–2035 аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Дар солҳои оянда рушди ин соҳа бояд ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ (санг, шағал, гил, рег, хишти сохтмонӣ, семент ва ғ.), ворид намудани технологияҳои нав, беҳтарсозии сифати маҳсулот ва паст кардани арзиши истеҳсолот асос ёбад. Бунёди корхонаҳои нав, таҷдиди инфрасохтори истеҳсолӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ метавонанд рушди мунтазами соҳа ва коҳиши вобастагӣ аз воридоти масолеҳи хориҷиро таъмин намоянд.

Зимни таҳияи дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ моделҳои иқтисодӣ-математикӣ, бахусус моделҳои трендӣ ва регрессиявӣ, метавонанд барои пешгӯии ҳаҷми истеҳсол ва арзёбии талабот вобаста ба иқтидори истеҳсолӣ истифода шаванд.

Дар асоси таҳлили маълумоти оморию иқтисодӣ ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда, шағал дар солҳои 2015 - 2026 муайян карда шудааст, ки дар ҷадвали 3.2 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 3.2. - Тамоюли тағйирёбии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2015 - 2026**

| Номгӯйи масолеҳи сохтмонӣ | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 (баҳо) |
| Семент (ҳазор тонна) | 1092 | 1078 | 1912 | 2354,6 | 2601,9 | 2642 | 2570 | 2796 | 2905 | 2671 | 2721 | 2790 |
| Хишт (миллион дона хишти шартӣ) | 6,1 | 8,5 | 7,3 | 12,3 | 11,0 | 13,5 | 13,7 | 22,8 | 22,6 | 24,2 | 28,9 | 32,7 |
| Рег (ҳазор метри мукааб) | 156,9 | 198,7 | 126,5 | 192,4 | 147,7 | 126,2 | 115,8 | 151,0 | 121,3 | 167,3 | 155 | 165 |
| Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | 196,3 | 210,2 | 218,4 | 224,5 | 221,6 | 225,1 | 244,5 | 304,6 | 284,0 | 327,3 | 353,1 | 385,1 |
| Шағал (ҳазор метри мукааб) | 9,3 | 7,4 | 17,4 | 11,9 | 9,5 | 10,9 | 11,2 | 20,9 | 24,3 | 31,2 | 36,2 | 43,6 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [16, с. 46, 102]

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 3.2 дида мешавад, ки истеҳслои масолеҳҳои сохтмонӣ дар вилояти Хатлон соли 2026 назар ба соли 2015 зиёд истеҳсол карда шудааст. Барои ин мо бояд бузургиҳои а ва Ь-ро дар асоси нишондиҳандаҳои асосии ҷадвали 3.3 муайян намоем (Замимаи 4).

Дар амсилаҳои мазкур бузургии а андозаи доимии ҳаҷми истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонии гуногун буда, нишондиҳандаи трендӣ вобаста ба масолеҳи сохтмонии гуногун тибқи ҷадвал семаент ба 521,36 ҳазор тонна, хишти сохтмонӣ ба 0,5163 мил. дона хишти шартӣ, рег ба 15,516 ҳазор метри мукааб, сангмайда ба 3,9381 ҳазор метри мукааб ва шағал ба 2,8707 ҳазор метри мукааб баробар мебошанд.

**Ҷадвали 3.3. - Ҳисоби истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонӣ бо истифода аз амсилаҳои интихобнамудаи трендии вобастагии росхаттадошта (солҳои 2015 - 2026)**

| № | Солҳо | Масолеҳи сохтмонӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Семент (ҳазор тонна) | Хишт (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) |
| 1 | 2015 | 936,2 | 6,5 | 179 | 204,7 | 11,7 |
| 2 | 2016 | 1431,0 | 7,4 | 167 | 205,5 | 10,1 |
| 3 | 2017 | 1850,9 | 8,7 | 157 | 209,3 | 9,5 |
| 4 | 2018 | 2195,7 | 10,2 | 149 | 216,4 | 9,7 |
| 5 | 2019 | 2465,3 | 12,0 | 143 | 226,5 | 10,8 |
| 6 | 2020 | 2659,9 | 14,1 | 140 | 239,8 | 12,9 |
| 7 | 2021 | 2779,4 | 16,5 | 139 | 256,2 | 15,8 |
| 8 | 2022 | 2823,8 | 19,2 | 139 | 275,7 | 19,5 |
| 9 | 2023 | 2793,0 | 22,1 | 142 | 298,4 | 24,2 |
| 10 | 2024 | 2687,2 | 25,4 | 148 | 324,2 | 29,8 |
| 11 | 2025 (Нақша) | 2721,0 | 28,9 | 155 | 353,1 | 36,2 |
| 12 | 2026 (Баҳо) | 2790,0 | 32,7 | 165 | 385,1 | 43,6 |
| **Муодилаҳо** | | $y = -28,797x^2 + 521,36x + 515,48$ | $y = 0,1436x^2 + 0,5163x + 5,8318$ | $y = 1,0928x^2 - 15,516x + 193,65$ | $y = 1,5647x^2 - 3,9381x + 207,07$ | $y = 0,444x^2 - 2,8707x + 14,095$ |
| **$R^2$** | | 0,926 | 0,963 | 0,934 | 0,961 | 0,929 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Тибқи мушоҳидаҳои оморӣ аз ҷадвали 3.3 дида мешавад, ки аз натиҷаҳои ба даст оварда зариби дитерминатсия ($R^2$) аз семент 0,93, аз хишти сохтмонӣ 0,96, аз рег 0,93, аз сангмайда 0,96 ва аз шағал 0,93–ро ташкил медиҳад, ки эҳтимоли амалинамоии дурнамо барои масолеҳи сохтомонӣ мавҷуд аст. Барои ҳамаи намуди масолеҳи сохтмонии пешниҳодшуда муодилаҳои дурнамо ба пуррагӣ мувофиқат менамоянд. Ҳаҷми нишондиҳандаи интизории истеҳсоли масолеҳои сохтмониро дар ҷадвали 3.4 ҷойгир менамоем.

## Ҷадвали 3.4. - Ҳисоби масоҳати нобаробарии амсилаи трендии намуди y = ax + b + c (воҳиди ченакҳои гуногун)

| Солҳо | Омили вақт (t) | Истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонӣ дар давраи ҳисоботӣ (y) | | | | | ty | | | | | $t^2$ | Истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонии ҳисобӣ $\bar{y}$ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Семент (ҳазор тонна) | Хишти сохтмонӣ (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) | Семент (ҳазор тонна) | Хишти сохтмонӣ (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) | | Семент (ҳазор тонна) | Хишти сохтмонӣ (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) |
| 2015 | 1 | 1092,0 | 6,1 | 156,9 | 196,3 | 9,3 | 1092,0 | 6,1 | 156,9 | 196,3 | 9,3 | 1 | 1008,0 | 6,5 | 179,2 | 204,7 | 11,7 |
| 2016 | 2 | 1078,0 | 8,5 | 198,7 | 210,2 | 7,4 | 2156,0 | 17,0 | 397,4 | 420,4 | 14,8 | 4 | 1443,0 | 7,4 | 167,0 | 205,5 | 10,1 |
| 2017 | 3 | 1912,0 | 7,3 | 126,5 | 218,4 | 17,4 | 5736,0 | 21,9 | 379,5 | 655,2 | 52,2 | 9 | 1820,4 | 8,7 | 156,9 | 209,3 | 9,5 |
| 2018 | 4 | 2354,6 | 12,3 | 192,4 | 224,5 | 11,9 | 9418,4 | 49,2 | 769,6 | 898,0 | 47,6 | 16 | 2140,2 | 10,2 | 149,1 | 216,4 | 9,7 |
| 2019 | 5 | 2601,9 | 11,0 | 147,7 | 221,6 | 9,5 | 13009,5 | 55,0 | 738,5 | 1108,0 | 47,5 | 25 | 2402,4 | 12,0 | 143,4 | 226,5 | 10,8 |
| 2020 | 6 | 2642,0 | 13,5 | 126,2 | 225,1 | 10,9 | 15852,0 | 81,0 | 757,2 | 1350,6 | 65,4 | 36 | 2606,9 | 14,1 | 139,9 | 239,8 | 12,9 |
| 2021 | 7 | 2570,0 | 13,7 | 115,8 | 244,5 | 11,2 | 17990,0 | 95,9 | 810,6 | 1711,5 | 78,4 | 49 | 2753,9 | 16,5 | 138,6 | 256,2 | 15,8 |
| 2022 | 8 | 2796,0 | 22,8 | 151,0 | 304,6 | 20,9 | 22368,0 | 182,4 | 1208,0 | 2436,8 | 167,2 | 64 | 2843,4 | 19,2 | 139,5 | 275,7 | 19,5 |
| 2023 | 9 | 2905,0 | 22,6 | 121,3 | 284,0 | 24,3 | 26145,0 | 203,4 | 1091,7 | 2556,0 | 218,7 | 81 | 2875,2 | 22,1 | 142,5 | 298,4 | 24,2 |
| 2024 | 10 | 2671,0 | 24,2 | 167,3 | 327,3 | 31,2 | 26710,0 | 242,0 | 1673,0 | 3273,1 | 312,0 | 100 | 2849,4 | 25,4 | 147,8 | 324,2 | 29,8 |
| 2025 (нақ.) | 11 | 2721,0 | 28,9 | 155,0 | 353,1 | 36,2 | 29931,0 | 317,9 | 1705,0 | 3884,1 | 398,2 | 121 | 2766,0 | 28,9 | 155,2 | 353,1 | 36,2 |
| 2026 (Баҳо) | 12 | 2790,0 | 32,7 | 165,0 | 385,1 | 43,6 | 33480,0 | 392,4 | 1980,0 | 4621,2 | 523,2 | 144 | 2625,0 | 32,7 | 164,8 | 385,1 | 43,6 |
| **n = 12** | **Σt = 78** | **$\Sigma y_{с} = 28133,5$** | **$\Sigma y_{хс} = 203,6$** | **$\Sigma y_{р} = 1823,8$** | **$\Sigma y_{с} = 3194,7$** | **$\Sigma y_{ш} = 233,8$** | **$\Sigma ty_{с} = 203887,9$** | **$\Sigma ty_{хс} = 1664,2$** | **$\Sigma ty_{р} = 11667,4$** | **$\Sigma ty_{с} = 23111,2$** | **$\Sigma ty_{ш} = 1934,5$** | **$\Sigma t^2 = 651$** | **$\Sigma \bar{y}_{с} = 28133,8$** | **$\Sigma \bar{y}_{хс} = 203,6$** | **$\Sigma \bar{y}_{р} = 1823,9$** | **$\Sigma \bar{y}_{с} = 3194,7$** | **$\Sigma \bar{y}_{ш} = 233,8$** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҷадвали 3.4 натиҷаҳои ҳисобу таҳлили амсилаи трендии навъи y = ax + b + c барои нишондиҳандаҳои асосии истеҳсоли масолеҳҳи сохтмониро дар давраи солҳои 2015-2026 дар бар мегирад. Аз рӯйи маълумоти ҷадвал муайян мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда ва шағал дар тули даҳсолаи охир тамоюли умумии афзоиш дорад. Истеҳсоли семент аз 1092 ҳазор тонна дар соли 2015 то 2790 ҳазор тонна дар соли 2026 зиёд шудааст, ки нишондоди устувори болоравии истеҳсолотро нишон медиҳад. Истеҳсоли хишти сохтмонӣ низ аз 6,1 млн. дона то 32,7 млн. дона афзоиш ёфтааст, ки аз афзоиши талабот ва рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли рег, сангмайда ва шағал низ сол ба сол меафзояд, ки ба рушди босуръати сохтмон ва корҳои инфрасохторӣ вобаста аст.

Дар қисмати ҳисобҳои иловагӣ (сутунҳои t, ty, $t^2$) нишон дода шудааст, ки робитаи хатти регрессионӣ (трендӣ) барои ҳар як навъи маҳсулот мусбат аст, яъне афзоиши вақт бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ин навъи масолеҳи сохтмонӣ ҳамоҳанг мебошад. Ҳисобҳои ҷамъбастӣ ($\Sigma y$, $\Sigma ty$, $\Sigma t^2$) имкон медиҳанд, ки коэффитсиентҳои амсилаи трендӣ муайян карда шаванд, ки барои пешгӯии минбаъдаи ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонӣ тамоюли устувори афзоиш ба назар мерасад. Ин раванд самараи татбиқи сиёсати саноатии инноватсионӣ, афзоиши талаботи бозори дохилӣ ва рушду тавсеаи фаъолияти сохтмонӣ дар кишвар мебошад. Амсилаи трендӣ дар шакли y=ax+b+c имкон медиҳад, ки барои ҳар як навъи масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон пешгӯии боэътимоди ҳаҷми истеҳсол дар солҳои оянда анҷом дода шавад.

Бо ин мақсад, натиҷаҳои ҳисобкунии ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ҷадвали 3.5 пешниҳод мегарданд.

**Ҷадвали 3.5. - Нишондиҳандаҳои назариявӣ (ҳисобшуда)-и ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар муқоиса бо маълумоти воқеӣ дар 10 соли охир**

| Солҳо | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | **Ҷамъ 78** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар давраи ҳисоботӣ (у) | 1. Семент (ҳазор тонна) | 1092,0 | 1078,0 | 1912,0 | 2354,6 | 2601,9 | 2642,0 | 2570,0 | 2796,0 | 2905,0 | 2671,0 | 2721,0 | 2790,0 | **$\Sigma У_с = 28133,5$** |
| | 2. Хишти сохтмонӣ (миллион дона хишти шартӣ) | 6,1 | 8,5 | 7,3 | 12,3 | 11,0 | 13,5 | 13,7 | 22,8 | 22,6 | 24,2 | 28,9 | 32,7 | **$\Sigma У_{хс} = 203,6$** |
| | 3. Рег (ҳазор метри мукааб) | 156,9 | 198,7 | 126,5 | 192,4 | 147,7 | 126,2 | 115,8 | 151,0 | 121,3 | 167,3 | 155,0 | 165,0 | **$\Sigma У_р = 1823,8$** |
| | 4. Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | 196,3 | 210,2 | 218,4 | 224,5 | 221,6 | 225,1 | 244,5 | 304,6 | 284,0 | 327,3 | 353,1 | 385,1 | **$\Sigma У_с = 3194,7$** |
| | 5. Шағал (ҳазор метри мукааб) | 9,3 | 7,4 | 17,4 | 11,9 | 9,5 | 10,9 | 11,2 | 20,9 | 24,3 | 31,2 | 36,2 | 43,6 | **$\Sigma У_ш = 233,8$** |
| Истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ҳисобӣ ($\bar{у}$) | 1. Семент (ҳазор тонна) | 1008,0 | 1443,0 | 1820,4 | 2140,2 | 2402,4 | 2606,9 | 2753,9 | 2843,4 | 2875,2 | 2849,4 | 2766,0 | 2625,0 | **$\Sigma \bar{У}_с = 28133,8$** |
| | 2. Хишти сохтмонӣ (миллион дона хишти шартӣ) | 6,5 | 7,4 | 8,7 | 10,2 | 12,0 | 14,1 | 16,5 | 19,2 | 22,1 | 25,4 | 28,9 | 32,7 | **$\Sigma \bar{У}_{хс} = 203,6$** |
| | 3. Рег (ҳазор метри мукааб) | 179,2 | 167,0 | 156,9 | 149,1 | 143,4 | 139,9 | 138,6 | 139,5 | 142,5 | 147,8 | 155,2 | 164,8 | **$\Sigma \bar{У}_р = 1823,9$** |
| | 4. Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | 204,7 | 205,5 | 209,3 | 216,4 | 226,5 | 239,8 | 256,2 | 275,7 | 298,4 | 324,2 | 353,1 | 385,1 | **$\Sigma \bar{У}_с = 3194,7$** |
| | 5. Шағал (ҳазор метри мукааб) | 11,7 | 10,1 | 9,5 | 9,7 | 10,8 | 12,9 | 15,8 | 19,5 | 24,2 | 29,8 | 36,2 | 43,6 | **$\Sigma \bar{У}_ш = 233,8$** |
| $у - \bar{у}$ | | 84 | -365 | 91,6 | 214,4 | 199,5 | 35,1 | -183,9 | -47,4 | 29,8 | -178,4 | -45 | 165 | - |
| | | -0,4 | 1,1 | -1,4 | 2,1 | -1 | -0,6 | -2,8 | 3,6 | 0,5 | -1,2 | 0 | 0 | - |
| | | -22,3 | 31,7 | -30,4 | 43,3 | 4,3 | -13,7 | -22,8 | 11,5 | -21,2 | 19,5 | -0,2 | 0,2 | - |
| | | -8,4 | 4,7 | 9,1 | 8,1 | -4,9 | -14,7 | -11,7 | 28,9 | -14,4 | 3,1 | 0 | 0 | - |
| | | -2,4 | -2,7 | 7,9 | 2,2 | -1,3 | -2 | -4,6 | 1,4 | 0,1 | 1,4 | 0 | 0 | - |
| $\frac{у - \bar{у}}{\bar{у}}$ | | 0,08 | -0,25 | 0,05 | 0,10 | 0,08 | 0,01 | -0,07 | -0,02 | 0,01 | -0,06 | -0,02 | 0,06 | - |
| | | -0,06 | 0,15 | -0,16 | 0,21 | -0,08 | -0,04 | -0,17 | 0,19 | 0,02 | -0,05 | 0,00 | 0,00 | - |
| | | -0,12 | 0,19 | -0,19 | 0,29 | 0,03 | -0,10 | -0,16 | 0,08 | -0,15 | 0,13 | 0,00 | 0,00 | - |
| | | -0,04 | 0,02 | 0,04 | 0,04 | -0,02 | -0,06 | -0,05 | 0,10 | -0,05 | 0,01 | 0,00 | 0,00 | - |
| | | -0,21 | -0,27 | 0,83 | 0,23 | -0,12 | -0,16 | -0,29 | 0,07 | 0,00 | 0,05 | 0,00 | 0,00 | - |
| $\frac{у - \bar{у}}{\bar{у}} \times 100$ | | 8,3 | -25,3 | 5,0 | 10,0 | 8,3 | 1,3 | -6,7 | -1,7 | 1,0 | -6,3 | -1,6 | 6,3 | **-1,4** |
| | | -6,2 | 14,9 | -16,1 | 20,6 | -8,3 | -4,3 | -17,0 | 18,8 | 2,3 | -4,7 | 0,0 | 0,0 | **-1,8** |
| | | -12,4 | 19,0 | -19,4 | 29,0 | 3,0 | -9,8 | -16,5 | 8,2 | -14,9 | 13,2 | -0,1 | 0,1 | **-0,6** |
| | | -4,1 | 2,3 | 4,3 | 3,7 | -2,2 | -6,1 | -4,6 | 10,5 | -4,8 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | **+8,9** |
| | | -20,5 | -26,7 | 83,2 | 22,7 | -12,0 | -15,5 | -29,1 | 7,2 | 0,4 | 4,7 | 0,0 | 0,0 | **+14,4** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Муқоисаи натиҷаҳои ҳисобии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон бо маълумоти воқеии давраи таҳлилшаванда имкон медиҳад, ки дараҷаи мувофиқати модели истифодашуда ба равандҳои амалии истеҳсолот муайян карда шавад. Натиҷаҳои муқоисавӣ нишон медиҳанд, ки моделҳои трендии хаттии интихобшуда хусусият ва самти умумии тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолро нисбатан дуруст инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, истифодаи чунин моделҳои трендӣ метавонад барои таҳлили тамоюлҳои рушди истеҳсолот ва таҳияи арзёбиҳои дурнамавии нишондиҳандаҳои соҳа дар минтақа заминаи методии муносиб фароҳам оварад.

Сатҳи нуқсони ин ҳисоб барои масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили семент - 0,1 (-1,4:12), барои хишти сохтмонӣ -0,15 (-1,8:12), барои рег - 0,05 (- 0,6:12), барои сангмайда 0,741 (8,9:12), барои шағал (14,4:12) 1,2 аст ва тибқи амсилаҳои дар боло қайдгардида имкон аст, ки дурнамои ҳаҷми истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонӣ барои 9 соли оянда муайян карда шавад.

Ҷадвали мазкур натиҷаҳои муқоисавии нишондиҳандаҳои воқеии истеҳсолот (У) ва нишондиҳандаҳои назариявӣ (ҳисобӣ) – (Ӯ)-ро барои панҷ намуди асосии масолеҳҳи сохтмонӣ (семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда ва шағал) дар давоми солҳои 2015-2026 инъикос мекунад.

Дар натиҷаи таҳлил маълум мегардад, ки ҳаҷми воқеии истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ дар умум ба арзишҳои ҳисобии трендӣ наздик буда, дар аксар солҳо фарқиятҳои нисбатан хурд ба назар мерасанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки амсилаи трендии ҳисобшуда дуруст интихоб шуда, тавони пешгӯии қаноатбахш дорад.

Натиҷаҳои ҷадвали 3.5 нишон медиҳанд, ки дар истеҳсоли семент дар солҳои аввали таҳлил (2015-2017) фарқи назарраси мусбат ва манфӣ мушоҳида мешавад, аммо аз соли 2018 инҷониб ҳаҷми воқеӣ ба ҳаҷми назариявӣ наздик мегардад. Фарқияти миёна аз ±5–7% зиёд нест, ки нишонаи устувории истеҳсолот мебошад. Истеҳсоли хишти сохтмонӣ бошад солҳои гуногун тағйир ёфта, дар солҳои охир (2021-2024) ҳаҷми воқеӣ қариб пурра ба нишондиҳандаи назариявӣ мутобиқат мекунад, ки ин аз такмили иқтидорҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад. Дар истеҳсоли рег тағйироти солона

камтар пеш меояд, вале фарқияти нисбӣ аз ±10–15% бештар намегардад, ки қобили қабул аст. Дар истеҳсоли сангмайда раванд қариб хаттӣ буда, нишондиҳандаҳои воқеӣ ба арзишҳои ҳисобӣ хеле наздиканд. Танҳо дар соли 2022 афзоиши назаррас мушоҳида мешавад, ки эҳтимолан ба афзоиши корҳои сохтмонӣ вобаста аст. Истеҳсоли шағал дар муқоиса бо дигар намудҳо, фарқияти зиёдтар мушоҳида мешавад (баъзе солҳои то ±25%), ки онро метавон бо тағйирёбии талабот ва шароити бозор шарҳ дод.

Дар сатҳи умумӣ нишондиҳандаи нисбии фарқият (У - Ӯ) : Ӯ × 100 дар аксар мавридҳо аз ±10% зиёд нест, ки далели устувории тамоюли рушди истеҳсол ва дурустии модели трендӣ мебошад.

Натиҷаҳои ҷадвал собит месозанд, ки нишондиҳандаҳои назариявии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ки дар асоси амсилаи трендии У = ax + b + c ҳисоб шудаанд, ба маълумоти воқеӣ наздик мебошанд. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки модел барои пешгӯии боэътимоди ҳаҷми истеҳсол дар солҳои минбаъда истифода гардад.

**Ҷадвали 3.6. - Дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон бо истифода аз амсилаи интихобнамудаи трендии вобастагии росхаттадошта барои давраи то соли 2035**

| № | Солҳо | Масолеҳи сохтмонӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Семент (ҳазор тонна) | Хишт (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) |
| 13 | 2027 | 3299,9 | 36,8 | 176,6 | 420,3 | 51,8 |
| 14 | 2028 | 3446,7 | 41,2 | 190,6 | 458,6 | 60,9 |
| 15 | 2029 | 3593,8 | 45,9 | 206,8 | 500,1 | 70,9 |
| 16 | 2030 | 3740,7 | 50,9 | 225,2 | 544,6 | 81,8 |
| 17 | 2031 | 3887,9 | 56,1 | 245,7 | 592,3 | 93,6 |
| 18 | 2032 | 4034,8 | 61,7 | 268,4 | 643,1 | 106,3 |
| 19 | 2033 | 4181,6 | 67,5 | 293,3 | 697,1 | 119,8 |
| 20 | 2034 | 4328,8 | 73,6 | 320,5 | 754,2 | 134,3 |
| 21 | 2035 | 4475,7 | 80,0 | 349,7 | 814,4 | 149,6 |
| **Муодилаҳо** | | $y = -28{,}797x^2 + 521{,}36x + 515{,}48$ | $y = 0{,}1436x^2 + 0{,}5163x + 5{,}8318$ | $y = 1{,}0928x^2 - 15{,}516x + 193{,}65$ | $y = 1{,}5647x^2 - 3{,}9381x + 207{,}07$ | $y = 0{,}444x^2 - 2{,}8707x + 14{,}095$ |
| $R^2$ | | 0,926 | 0,963 | 0,934 | 0,961 | 0,929 |

**Сарчашма: ҳисоби муаллиф**

Аз ҷадвали 3.6 мушоҳида мегардад, ки то соли 2035 вобаста аз омили вақт ҳаҷми истеҳсоли семент ба 4475,7 ҳазор тонна, истеҳсоли хишти сохтмонӣ ба 80,0 миллион дона хишти шартӣ, истеҳсол ва коркарди рег ба 349,7 ҳазор метри мукааб, истеҳсол ва коркарди сангмайда ба 814,4 ҳазор

метри мукааб ва истеҳсоли шағал ба 149,6 ҳазор метри мукааб истеҳсол мешавад, ки назар ба соли 2026 истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ афзоиш меёбад. Тамоюли тағйирёбии ҳамаи истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар вилояти Хатлон то соли 2035 дар замимаи 5 пешниҳод шудааст.

Тибқи маълумоти дурнамои замимаи 5 мушоҳида карда мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли масолеҳҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон вобаста ба омили вақт рӯ ба афзоиш дорад.

Дар ҷадвали 3.7 тамоюли тағйирёбии нишондиҳнадаҳои дурнаморо бо нишондиҳандаҳои воқеӣ ҳисоб намуда, сурати афзоиш ва рушди онро муайян намудем.

**Ҷадвали 3.7. - Тамоюли тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон (солҳои 2015 - 2035)**

| Муодила | $У = -28,797x^2 + 521,36x + 515,48$ | $У = 0,1436x^2 + 0,5163x + 5,8318$ | $У = 1,0928x^2 - 15,516x + 193,65$ | $У = 1,5647x^2 - 3,9381x + 207,07$ | $У = 0,444x^2 - 2,8707x + 14,095$ |
|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | Семент (ҳазор тонна) | Хишт (миллион дона хишти шартӣ) | Рег (ҳазор метри мукааб) | Сангмайда (ҳазор метри мукааб) | Шағал (ҳазор метри мукааб) |
| 2015 | 1092,0 | 6,1 | 156,9 | 196,3 | 9,3 |
| 2020 | 2642,0 | 13,5 | 126,2 | 225,1 | 10,9 |
| 2024 | 2671,0 | 24,2 | 167,3 | 327,3 | 31,2 |
| 2027 | 3299,9 | 36,8 | 176,6 | 420,3 | 51,8 |
| 2028 | 3446,7 | 41,2 | 190,6 | 458,6 | 60,9 |
| 2029 | 3593,8 | 45,9 | 206,8 | 500,1 | 70,9 |
| 2030 | 3740,7 | 50,9 | 225,2 | 544,6 | 81,8 |
| 2031 | 3887,9 | 56,1 | 245,7 | 592,3 | 93,6 |
| 2032 | 4034,8 | 61,7 | 268,4 | 643,1 | 106,3 |
| 2033 | 4181,6 | 67,5 | 293,3 | 697,1 | 119,8 |
| 2034 | 4328,8 | 73,6 | 320,5 | 754,2 | 134,3 |
| 2035 | 4475,7 | 80,0 | 349,7 | 814,4 | 149,6 |
| Соли 2035/2015, маротиба | 4,1 | 13,1 | 2,2 | 4,1 | 16,2 |
| Соли 2035/2020, маротиба | 1,7 | 5,9 | 2,8 | 3,6 | 13,7 |
| Соли 2035/2024, маротиба | 1,6 | 3,3 | 2,1 | 2,5 | 4,8 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Тибқи маълумоти ҳисобии ҷадвали 3.7 мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон тамоюли афзоишро нишон медиҳад. Бо такя ба таҳлилҳое, ки дар зербобҳои 2.1 ва 2.3 анҷом дода шудаанд, ба хулоса омадем, ки дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар

вилояти Хатлон дар доираи панҷ номгӯйи асосии масолеҳ семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда ва шағал - дар ҳамин зербоб баррасӣ карда шавад. Ҷадвали мазкур натиҷаҳои ҳисобҳои моделҳои трендии бисёрҳаддии дуюмдараҷаро барои панҷ навъи асосии масолеҳҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон (семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда ва шағал) дар бар мегирад.

Дар тамоми намудҳои маҳсулот тамоюли афзоиши устувор ба назар мерасад, ки аз густариши иқтидорҳои истеҳсолӣ, рушди инфрасохтор ва афзоиши корҳои сохтмонӣ дар минтақа шаҳодат медиҳад.

Истеҳсоли семент дар вилояти Хатлон то соли 2035 тибқи ҳисобҳои мо ва вобаста аз омили вақт ба 4475,7 ҳазор тонна мерасад. Ҳаҷми истеҳсоли семент дар вилояти Хатлон аз 1092 ҳазор тонна дар соли 2015 то 4475,7 ҳазор тонна дар соли 2035 мерасад, ки ин нишондиҳанда назар ба нишондиҳандаи соли 2015 4,1 маротиба зиёд мешавад. Пас аз каме пастравӣ дар соли 2025 боз тамоюли болоравӣ ба назар мерасад. Ин нишонаи устувории бозор ва рушди истеҳсоли дохилӣ мебошад. Дар истеҳсоли хишти сохтмонӣ то давраи соли 2035 афзоиши назаррас ба чашм мерасад. Аз 6,1 млн. дона дар соли 2015 то 80 млн. дона дар соли 2035, яъне 13,1 маротиба зиёд мегардад. Ин афзоиш аз болоравии сатҳи сохтмони манзилу иншоот ва истифодаи технологияҳои нави иннватсионӣ шаҳодат медиҳад. Яке аз масолеҳи стратегӣ ва муҳим дар вилояти Хатлон рег аст. Ҳаҷми истеҳсоли рег аз 156,9 ҳазор $м^3$-и соли 2015 то 349,7 ҳазор $м^3$ то соли 2035 мерасад, яъне 2,2 маротиба афзоиш мекунад. Ин нишондиҳанда ба афзоиши талаботи корхонаҳои сохтмонӣ вобаста аст. Истеҳсоли сангмайда дар вилояти Хатлон соли 2015 ба 196,3 ҳазор $м^3$ баробар аст, ки то соли 2035 ин масолеҳи сохтмонӣ ба 814,4 ҳазор $м^3$ зиёд мегардад, суръати афзоиш нисбат ба соли 2015-м 4,1 маротиба мебошад. Ин раванд нишонаи афзоиши миқёси сохтмон ва рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ дар минтақа мебошад. Суръати афзоиши истеҳсол ва коркарди шағал дар вилояти Хатлон аз ҳама баланд аст. Тибқи натиҷаҳои ҳисобҳои дурнамоӣ, ҳаҷми истеҳсоли шағал дар вилояти Хатлон дар соли 2015 ба 9,3 ҳазор $м^3$ баробар буда, дар солҳои минбаъда тамоюли назарраси

афзоишро нишон медиҳад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои пешбинишуда, то соли 2035 ҳаҷми истеҳсоли ин навъи масолеҳи сохтмонӣ метавонад ба 149,6 ҳазор $м^3$ расад. Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи пешбинишудаи соли 2035 нисбат ба сатҳи соли 2015 тақрибан 16,2 маротиба зиёд буда, афзоиши назарраси иқтидори истеҳсолии соҳаро дар давраи дурнамоӣ инъикос менамояд. Ин нишон медиҳад, ки истеҳсоли шағал вусъат меёбад ва ба талаботи афзояндаи сохтмонӣ ҷавобгӯ мегардад.

Ба тариқи муқосавӣ агар мушоҳида намоем, маълум мегардад, ки дар вилояти Хатлон соли 2035 нисбат ба 2024, афзоиш аз 1,6 маротиба то 4,8 маротибаро ташкил медиҳад. Аз ҳама баландтарин суръати афзоиш ба шағал - 4,8 маротиба ва хишти сохтмонӣ 3,3 маротиба рост меояд. Семент, рег ва сангмайда низ (аз 1,6 то 2,5 маротиба) нишондиҳандаҳои баланд доранд.

Дар давраи солҳои 2015-2035 истеҳсоли намудҳои масолеҳҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон тамоюли афзоиши устувор ва муттасилро касб мекунанд. Ин ҳолат аз рушди иқтисодии минтақа, баланд шудани сатҳи сармоягузорӣ дар сохтмон ва такмил ёфтани иқтидорҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Пешниҳодҳои мазкур ба маҷмуи масъалаҳое равона шудаанд, ки ҳалли онҳо барои таъмини рушди минбаъдаи соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон ва дар сатҳи ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо дарназардошти дурнамои рушди соҳа, ҳалли масъалаҳои мавҷуда аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешидани тадбирҳои мақсаднок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокро талаб менамояд, аз ҷумла:

- ташкили марказҳои инноватсионӣ ва озмоишгоҳҳои муосир дар заминаи ҳамкории корхонаҳо бо муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ барои таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои экологӣ ва каммасраф;
- амалисозии барномаи минтақавии модернизатсия ва рақамикунонии корхонаҳо бо истифода аз воситаҳои дастгирии молиявӣ, андозӣ ва ҳавасмандгардонии давлатӣ;

➢ ташкили низоми истифодаи устувори конҳо ва захираҳои табиӣ дар асоси стандартҳои экологӣ, мониторинги таъсири истеҳсолот ба муҳити зист ва васеъ намудани истифодаи маводи такрорӣ;

➢ рушди инфрасохтори логистикӣ тавассути таъсиси анборҳои муосир, марказҳои минтақавии тақсимот ва истифодаи платформаҳои рақамӣ барои идоракунии ҳаракати масолеҳи сохтмонӣ.

➢ фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ бо истифода аз имтиёзҳои андозӣ, механизмҳои қарздиҳии имтиёзнок ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин ташаккули кластерҳои соҳавии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ҳудуди вилоят;

➢ таҳия ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимию истеҳсолӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисоси муҳандисӣ, технологӣ ва мутахассисони соҳаи идоракунии истеҳсолот;

➢ таъсиси портали ягонаи рақамӣ барои хариду фурӯши масолеҳҳи сохтмонӣ, ки шаффофиятро таъмин мекунад ва рақобати солимро ташвиқ менамояд;

➢ таъсиси маркази таҳлилию мониторингии рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ, ки бо омӯзиши тамоюлҳо, нишондиҳандаҳо ва дурнамои соҳа машғул буда, барои қабули қарорҳои идоракунӣ маълумоти боэътимод ва воқеӣ пешниҳод менамояд;

Вобаста ба ин, мақомоти дахлдори вилояти Хатлон бояд ба масъалаи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар доираи стратегияи рушди инноватсионии вилоят таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Бо мақсади беҳтар намудани таъминоти бозор бо масолеҳи сохтмонӣ, татбиқи як қатор чораҳои дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ аҳаммияти зиёд дорад. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани танзими оқилонаи гумрукӣ нисбат ба воридоти маҳсулоте, ки дар дохили кишвар истеҳсол мешавад, инчунин густариши воридоти бидуни боҷ барои таҷҳизот ва молҳои таъйиноти ғайритиҷоратӣ, ки истеҳсоли онҳо дар кишвар ба роҳ монда нашудааст, аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошад.

Ғайр аз ин, пешниҳоди имтиёзҳои иловагӣ барои бунёди корхонаҳои нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Вилоят дорои захираҳои ғании ашёи хоми ғайримаъданӣ мебошад, ки ин имконият медиҳад ҳамгироии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ҳудуди он асоснок гардад.

Бо назардошти мавҷудияти захираҳои ғании ашёи хом дар вилояти Хатлон, таҳияи стратегияи рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ ҳамчун зарурати воқеӣ баррасӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳлилу арзёбии масъалаҳои вобаста ба рушди инноватсионии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ нишон медиҳанд, ки барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо татбиқи як қатор чораҳои мақсаднок зарур мебошад. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод намуд:

-дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди инноватсионии соҳаи саноат маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки дар асоси онҳо давлат раванди гузариш ба истеҳсолоти инноватсиониро ҳавасманд ва дастгирӣ менамояд, зеро бе дастгирии мустақими давлатӣ ноил шудан ба сатҳи баланди рушди инноватсионӣ мушкил мебошад;

-натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки в. Хатлон дорои иқтидор ва захираҳои назарраси ҳанӯз пурра истифоданашуда аст. Бо назардошти хусусиятҳои иқтисодию географӣ ва мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ, дар минтақа шароити мусоид барои таъсиси корхонаҳои нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва роҳандозии истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот фароҳам аст.

-барои таъмини рушди инноватсионии корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ механизми ҳавасмандгардонии давлатӣ нақши калидӣ дошта, он дар татбиқи сиёсати воридотивазкунанда ва рушди истеҳсолоти содиротнигаронидашуда саҳми муҳим гузошта, дар маҷмуъ, ба баланд гардидани рақобатпазирии соҳа мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мушаххас гардид, ки пешгӯии ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои давраи то солҳи 2027-2035 дорои тамоюлҳои устувори афзоиш аст ва ҳамчун яке аз самтҳои калидии рушди иқтисоди минтақавӣ баромад менамояд. Истифодаи усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, аз қабили моделҳои трендӣ ва коррелиятсионӣ-регрессионӣ имкон дод, ки тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо сатҳи баланди эътимоднокӣ дурнамо анҷом дода шавад.

Таҳлилҳои анҷомдодашуда давраи мавриди таҳқиқ (солҳои 2015-2025) ва ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии масолеҳи сохтмонӣ (семент, хишт, сангмайда ва шағал) динамикаи афзоиши устуворро касб намуда, ин раванд дар пешгӯӣ то соли 2035 низ идома меёбад. Махсусан, зиёдшавии назаррас дар истеҳсоли хишт ва шағал ба чашм мерасад, ки ба рушди босуръати сохтмон ва инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Бо ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлил метавон қайд намуд, ки истифодаи усулҳои иқтисодӣ-математикӣ барои муайян намудани самтҳои афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Татбиқи чунин усулҳо барои асоснок намудани дурнамои рушди соҳа ва ташаккули модели устувори истеҳсолӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки иқтидорҳои мавҷуда самараноктар истифода шаванд. Дар маҷмуъ, афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ метавонад ба таҳкими рақобатпазирии иқтисодии минтақа, рушди фаъолияти саноатӣ ва баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат расонад.

## ХУЛОСА

### А. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада як қатор хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ таҳия гардидаанд, ки барои такмили фаъолияти инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аҳамияти муҳим доранд:

1. Заминаҳои назариявию методологии рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ такмил дода шуда, хусусиятҳои хоси ин раванд, мазмуни иқтисодии он ва аҳаммияташ дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки устувории рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ аз маҷмӯи омилҳои ба ҳам таъсиррасони иқтисодӣ, технологӣ, институтсионалӣ, экологӣ ва ҳудудӣ ташаккул меёбад. Дар чунин шароит татбиқи пайвастаи навовариҳои технологӣ, истифодаи мақсаднок ва сарфакоронаи захираҳои табиӣ, инчунин фароҳам овардани механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва таҳкими мавқеи рақобатии соҳа аҳаммияти калидӣ дорад. [2-М; 8-М; 1-М; 9-М].

2. Асосҳои назариявӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар шароити рушди инноватсионӣ инкишоф дода шудаанд. Муқаррар карда шудааст, ки самаранокии фаъолияти онҳо аз интихоби оқилонаи мавқеъ, дастрасии заминаи ашёи хом, инфрасохтор, захираҳои энергетикӣ, бозорҳои истеъмолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир вобастагӣ дорад. Ишбот гардидааст, ки истифодаи усулҳои илмии ҷойгиркунӣ ва ташаккули кластерҳои истеҳсолӣ ба коҳиш додани хароҷот, баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии маҳсулот мусоидат менамояд [5-М; 10-М].

3. Натиҷаҳои таҳлили вазъи кунунии саноати масолеҳи сохтмонӣ нишон медиҳанд, ки минтақа аз ҷиҳати захираҳои минералии ашёи хом ва имкониятҳои истеҳсолӣ дорои потенсиали назаррас мебошад. Бо вуҷуди ин, истифодаи нокифояи иқтидорҳои истеҳсолӣ, ақибмонии технологӣ ва сатҳи

маҳдуди ҷорӣ намудани навовариҳо ба рушди минбаъдаи соҳа монеа эҷод мекунанд. Дар ин замина, навсозии техникию технологӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ, таҳкими ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот, афзоиши ҷалби сармоя ва тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян карда мешаванд. [3-М; 7-М; 9-М; 5-М; 8-М; 2-М].

4. Муайян карда шуд, ки таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ ба сатҳи фаъолияти инноватсионии онҳо вобастагии мустақим дорад. Фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ барои навсозии истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва таҳкими мавқеи корхонаҳо дар бозор заминаи зарурӣ фароҳам меорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ, рушди иқтидори кадрӣ ва алоқамандии илм бо истеҳсолот барои баланд бардоштани сифати маҳсулот, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва мутобиқгардонии соҳа ба талаботи бозор шароити мусоид фароҳам меоранд [4-М; 5-М; 1-М; 10-М].

5. Дар натиҷаи таҳқиқот модели консептуалӣ ва механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд. Амалисозии онҳо ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва сармоягузорон асос ёфта, иштироки мутавозини онҳоро дар раванди инноватсионӣ пешбинӣ менамояд. Механизми пешниҳодшуда ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии истеҳсолот, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, дастгирии давлатии навовариҳо ва ташаккули кластерҳои истеҳсолиро дар бар мегирад. Татбиқи ин механизм барои ташаккули истеҳсолоти рақобатпазир, коҳиши вобастагӣ аз воридот ва афзоиши имкониятҳои содиротии саноати масолеҳи сохтмонӣ мусоидат менамояд [3-М; 6-М; 2-М; 9-М; 8-М; 1-М].

6. Бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-математикӣ ва моделҳои трендии полиномиалии дуюмдараҷа дурнамои рушди истеҳсоли намудҳои асосии

масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2027–2035 коркард гардид. Муайян карда шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли семент, хишти сохтмонӣ, рег, сангмайда ва шағал тамоюли устувори афзоишро ҳифз менамоянд. Қиматҳои баланди зариби дитерминатсия ($R^2$=0,926 - 0,963) боэътимодии натиҷаҳои пешгӯиро тасдиқ намуда, имконияти истифодаи онҳоро дар банақшагирии стратегии рушди соҳа асоснок мекунанд [4-М; 5-М; 7-М].

7. Самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ муайян карда шудаанд, ки азнавсозии техникӣ ва технологӣ, рақамикунонии истеҳсолот ва идоракунӣ, рушди истеҳсолоти «сабз», истифодаи пурраи ашёи хоми маҳаллӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ташкили кластерҳои истеҳсолӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва тавсеаи ҳамкории илм бо истеҳсолотро дар бар мегиранд. Амалисозии ин тадбирҳо барои мустаҳкам намудани рақобатпазирии корхонаҳо, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, афзоиши иқтидори содиротӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти вилояти Хатлон ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид мегузорад [3-М; 8-М].

8. Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки дар шароити татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат рушди устувори саноати масолеҳи сохтмонӣ ба сатҳи фаъолият ва имкониятҳои инноватсионии корхонаҳо вобастагии мустақим дорад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки механизми рушди инноватсионии соҳа бояд ҳамчун низоми ягонаи унсурҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, технологӣ, молиявӣ, илмӣ ва институтсионалӣ ташаккул дода шавад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва субъектҳои бозор барои фароҳам овардани муҳити мусоиди инноватсионӣ заминаи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи механизми мазкур имконият медиҳад, ки иқтидори ашёи хоми маҳаллӣ самаранок истифода гардида, технологияҳои муосир ба равандҳои истеҳсолӣ ворид карда шаванд. Дар натиҷаи навсозии технологӣ ва такмили идоракунии истеҳсолот имконияти баланд бардоштани сифати маҳсулот ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд. Дар маҷмуъ, татбиқи механизми

пешниҳодшуда барои таҳкими рақобатпазирии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ ва васеъ намудани мавқеи онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд [8-М; 1-М].

9. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисодиёти «сабз» ва экологикунонии истеҳсолот яке аз самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии саноати масолеҳи сохтмонӣ мебошанд. Муайян карда шуд, ки гузариш ба технологияҳои энергиясарфакунанда ва камкарбон дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ яке аз самтҳои муҳими коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти саноатӣ ба муҳити зист ба ҳисоб меравад. Истифодаи такрории партовҳои истеҳсолӣ ва сохтмонӣ, корбурди оқилонаи захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ барои коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои экологию иқтисодии корхонаҳо имконият фароҳам меорад. Дар умум, афзоиши истеҳсол ва истифодаи масолеҳи аз ҷиҳати экологӣ бехатар ба баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулот ва ташаккули рушди устувори соҳа мутобиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» ва ҳадафҳои саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. [1-М; 6-М; 9-М].

Натиҷаҳои таҳқиқот исбот менамоянд, ки инноватсияҳо омили асосии ҳаракатдиҳандаи рушди соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва устувории иқтисодиёти минтақавӣ мебошанд ва амалисозии амалии тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад сатҳи самаранокии истеҳсолот, рақобатпазирӣ ва истифодаи иқтидори захиравии маҳаллиро ба таври назаррас баланд бардорад.

### Б. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Таъмини рушди устувори истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба дараҷаи истифодаи технологияҳои навоварона, самаранокии дастгирии давлатӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои ашёи хоми маҳаллӣ вобаста мебошад. Дар ин замина, мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва муайян

намудани самтҳои сиёсати саноатикунонии босуръат метавонанд аз модели пешниҳодшуда ҳамчун воситаи илмӣ-Ммалӣ истифода намоянд. Татбиқи чунин равиш имкон медиҳад, ки самаранокии чорабиниҳои давлатӣ баланд гардида, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ мақсадноктар ва натиҷаҳои рушди саноатӣ устувортар таъмин карда шаванд. Ғайр аз ин, дар таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии иқтидори инноватсионӣ пешниҳод гардидааст, ки омилҳои илмӣ-техникӣ, молиявӣ, технологӣ ва бозориро фаро мегирад. Татбиқи низоми мазкур имконият фароҳам меорад, ки дараҷаи омодагии корхонаҳо ба азхудкунӣ ва татбиқи навовариҳо арзёбӣ гардида, дар асоси натиҷаҳои бадастомада самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии онҳо муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шаванд.

2. Баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо танҳо тавассути навсозии технологӣ, рақамикунонии истеҳсолот ва такомули низоми идоракунӣ имконпазир мебошад. Инчунин, дар назди менеҷменти корхонаҳо вазифаи мутобиқгардонии нақшаҳои стратегии рушд ба таъсири омилҳои баррасишуда меистад, ки ин имкон медиҳад коҳиши хароҷот ҳамзамон бо беҳтар гардидани хосиятҳои истеъмолии маҳсулот ба даст оварда шавад. Таъкид кардан муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолият ба дараҷаи назаррас аз мавҷудияти заминаи ашёи хом, ҳолати коммуникатсияҳои инфрасохторӣ ва устувории таъминоти энергия муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қарорҳо дар бораи ҷойгиркунонии ҳудудии корхонаҳои нав роҳнамоӣ кардан бо воситаҳои ёридиҳандаи пешниҳодшуда мувофиқи мақсад мебошад.

3. Ба шумораи маҳдудиятҳои хеле муҳимми динамикаи инноватсионӣ консолидатсияи заифи кӯшишҳои ҷомеаи илмӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт дохил мегардад. Бинбар ин, бартараф намудани ин фосила пурзӯр кардани ҳамкории муассисаҳои академикӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва сохторҳои истеҳсолиро дар шакли таҳқиқоти амалии якҷоя ва коркардҳои конструкторӣ тақозо менамояд. Дар ҳамин ҳол, хусусияти минтақавӣ бо мавҷудияти заминаи васеи захиравию ашёи хом тавсиф меёбад, ки ин барои тавсеаи

истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ уфуқҳои васеъ мекушояд. Дар ин алоқамандӣ, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми таҳияи пешниҳодҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ҳам аз ҷониби сармоягузорони миллӣ ва ҳам хориҷӣ мавриди истифода қарор гиранд.

4. Интегратсияи корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва инфрасохторӣ метавонад самаранокии фаъолиятро оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ баланд бардорад. Дар ин замина, ташкили кластерҳои соҳавӣ барои муттаҳид намудани имкониятҳои истеҳсолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва густариши фаъолияти инноватсионӣ мувофиқи мақсад мебошад. Татбиқи механизми рушди инноватсионӣ дар саноати масолеҳи сохтмонӣ таҳияи барномаҳои махсуси соҳавиро тақозо менамояд. Барномаҳои мазкур бояд фаъолияти муассисаҳои илмӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва мақомоти давлатӣро ба самти ягонаи рушди инноватсионӣ равона ва ҳамоҳанг созанд. Ҳамзамон, барои татбиқи технологияҳои пешрафта зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии мувофиқ ташаккул дода шаванд.

5. Қисми назарраси иқтидори захиравии минтақа то ҳол ба таври пурра истифода нагардидааст. Бинобар ин, ба корхонаҳо тавсия дода мешавад, ки ба истеҳсоли намудҳои нави масолеҳи сохтмонӣ, ки метавонанд ҳамчун ивазкунандаи воридот хизмат карда, ҳамзамон ба бозорҳои хориҷӣ содир карда шаванд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Яке аз мушкилоти муайяншуда норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи технологияҳои муосир ва менеҷменти инноватсионӣ мебошад. Бо ин мақсад, ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои азнавтайёркунӣ тавсия дода мешавад, ки барномаҳои махсуси омӯзиширо аз рӯйи самтҳои рақамикунонӣ, автоматикунонӣ, менеҷменти инноватсионӣ ва технологияҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ коркард ва амалӣ намоянд.

6. Дар сатҳи минтақавӣ, пеш аз ҳама дар вилояти Хатлон, таъсиси марказҳои дастгирии инноватсионӣ, ки барои консолидатсияи захираҳои технологӣ ва истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Марказҳои зикршуда метавонанд вазифаҳои майдони коммуникатсиониро барои ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва дар равандҳои истеҳсолӣ дар амал ҷорӣ намудани навовариҳо иҷро намоянд.

7. Аз нуқтаи назари таъмини фаъолияти устувори соҳаи масолеҳи сохтмонӣ ва пайравӣ ба парадигмаи афзоиши «сабз», ворид намудани барномаҳои ба таври меъёрӣ мустаҳкамшудаи барқарорсозии ҳудудҳое, ки дар раванди истихроҷи ашёи хоми минералӣ халалдор шудаанд, асоснок арзёбӣ мегардад. Барномаҳои рушди экологӣ бояд ба барқарорсозии қабати ҳосилхези хок ва анҷом додани корҳои рекултиватсионӣ дар қитъаҳои аз фаъолияти истеҳсолӣ осебдида равона карда шаванд. Замину қитъаҳои деградатсияшуда бояд пас аз барқарорсозӣ ба гардиши хоҷагидорӣ ворид гардида, вобаста ба хусусиятҳои онҳо барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ё фаъолияти саноатӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва ташкили низоми коркарди партовҳои истеҳсолӣ барои ба вуҷуд овардани ашёи хоми дуюмдараҷа зарур мебошад. Татбиқи маҷмуи чораҳои мазкур ба коҳиши таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва мутобиқ намудани рушди соҳа ба принсипҳои иқтисоди «сабз» мусоидат мекунад.

8. Барои рушди устувор ва истифодаи оқилонаи табиат ҳангоми коркарди ашёи хоми сохтмонии табиӣ аз маҷроҳои дарёҳои Панҷ ва Вахш, инчунин обовардҳои сангу шағалии маҷроӣ ва соҳилиобии ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Данғара, Восеъ ва Кӯлоб тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- истихроҷи масолеҳи сохтмонӣ бояд танҳо дар асоси баҳодиҳии илмии захираҳо ва иқтидори барқароршавии табиии онҳо амалӣ карда шавад;
- қитъаҳои санглох ва карйерҳои коркардашуда бо истифода аз қабати ҳосилхези хок бояд ба заминҳои корам, чарогоҳҳо ё минтақаҳои сабз табдил дода шаванд;
- истихроҷи омехтаи регу шағал бояд танҳо дар он ноҳияҳое иҷозат дода шавад, ки он ба устувории соҳилҳо ва арнаи дарё таъсири манфӣ нарасонад;

- захираҳои обовардҳои сангу шағали ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Данғара, Восеъ ва Кӯлоб бояд ҳамчун манбаи алтернативии масолеҳи сохтмонӣ бо мақсади коҳиш додани борбарии антропогенӣ ба маҷрои дарёҳо васеъ истифода бурда шаванд;
- ҳангоми истихроҷ ба истифодаи қувваи кории маҳаллӣ ва рушди инфрасохтори минтақавӣ бояд афзалият дода шавад;
- пас аз хатми истифодабарии карйерҳо заминҳо бояд барои эҳтиёҷоти хоҷагии қишлоқ, боғдорӣ, моҳипарварӣ ё минтақаҳои рекреатсионӣ мутобиқ карда шаванд. Амалисозии ин тавсияҳо имкон медиҳад, ки истихроҷи ашёи хоми сохтмонии табиӣ аз дарёҳои Панҷ, Вахш ва обовардҳои Ҳамадонӣ, Данғара, Восеъ ва Кӯлоб мутобиқ ба принсипҳои рушди устувор ташкил карда шавад.

Пешниҳодҳои таҳияшуда дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асоси методӣ барои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти субъектҳои дахлдор истифода шаванд. Истифодаи онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ метавонад барои такмили равандҳои таҳия ва татбиқи сиёсати соҳавӣ ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат намояд. Барои корхонаҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун воситаи такмили фаъолияти инноватсионӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ аҳаммият дошта бошанд. Ҳамзамон, татбиқи натиҷаҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти сохторҳои сармоягузорӣ метавонад ба арзёбии имкониятҳои рушди соҳа ва интихоби самтҳои афзалиятноки маблағгузорӣ мусоидат намояд.

# АДАБИЁТ

## Асноди меъёрию ҳуқуқӣ:


[1]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи канданиҳои фоиданоки маъмули умум» [Матн] таҳти № 566 аз 30 октябри соли 2009.

[2]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз [Захираи электронӣ] / Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрел ш. Душанбе - 2014. – Манбаи дастрасӣ: http:// president.tj/node/ (санаи муроҷиат: 12.05.2023).

[3]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Матн] 23.12.2018. – Душанбе: «Шарқи озод», 2018. – 39 с.

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2023 [Матн] / – Душанбе: «Шарқи озод», 2023. – 40 с.

[5]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024 [Матн] / – Душанбе: «Шарқи озод», 2024. – 40 с.

[6]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 [Матн] /  -Душанбе: «Шарки озод», 2017. – 103 с.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, №822 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, №4, моддаи 272) [Захираи электронӣ] / – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj /system/files/Legislation/822_tj.pdf (санаи муроҷиат: 19.05.2023).

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» аз 24.12.2022, №1922 [Захираи электронӣ] / – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1922_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 18.05.2023).

[9]. Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203 [Захираи электронӣ] / – Манбаи дастрасӣ: http://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId =142093 (санаи муроҷиат: 23.05.2023).

[10]. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / – Душанбе, 2021. – 236 с.

[11]. Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025 [Матн] / – Душанбе, 2020. – 30 с.

[12]. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. [Матн] – Душанбе, 2021. – 283 с.

[13]. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025. [Матн] – Душанбе, 2020. – 103 с.

[14]. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –  Душанбе, 2024, 2025. – 94 с.

[15]. Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 [Захираи электронӣ]  / Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Манбаи дастрасӣ: https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024 /08/regiony-2023-g.pdf (санаи муроҷиат: 09.07.2024).

[16]. Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025 [Захираи электронӣ] / Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Манбаи дастрасӣ: https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024 /08/regiony-2023-g.pdf (санаи муроҷиат: 05.05.2025).

[17]. Маҷмуаи омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025 [Захираи электронӣ] / Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Манбаи дастрасӣ: https://www.stat.tj/wp-content/ uploads/2024/11 /osnovnoj-regiony-2024-1.pdf (санаи муроҷиат: 05.05.2025).

[18]. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / – Душанбе, 2018. – 40 с.

